Масъалаи омода кардани омӯзгорони соҳаи табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар низоми маорифи мамлакат маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, моро лозим аст, ки дар оянда аз фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ омӯзгорону муҳаққиқони сатҳи баландро омода намуда, раванди амалишавии Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маорифро тақвият бахшем.

Эмомалӣ РАҲМОН

# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА**-вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Анвар САФАРЗОДА**-ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҳомид ҲОШИМЗОДА**-муовини якуми вазири маориф ва илм
**Равшан КАРИМЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА**-директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Фарҳод РАҲИМӢ**-раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА**-президенти АМИТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА**-ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
**Зулхия НОЗАКЗОДА**-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм
**Бахром ИСМОИЛЗОДА**-сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА**-сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ**-сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА**-директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

## САРМУҲАРРИР
**НУРАЛИЗОДА НОИЛШОХ ИМОМАЛӢ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА**-узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ

**Саида НАБИЗОДА**-муҳаррири бахши мактабшиносӣ

**Шодӣ РАҶАБЗОД**-муҳаррири бахши филологӣ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

## МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО


**Маорифи Тоҷикистон**


**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj

**Индекс:** 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60х84 1/8. Адади нашр 7730 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№5**

**№5 (253), 2026**

# М У Н Д А Р И Ҷ А


**РОҲНАМО**

Мо ба ҷавонони худ эътимоди комил дорем ва дар пешрафти Тоҷикистон ба онҳо такя мекунем *(Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон)*......3

**ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМ**

Д. САФАР. Мушти хок......5

**ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМ**

Н. МИРЗОЗОДА. Рақамикунонии такмили ихтисос – заминаи рушди маорифи муосир......6

**БА ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ**

Ҷ. МАҲКАМОВ. Рушду пешрафти маориф аз меҳнати софдилона аст......10

**ДАР ҲОШИЯИ ОЗМУНИ «ШОҲНОМАХОНӢ»**

Ҷ. ИСМАТОВ. Таъсири «Шоҳнома» дар тарбияи насли наврас......13

**23 МАЙ – РӮЗИ ҶАВОНОН**

С. ИСМОИЛОВА. Ҷавонон – қувваи пешбарандаи ҷомеа......16

**ПАЙРАВОНИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ**

А. ҚАЛАНДАРЗОДА. Нақши маърифати ватандӯстӣ дар рушди кишвар......18

**БА ИСТИҚДОЛИ 115-СОЛАГИИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА**

Ш. РАҶАБЗОД. Шеър ҳам бояд занад фавворае... ......20

**БА ИСТИҚБОЛИ 1050-СОЛАГИИ РОБИАИ БАЛХӢ**

М. СОЛЕҲОВ. Шаҳбонуи суханвар......23

**ҲАМОВОЗӢ**

Қ. РАҲИМОВ. Зиндагӣ бозтоби абадӣ дорад......26

**ДАРСИ ХЕШТАНШИНОСӢ**

С. АСРОРОВА. Шогирдони худшиносро ба камол расонем......33

**ИСЛОҲОТ**

А. АЛИЕВ, М. НЕЪМАТЗОДА. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун воситаи омодагӣ ба таҳқиқоти байналмилалии PIRLS......35

**МАКТАБ-ИНТЕРНАТ**

Р. НУРАЩМАДЗОДА. Таълиму тарбияи кӯдакони гирифтори бемории полиомиелит»......39

**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**

Г. ҒУЛОМАЛИЕВА. Кӯдакистон ва нақши он дар тарбия......41

**ЗАБОНОМӮЗӢ**

Ф. МИРЗОЕВА. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ......43

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**

М. МАҲКАМОВ, А. РАЗЗОҚОВ. Намудҳои корҳои шавқовари беруназсинфӣ......45

**МЕТОДИКА**

К. ХОЛОВ. Таълими физика дар мактаи миёна......49

**МАТЕМАТИКА**

Б. ШОДИЕВ. Хосиятҳои монандӣ. Теоремаи Пифагор......53

**ШИНОХТИ ШОИР**

С. НАБИЗОДА. Мадеҳасарои Ватан......62

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Ҳ. ҲОМИД. Муаммои «Ғалабаи бузург муборак!......64

# МО БА ҶАВОНОНИ ХУД ЭЪТИМОДИ КОМИЛ ДОРЕМ ВА ДАР ПЕШРАФТИ ТОҶИКИСТОН БА ОНҲО ТАКЯ МЕКУНЕМ

***Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон***

***22.05.2026, шаҳри Душанбе***



**Ҷавонони саодатманди кишвар!**

**Фарзандони азиз!**

Ба ҳамаи шумо Рӯзи ҷавонони Тоҷикистонро самимона табрик мегӯям. Ин ҷашнро, ҳамчунин, ба ҳамаи ҷавононе, ки дар хориҷи кишвар таҳсил ва кор мекунанд, табрик менамоям.

Имсол мо Рӯзи ҷавононро дар соли барои мардуми шарифи Тоҷикистон таърихӣ, яъне, 35-солагии истиқлоли давлатии кишварамон ҷашн мегирем. Воқеан, истиқлолу озодӣ арзишҳои муқаддастарину муҳимтарин ва неъмати беҳтарин барои ҳар як фарди ватандӯсти кишвар, махсусан барои наврасону ҷавонон мебошад.

Дар таърихи 35 соли соҳибистиқлолӣ ва давлатдории навини тоҷикон ҷавонон ҳамчун неруи ташаббускору пешбарандаи ҷомеа нақши басо муассир бозиданд. Бо ифтихор иброз менамоям, ки ҷавонони кишвар ҳамчун қишри фаъоли ҷомеа дар татбиқи сиёсати давлат, рушди иқтисоди миллӣ, пешрафти илму маориф, фарҳанг ва технологияҳои муосир иштироки фаъол доранд. Онҳо дар афзун гардонидани дастовардҳои истиқлоли давлатӣ, ҳифзи марзу буми кишвар, амнияти ҷомеа ва давлат, таҳкими сулҳу субот ва пешрафти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат саҳми арзишманд гузошта истодаанд. Яъне, имрӯз дар мамлакат соҳае нест, ки ҷавонони мо дар он иштироки фаъол надошта бошанд.

Давлат ва Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз солҳои нахустини соҳибистиқлолӣ барои фароҳам овардани шароити мусоиди таҳсил, касбомӯзӣ, варзиш, соҳибкорӣ, яъне, ба хотири мавқеи шоиста пайдо намудани ҷавонон дар ҷомеа тадбирҳои зиёдро амалӣ намуда истодааст. Дар навбати аввал, барои пешбурди муваффақонаи сиёсати давлатии ҷавонон заминаи зарурӣ ва муосири меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуд. Аз ҷумла, барои наврасону ҷавонон зина ба зина тамоми шароити донишомӯзӣ ва азхудкунии касбу ҳунар муҳайё карда шуд ва ин раванд бомаром идома дорад. Зеро яке аз роҳҳои пешрафту тараққиёти кишвар тарбияи насли ҷавони босаводу соҳибкасб мебошад.

Қобили зикр аст, ки дар 35 соли соҳибистиқлолӣ қариб як миллион нафар ҷавонони мо муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва 140 ҳазор нафар мактабҳои олии хориҷиро хатм карда, соҳиби касбу ҳунар гардидаанд. Вале таъкид менамоям, ки бо дарназардошти суръати рушди илму техника ва талаботи замона ин ҳоло ҳам қонеъкунанда нест. Дар чунин шароит омӯзиши илму донишҳои муосир, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, иқтисоди рақамӣ, технологияҳои иттилоотӣ, хизматрасониҳои электронӣ, барномасозӣ, энергетикаи нав ва соҳибкории инноватсионӣ барои ҷавонон аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Ҷавонон бояд донанд, ки рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии кишвар аз сатҳи пешрафти илму техника ва ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта вобастагии мустақим дорад. Бинобар ин, ҷавононро зарур аст, ки дар ин марҳала бо иродаи мустаҳкам ба фаъолияти самарабахши

илмиву таҳқиқотӣ ва эҷодкориву навоварӣ машғул шаванд. Ҳамзамон бо ин, дар хотир бояд дошт, ки омӯхтани забонҳои хориҷӣ ва тавсеаи ҷаҳонбинии илмӣ барои ҷавонон имкониятҳои васеи таҳсил, кор ва ҳамкориро дар сатҳи байналмилалӣ фароҳам месозад.

Касбомӯзӣ ва соҳиб шудан ба ҳунарҳои замонавӣ омили муҳимми таъмин намудани зиндагии шоиста ва расидан ба сатҳи рақобатнокии иқтисодӣ мебошад, ки ҷавонони мо дар ин самт низ бояд ҳарчи бештар талош намоянд. Ҷавонон, ҳамчунин, бояд бо тафаккури солим ва ҳисси баланди масъулият ба зуҳуроти харобиовар ва таъсири андешаҳои ифротӣ муқовимат намоянд. Зеро дар ҷаҳони пурҳаводиси кунунӣ танҳо давлатҳое пойдор ва дар муқобили таҳдиду хатарҳои имрӯз устувор мемонанд, ки мардумашон ва махсусан ҷавонони онҳо ватандӯсту огоҳ, босаводу донишманд, соҳибкасбу соҳибҳунар, ихтироъкору навовар ва сарҷамъу муттаҳид бошанд.

**Фарзандони азиз!**

Мехоҳам як нуктаи бисёр муҳимро таъкид намоям, ки шумо онро бояд ҳамеша дар хотир дошта бошед. Мо – тоҷикон миллати ориёинажод, соҳиби таърихи беш аз 6000-сола ва фарҳангиву тамаддунсоз ҳастем. Мо шоҳасари аллома Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» ва «Шоҳнома»-и безаволи ҳаким Абулқосими Фирдавсиро маҳз бо ҳамин мақсад чоп ва ройгон тақсим кардем, ки мардум ва махсусан наврасону ҷавонон аз таърихи гузаштаи худ, яъне аз решаи хеш, аз анъанаҳои ватандӯстиву ватандории худ огоҳ бошанд, аз онҳо ифтихор намоянд ва ба хотири ҳифз кардану таҳким бахшидани онҳо талош намоянд.

Хусусан, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таъсири манфии фарҳангу суннатҳои бегона шумо бояд арзишҳои бунёдии миллӣ – таърих, забон фарҳанг, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои миллати бостонии тоҷикро омӯзед, донед ва барои ҳифз кардану густариш додани онҳо талош намоед. Муҳимтар аз ҳама, ба қадри неъмати бебаҳои миллату давлат – истиқлолу озодӣ расед ва тамоми неруи худро барои ҳимояву таҳкими он равона созед. Чунки маҳз ҳамин неъмати бебаҳо аст, ки моро дар арсаи ҷаҳон мешиносанду эҳтиром менамоянд ва ба тамаддуни қадимаамон арҷ мегузоранд.

Мо наврасону ҷавонони имрӯзаро беҳуда манбаи ташаббусҳои азим, созандагони фардои ободи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва қувваи пешбарандаи ҷомеа нагуфтаем. Зероояндаи дурахшони давлат ва миллат танҳо дар дасти шумо – наврасону ҷавонони бонангу номус, худогоҳу худшинос ва дорои тафаккури муосир аст. Мо ба ҷавонони худ, яъне, насли замони истиқлол, ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстии онҳо эътимоди комил дорем ва дар пешрафти Тоҷикистон аз ҳама бештар ба онҳо такя мекунем.

Бовар дорем, ки ҷавонони мо барои истиқболи сазовори ҷашни муқаддасу бузурги миллиамон – 35-солагии истиқлоли давлатӣ саҳми арзишманду назаррраси худро мегузоранд.

**Ҷавонони азиз!**

Ман ба шумо муроҷиат карда, бори дигар таъкид менамоям, ки истиқлолу озодиро ҳамчун муқаддастарину азизтарин неъмат барои миллати озодихоҳу сулҳпарвари тоҷик ҳимоя кунед. Ин Ватани биҳиштосоро сидқан дӯст доред, онро чун сарзамини аҷдодамон барои наслҳоиояндаи миллати куҳанбунёди тоҷик ҳифз намоед. Дар ҳеҷ ҳолат ба Ватан – модар ва миллати худ хиёнат накунед. Дар шароити бисёр ҳассосу мураккаби ҷаҳони имрӯза симои маънавии миллати бостонии тоҷикро ҳимоя кунед. Намунаи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, одоби муошират, ҳисси баланди миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худшиносиву худогоҳӣ бошед. Эҳтироми падару модар ва калонсолонро ба ҷо оваред ва одобу расму ойинҳои неки миллиро риоя намоед. Забони модариро покиза нигоҳ доред, зеро забони мо яке аз қадимтарин ва зеботарин забонҳои дунё ба ҳисоб меравад ва ин забони ширину шево ҳастии миллати бостонии тоҷик аст.

Шумо, ки дар фазои ваҳдату субот ва рушди кишвари озодамон камол ёфта истодаед, уҳдадоред, ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро ҳифз намуда, бо кору амали созандаи худ онро боз ҳам ободу пешрафта гардонед. Ҳар як наврасу ҷавон бояд амиқан дарк намояд, ки Тоҷикистон Ватани ӯ, хонаи муқаддаси ӯст ва ободии он аз заҳмат, садоқат ва масъулияти ӯ вобаста мебошад.

Бори дигар ҳамаи шумо – давомдиҳандагони таъриху фарҳанги қадимаи миллати ориёинажоди тоҷикро ба ифтихори Рӯзи ҷавонон табрик гуфта, ба ҳар яки шумо, пеш аз ҳама, саломатӣ, саодати рӯзгор, хушбахтӣ ва дар кору фаъолияти ободгаронаатон ба хотири пешрафти Ватани азизамон барору комёбиҳои боз ҳам бештар орзу менамоям.

Бигзор, ҷавонони Тоҷикистон ҳамеша пешсафи илму маърифат, ҳомии сулҳу субот ва созандаи имрӯзу фардои дурахшони Ватани азизамон бошанд!

**Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон муборак, фарзандони азиз!**

# МУШТИ ХОК

***Ба ёди фарзандони сарсупурдаи миллати тоҷик – Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ва Нисор Муҳаммад, ки бо иқдоми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушти хокашон ба Тоҷикистон оварда шуд.***



**Давлат САФАР –**
**Шоири халқии Тоҷикистон**










*Ба ҳар зарраҳои ҳамин мушти хок,*
*Ниёз асту роз аст аз қалби пок.*

*Шукӯҳи баланди ватандорӣ аст,*
*Ба аҳди сиёсат вафодорӣ аст!*

*Ҳамин мушти хоку ҳамин мушти гил,*
*Бувад мушти ҷону бувад мушти дил.*

*Бувад мушти нангу номусу ном,*
*Ба обу гили Тоҷикистон салом.*

*Бувад мушти руҳи азизони мо,*
*Тани хокбарсар, тани ҷони мо.*

*Ҳамин мушт гӯяд зи ҳарфи ҳадаф,*
*Кунад роз ифшо гапи ҷон ба каф;*

*Дар он рӯзгорони армоншикан,*
*Набуд ҳарфи дигар ба ғайри Ватан.*

*Кунун мушти хок аст пайвандсоз,*
*Ба қалби шикаста, ба армони роз...*

*Дигар роз гӯяд ба хоки Ватан,*
*Биёрояд акнун гапи анҷуман.*

*Гиреҳ баркушояд аз он рӯзи шум,*
*Кунад қисса аз қисмати марзу бум.*

*Ҳамин мушти хок аст шаъну шараф,*
*Ки бар пешвозаш кашиданд саф.*

*Зи иқдоми неки Ҷалолатмаоб,*
*Дили санги Меҳан бигардид об.*

*Буд ин поси хотир ба мо обрӯ,*
*Ҳама то қиёмат кунад гуфтугӯ!*



# РАҚАМИКУНОНИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС – ЗАМИНАИ РУШДИ МАОРИФИ МУОСИР



**Наврӯз МИРЗОЗОДА – ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф**

**Дар шароити рӯйи кор омадани талаботи нав дар бозори меҳнат, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, пайдо гардидани зарурати таъмини рақамикунонӣ дар идоракунӣ ва раванди таълиму тарбия ва вазъияти печидаи ҷаҳони муосир рақамикунонии тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, соҳаи маориф ба зарурати стратегӣ табдил ёфтааст. Аз ин ҷост, ки зарурати муосиркунонии маорифи миллӣ аз масъалаҳои муҳимму асосӣ ба ҳисоб рафта, дар ин маврид нисбат ба он ҳамчун самти афзалиятнок тадбирҳои зиёд андешида мешаванд.**

Масъалаи мазкур таҳти таваҷҷуҳи ҳамешагии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, аз ҷумла, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамоянд: «Хотирнишон менамоям, ки авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд»[1].

Дар ин замина, рақамикунонии такмили ихтисоси омӯзгорон на танҳо воситаи навсозии шакл ва мазмуни таълим, балки омили муҳимми рушди устувори низоми маориф низ ба ҳисоб меравад, зеро нахуст ҳар гуна ислоҳоти маориф тавассути омӯзгор амалӣ мегардад. Мушоҳидаҳо баёнгари онанд, ки коркарди барномаҳо, стандарт ва технологияҳо бе омодагии касбии омӯзгор натиҷаи дилхоҳ намедиҳанд. Сифати таҳсилот, пеш аз ҳама, аз сатҳи касбияти омӯзгор вобастагии мустақим дошта, метавон гуфт, ки агар омӯзгор тағйир наёбад, низоми маориф низ тағйир намеёбад. Дигар ин ки дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ табиист, ки муҳтавои таълим зуд куҳна мешавад. Дар ин сурат такмили ихтисос механизмест, ки омӯзгорро бо донишҳои нав, усулҳои муосир ва салоҳиятҳои рақамӣ мусаллаҳ мегардонад. Ҳамзамон, такмили ихтисос механизми бевоситаи таъсиррасонӣ ба сифати таҳсилот буда, пеш аз ҳама, ба беҳтар шудани сатҳи методика, истифодаи технологияҳои интерактивӣ, ҷорӣ намудани арзёбии муосир ва рушди тафаккури таҳлилии омӯзгорон мусоидат мекунад. Илова бар ин, ҳар як барномаи нави давлатӣ, стандарт ё консепсияи таълимӣ маҳз тавассути курсҳои такмили ихтисос татбиқ мегардад, ки он баёнгари нақши пул байни сиёсат ва амалияро иҷро кардани муассисаҳои такмили ихтисос мебошад. Мушоҳидаҳои амалӣ




[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28 декабри соли 2023. – Душанбе: Шарқи озод, 2023. – С. 42.

баёнгари онанд, ки барои таъмини рушди устувори маориф омӯзгор бояд қобилияти мутобиқшавӣ ба тағйироту ислоҳот дар соҳаро дошта бошад. Вобаста ба ин, такмили ихтисос имкони рушди пайваста ва муттасили касбиро таъмин менамояд. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки бахши такмили ихтисоси омӯзгорон дар саргаҳи муосиркунонии маорифи миллӣ қарор дошта, механизми асосии татбиқи ислоҳот, рушди салоҳиятҳои рақамӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад ва бе рушди пайвастаи омӯзгор, ислоҳоти системавӣ наметавонад устувор бошад. Дар навбати худ рушди устувори соҳаи маориф бевосита ба сатҳи омодагии касбии омӯзгорон вобаста мебошад. Бинобар ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «бояд ба масъалаҳои аз такмили ихисос гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорону хонандагон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода намудани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир карда шавад»[1].

Имрӯзҳо, бо вуҷуди чораҳои андешидашуда, дар самти рақамикунонии маориф ҳанӯз як қатор мушкилот боқӣ мондааст. Аз ҷумла:

- сатҳи нобаробари саводнокии рақамии омӯзгорон;
- дорои маҳорати кофии кор бо платформаҳои рақамӣ набудани қисме аз омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
- то ҷое мавҷуд будани маҳдудияти дастрасӣ ба платформаҳои муосири таълимӣ ва амсоли инҳо.

Дар чунин шароит зарурати таҳияи модели муосири рақамикунонии такмили ихтисосе ба миён меояд, ки тавонад рушди касбии омӯзгоронро дар асоси технологияҳои рақамӣ таъмин намояд. Рақамикунонӣ дар соҳаи такмили ихтисос ба маънои ворид намудани технологияҳои рақамӣ ба тамоми марҳалаҳои омӯзиш аз банақшагирӣ ва ташкили раванди таълим то мониторинг ва арзёбии натиҷаҳо мебошад. Ин раванд ба ташаккули муҳити нави таълимӣ мусоидат намуда, имконоти омӯзиши фосилавӣ, омехта ва худомӯзиро фароҳам меорад, ки дар натиҷа омӯзгорон на танҳо истифодабарандаи технология, балки субъекти фаъоли муҳити рақамӣ мегарданд. Аз ин нуқтаи назар, маҳз ин раванд ба рушди салоҳиятҳои рақамӣ ва методии омӯзгорон мусоидат мекунад.

Ҷиҳати даст ёфтан ба ин ҳадаф дар бахши такмили ихтисоси омӯзгорон бо дастгирии бевоситаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зиёде андешида мешавад, ки асосан, чунин унсурҳоро дар бар мегиранд:

- таъмини рушди муттасили касбии омӯзгорон;
- гузариш ба шаклҳои нисбатан самаранок ва санҷидашудаи муосири модулӣ, мавзуӣ, фосилавӣ ва омехтаи такмили ихтисос;
- рақамикунонии такмили ихтисоси омӯзгорон;
- ташкили вебинар, форум ва курсҳои онлайн;
- ба таври васеъ ба роҳ мондани мониторинги электронии натиҷаҳо.

Вобаста ба таҳлили ҳар кадом унсури мазкур, имконияту фаъолиятҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳо самтест, ки омӯзиши алоҳидаро мехоҳад.

Рақамикунонии такмили ихтисос на танҳо навсозии шакли таълим, балки механизми рушди устувори соҳаи маориф буда, омили калидии рушди устувори соҳаи маориф низ ба ҳисоб меравад ва ба чунин самтҳо имконият фароҳам меорад:

**Таъмин гардидани дастрасӣ ба таълими босифат**. Рақамикунонии такмили ихтисос имкон медиҳад, ки муҳтавои таълимӣ дар шакли электронӣ (курсҳои онлайн, вебинарҳо,

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28 декабри соли 2023. – Душанбе: Шарқи озод, 2023. – С. 44.

китобхонаҳои рақамӣ, видеодарсҳо) барои тамоми омӯзгорон дастрас гардад. Ин раванд вобастагиро аз маҳдудиятҳои ҷуғрофӣ, камбудии вақт ва дурии роҳу сарбории муайян коҳиш дода, имкони истифодаи захираҳои беҳтарини таълимӣ ва таҷрибаи пешқадамро фароҳам меорад. Дар натиҷа, раванди баландбардории маҳорати касбӣ мутобиқ ба стандартҳои муосир таъмин мегардад.

**Таъмини рушди муттасили салоҳиятҳои касбии омӯзгорон**. Муҳити рақамӣ шароит фароҳам меорад, ки омӯзгорон ба таври доимӣ, зина ба зина вобаста ба ниёзҳои касбӣ салоҳиятҳои худро такмил диҳанд. Платформаҳои таълимӣ имкони омӯзиши инфиродӣ, интихоби модулҳои дахлдор ва пайгирии пешрафти шахсиро фароҳам месозанд. Ин раванд консепсияи «омӯзиши тамоми ҳаёт»-ро амалӣ намуда, рушди касбиро ба раванди муттасил табдил медиҳад.

**Такмили низоми мониторинг ва арзёбии сифат ва самаранокии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон**. Истифодаи системаҳои электронӣ дар раванди таълим ва идоракунӣ имкон медиҳад, ки иштирок, фаъолият ва натиҷаҳои омӯзгорон ба таври автоматӣ муайян шуда, кам намудани омили инсонӣ, сарфаи вақт сабт ва таҳлили саривақтӣ таъмин карда шаванд. Ин омилҳо ба баланд гардидани шаффофият, объективият ва дақиқии арзёбиҳо мусоидат намуда, барои такмили муҳтавои нақшаю барнома ва дигар маводи методии курсҳои такмили ихтисос ва қабули қарорҳои идоракунӣ заминаи боэътимод фароҳам меоранд.

**Таъмини баробарии имконоти таълимӣ.** Рақамикунонӣ фарқиятҳои минтақавӣ ва иҷтимоиро коҳиш дода, барои ҳамаи омӯзгорон шароити баробар фароҳам меорад. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳрӣ ва деҳот метавонанд аз як манбаи ягонаи таълимӣ истифода баранд, ки он ба адолати таълимӣ ва муттаҳидшавии муҳити ягонаи касбии омӯзгорон мусоидат мекунад.

**Беҳтар намудани сатҳи саводнокии рақамии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**. Раванди истифодаи технологияҳои рақамӣ дар такмили ихтисос худ ба худ боиси рушди саводнокии рақамии омӯзгор мегардад. Омӯзгорон малакаҳои кор бо воситаҳои электронӣ, амнияти иттилоотӣ, коркарди маълумот ва истифодаи захираҳои онлайнро аз худ мекунанд. Ин салоҳиятҳо барои фаъолияти таълимии муосир аҳаммияти калидӣ доранд.

**Дорои маҳорати кофии кор бо платформаҳои рақамӣ гардидани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Иштироки мунтазам дар курсҳои рақамӣ боиси он мегардад, ки омӯзгорон на танҳо истифодабарандаи одӣ, балки корбари соҳибмаҳорат гарданд. Онҳо метавонанд озмоишгоҳҳои виртуалӣ ташкил намоянд, санҷишҳои онлайнӣ таҳия кунанд, муҳтавои рақамӣ эҷод намоянд ва раванди таълимро дар шаклҳои омехта ба роҳ монанд. Ин омил сифати дарс ва ҷалби хонандагонро ба таври назаррас баланд мебардорад.

**Тақвияти ҳамкории касбӣ**. Шабакаҳои рақамӣ ва ҷомеаҳои онлайнӣ ба мубодилаи таҷриба, баррасии масъалаҳои методӣ ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадам мусоидат мекунанд.

Табиист, ки барои татбиқи самараноки имконоти зикршуда, мавҷудияти заминаҳои муайян, аз қабили имконоти кадрӣ ва моддию техникӣ зарур мебошад. Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дорои як қатор шароит мебошад, ки метавонанд заминаи боэътимоди рақамикунонии такмили ихтисосро ҳамчун заминаи асосии морифи муосири миллӣ фароҳам созад, зеро он дорои чунин шароит мебошад:

**Заминаи меъёриву ҳуқуқӣ**. Донишкада фаъолияти худро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои соҳавӣ ба роҳ монда, дар самти рақамикунонӣ ҳадафҳои стратегиро муайян кардааст. Мавҷудияти Стратегияи рушди Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф барои давраи то соли 2030 ва нақшаҳои рушди

миёнамуҳлат имкон медиҳанд, ки раванди рақамикунонӣ ба таври марҳалавӣ ва ҳадафманд амалӣ гардад.

**Иқтидори кадрӣ ва илмӣ-методӣ.** Дар донишкада ва филиалҳо мутахассисони ҳирфаии соҳаи педагогика, методика ва технологияҳои иттилоотӣ фаъолият доранд. Ин захираи кадрӣ метавонад таҳия ва татбиқи барномаҳои рақамӣ, эҷоди курсҳои онлайнӣ ва таъмини ҳамоҳангии методиро ба зимма гирад. Илова ба ин, таҷриба дар самти такмили ихтисос имкон медиҳад, ки муҳтавои курсҳо ба талаботи воқеии омӯзгорон мутобиқ гардонида шавад.

**Пояи моддию техникӣ ва инфрасохтори рақамӣ**. Мавҷудияти синфхонаҳои компютерӣ, шабакаи интернет, таҷҳизоти муосири техникӣ ва имкони истифодаи платформаҳои таълимӣ заминаи муҳим барои ташкили курсҳои фосилавӣ ва омехта буда, донишкада метавонад ба маркази миллии омӯзиши рақамӣ табдил ёбад.

**Таҷрибаи ташкили курсҳои фосилавӣ ва омехта**. Таҷрибаи гузаронидани вебинарҳо, семинарҳои онлайнӣ ва истифодаи воситаҳои рақамӣ дар раванди омӯзиш нишон медиҳад, ки донишкада аллакай ба марҳалаи ибтидоии рақамикунонӣ ворид гардидааст. Ин таҷриба метавонад ҳамчун поя барои таҳияи низоми мукаммал ва платформаи ягонаи таълимӣ хидмат намояд.

**Низоми мониторинг ва арзёбӣ**. Мавҷудияти сохторҳои масъул оид ба таҳлил ва назорати сифати курсҳо шароити мусоид барои ворид намудани механизмҳои электронии мониторинг фароҳам меорад. Бо татбиқи системаҳои рақамии идоракунии таълим, донишкада метавонад равандҳои баҳодиҳӣ ва таҳлили натиҷаҳоро шаффоф ва дақиқ гардонад.

**Ҳамкориҳои дохилӣ ва байналмилалӣ.** Робита бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ, марказҳои омӯзишӣ ва шарикони рушд имкон медиҳад, ки таҷрибаи пешқадам ва технологияҳои муосир ҷорӣ карда шаванд. Ин ҳамкорӣ метавонад ба табодули захираҳои рақамӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак мусоидат намояд.

Дар шароити тағйироти босуръати иҷтимоиву иқтисодӣ ва густариши фазои иттилоотӣ, рақамикунонӣ ба яке аз омилҳои ҳалкунандаи рушди соҳаҳои стратегӣ табдил ёфтааст. Соҳаи маориф, ки заминаи ташаккули сармояи инсонӣ ва неруи зеҳнии миллат мебошад, наметавонад аз ин раванд дар канор бимонад. Аз ин рӯ, рақамикунонии такмили ихтисоси омӯзгорон на танҳо иқдоми техникӣ, балки зарурати объективии рушди маорифи миллӣ ба шумор меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки татбиқи технологияҳои рақамӣ дар низоми такмили ихтисос ба таъмини дастрасии баробар ба таҳсилоти босифат, рушди муттасили салоҳиятҳои касбӣ, такмили низоми мониторинг ва арзёбӣ, баланд гардидани саводнокии рақамӣ ва таҳкими маҳорати кор бо платформаҳои муосир мусоидат менамояд. Ин раванд ба ташаккули омӯзгори рақобатпазир, эҷодкор ва мутобиқ ба талаботи ҷомеаи рақамӣ замина мегузорад.

Дар ин замина, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дорои шароити мусоиди институтсионалӣ, кадрӣ ва моддию техникӣ буда, дар татбиқи самараноки сиёсати рақамикунонӣ мусоидат менамояд. Мавҷудияти таҷрибаи методӣ, имконоти ташкили курсҳои фосилавӣ ва иқтидори таҳлилӣ замина фароҳам меоранд, то ин раванд ба таври низоми яклухт ва марҳалавӣ амалӣ гардад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки рақамикунонии такмили ихтисоси омӯзгорон заминаи асосии ташаккули маорифи миллии муосир мебошад, зеро маҳз омӯзгори дорои салоҳиятҳои рақамӣ метавонад муҳити таълимиро навсозӣ намуда, хонандаро ба талаботи асри XXI омода созад. Татбиқи пайгиронаи ин раванд кафолати устувории рушди соҳаи маориф ва таҳкими рақобатпазирии низоми таълимии кишвар дар фазои ҷаҳонӣ хоҳад буд.

# РУШДУ ПЕШРАФТИ МАОРИФ АЗ МЕҲНАТИ СОФДИЛОНА АСТ

**Ҷаҳонгир МАҲКАМОВ – узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон**

**Дар солҳои аввали истиқлоли давлатӣ ҷиҳати рушди соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ як қатор тадбирҳои бузург андешида шуданд. Агар ба ислоҳоти соҳаи мактабу маориф назар андозем, се марҳалаи амалӣ намудани сиёсати давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлолро мушоҳида кардан мумкин аст: марҳалаҳои ибтидоӣ, зиддибуҳронӣ ва стратегӣ.**

**Марҳалаи якум** солҳои 1991-1997-ро дар бар гирифта, Тоҷикистон дар оғози ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ба душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ гардид, ки он ба муқовимати шадиди сиёсӣ, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва буҳрони сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва фарҳангии кишвар вобаста буд. Дар марҳалаи мазкур дар соҳаи мактабу маориф чунин падидаҳои буҳронӣ, амсоли танқисии молиявии муассисаҳои таълимӣ, ба маротиб поён рафтани сатҳи маблағгузории давлатии соҳаи маориф, сари вақт пардохт нагардидани маоши омӯзгорон, соҳаи маорифро тарк намудани қисме аз онҳо, муҳоҷирати меҳнатиро интихоб намудан ва ё ба тиҷорат машғул шудани муаллимон, фарсудаву хароб гаштани биноҳои таълимӣ ва ғайра хос аст. Хусусан, бар асари ҷанги шаҳрвандӣ дар минтақаҳои ҷангзадаи Тоҷикистон бисёр иншооти таълимӣ, тарбиявӣ ва фарҳангӣ харобу нобуд гаштанд. Аз рӯйи маълумоти Хазинаи асъори байналхалқӣ ва Бонки умумиҷаҳонӣ, солҳои ҷанги шаҳрвандӣ қариб 20 фоизи мактабҳои ҷумҳурӣ харобу валангор гаштанд, беш аз 130 бинои мактабӣ ба таъмири ҷорӣ, таъмини асбобу ашёи таълимӣ, дастуру китобҳои дарсӣ, васоити моддӣ-техникии таълимӣ ниёз доштанд. Зарурати сохтмони мактабҳои нав бо 20 ҳазор ҷойи нишаст бар ивази биноҳои харобу вайронгашта ба миён омад.

**Марҳалаи дуюми** ислоҳот солҳои 1997-2004-ро дар бар гирифта, давраи мазкур хусусияти зиддибуҳронӣ дошт ва соҳаи маорифи кишвар тадриҷан аз ҳолати буҳронӣ раҳоӣ меёфт. Дар ин давра дар ҷумҳурӣ бо мақсади рушди соҳа ва ислоҳоти он, баланд бардоштани дараҷаи таҳсилот, беҳтар намудани вазъи моддии омӯзгорон, баланд бардоштани тахассусмандии кадрҳои омӯзгорӣ, тарбия ва тайёр кардани мутахассисони ҷавон ва дастгирии моддӣ ва маънавии онҳо, беҳдошти вазъи муассисаҳои таълимӣ, таҳия ва амалӣ намудани барномаву консепсияҳо ва стандартҳои давлатӣ амалӣ гаштанд.

Танҳо тӯли солҳои 2002-2006 Ҳукумати мамлакат наздики 10 барномаи давлатӣ, 5 Нақшаи миллӣ ва даҳҳо қарору санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намуд, ки онҳо ба мақсади рушди соҳаи мактабу маориф, таҳаввулот ва тағйироти сифатии тамоми зинаҳои таҳсилот, таъмин намудани соҳа бо кадрҳои баландихтисос, таҳкими пояи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ, ҳалли масъалаҳои гендерӣ ва ғайра равона гардида буданд.



**Марҳалаи сеюми** ислоҳот, ки давраи стратегӣ ба ҳисоб меравад, аз соли 2004 оғоз гардида, то имрӯз идома дорад. Дар ин давра Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (солҳои 2013, 2016, 2017, 2018, 2020) дар таҳрири нав қабул гардида, тағйиру иловаҳо ворид шуда, раванди ислоҳот ва таҳаввулот (модернизатсия)-и соҳаи маориф идома дода шуд. Дар ҷумҳурӣ марҳала ба марҳала низоми нави маблағгузории соҳаи маориф, пардохти маош, баҳодиҳии сифати таҳсилот, рушди инфрасохтори муассисаҳои

таълимӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои нави идоракунии соҳа, бунёди базаи моддиву техникаи замонавӣ, дастгирии истеъдодҳо, дар мактаби олӣ ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсилот, таҷдиди низоми такмили ихтисоси омӯзгорон ва ғайра амалӣ гаштанд.

Дар заминаи сиёсати созандаи давлат ва саҳми соҳибкорони ватандӯсту шахсони саховатпеша дар замони соҳибистиқлолӣ 1435 муассисаи таълимӣ бо 231 ҳазор ҷойи нишаст бо маблағи 1,7 миллиард сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст, ки ин дастоварди барҷастаи ҷомеаи шаҳрвандии мо маҳсуб мешавад. Танҳо дар соли 2025 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 309 муассиса ва синфхонаҳои иловагӣ барои зиёда аз 94 ҳазор нафар дар саросари кишвар бунёд шудаанд, ки бешубҳа, барои фарогирии бештари кӯдакон ба таҳсил ва фароҳамсозии шароити муносиб ҷиҳати омӯзишу парвариш заминаи мустаҳкам мегузорад.

Пешравиҳои соҳаи маориф дар нишондодҳои оморӣ низ инъикоси равшан доранд. Агар соли 1991 дар кишвар 3229 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо 1,3 миллион нафар хонанда амал мекард, имрӯз ин нишондиҳанда ба 4037 муассиса, аз ҷумла, 170 литсейю гимназия бо беш аз 2,3 миллион нафар хонанда расидааст. Ин густариши фарогирии таҳсилоти миёна, иловатан, нишондиҳандаи болоравии сатҳи маърифат ва арзёбии таҳсил ҳамчун омили рушди шахсӣ ва иҷтимоӣ дар тафаккури ҷомеа мебошад.

Дар самти таҳсилоти олӣ ва касбӣ низ давлати мо бо суръати баланд пеш рафта истодааст. Аз 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар соли 1991 бо фарогирии 69 ҳазор донишҷӯ, имрӯз ин шумора ба 48 муассиса ва 214 ҳазор донишҷӯ расидааст. Ҳамзамон, 65 литсейи касбӣ-техникӣ, 88 коллеҷ ва курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ бо зиёда аз 140 ҳазор нафар фарогири соҳаи таҳсилоти касбӣ мебошанд, ки ба бозори меҳнати рақобатнок ҷавобгӯ мебошанд ва кафолати кадрҳои соҳибкасби миллӣ маҳсуб меёбанд.

Пешрафти илму техника, махсусан, технологияи навин ба устувор гаштани мақоми мактабҳои олӣ таъсири бузург расонид. Маҳз дар ҳамин самт дар замони истиқлолият Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, ки ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон табдил дода шуд, фаъолияти худро боз ҳам васеъ намуд. Донишкадаҳои омӯзгорӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, Бохтар, донишкадаҳои политехникӣ, тиббӣ, аграрӣ, тиҷорат ва технологӣ ҳама ба донишгоҳ табдил ёфтанд.

Дар шароити соҳибистиқлолӣ ба ислоҳот (модернизатсия)-и соҳаи таҳсилоти олӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардид. Дар ин радиф гузариш ба низоми нави таҳсилот – низоми кредитӣ яке аз ҳадафҳои асосии Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ ба шумор мерафт.

Сараввал дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004, №291 ба технологияи кредитии таҳсил ба сифати таҷрибавӣ ду мактаби олӣ: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ гузаронида шуданд. Имрӯз ба низоми кредитӣ ҳамаи мактабҳои олии Тоҷикистон гузаронида шуданд. Муҳимтарин вазифаи гузариш ба низоми кредитии таҳсилот ҷорӣ намудани таълимоти бисёрзинагӣ маҳсуб меёбад. Дар Тоҷикистон дар асоси қонун низоми сезинагии таҳсилот ҷорӣ шудааст: бакалавриатура, магистратура ва PhD (докторантура).

Хусусиятҳои зерини низоми кредитии таҳсилот маълум аст:

а) иштироки бевоситаи донишҷӯ дар таҳияи нақшаи фардии таълим ва муайян кардани самти таҳсили ӯ;

б) имконияти озодона интихоб намудани қисми фанҳои дар нақшаи таълимӣ дарҷёфта;

в) таҳсили хадамоти машваратчиёни академӣ (эдвазейрҳо ва тюторҳо) бо мақсади ёрирасонӣ ба донишҷӯён дар интихоби фанҳои таълимӣ;

г) истифодаи низоми нави баҳодиҳӣ тибқи холҳо;

д) мустақилият ва озодии академии факултетҳо, кафедраҳо ва устодон дар ҷодаи ташкили раванд ва интихоби усулҳои таълим;

е) баҳисобгирии дараҷаи меҳнатталабии кори таълимии устодон на аз рӯи вакт (соати дарсӣ), балки аз рӯи ҳаҷми маводи дарсии ба донишҷӯён расонидашуда;

ё) ба роҳ мондани раванди таълим тавассути истифодаи технологияи иттилоотии муосир;

ж) болоравии сатҳи такмили ихтисоси устодон ва сифати дарсии онҳо;

з) ба роҳ мондани усули қабули имтиҳонҳои ҷорӣ, фосилавӣ ва ҷамъбастӣ;

и) интихоби устодон аз тарафи донишҷӯён;

й) имконияти гузаштан аз як муассисаи таълимӣ ба муассисаи дигар, аз як донишгоҳ ба донишгоҳи дигар, аз як барнома ба барнома (ихтисос)-и дигар.

Баъди гузаштан ба низоми кредитии таҳсилот симо (инфраструктура)-и мактабҳои олӣ куллан тағйир ёфт, дар натиҷа ҳалли масъалаҳои зарурии таълиму тарбия осон гардид. Дар муассисаҳои таълимӣ матбааҳои худӣ ташкил гардида, дар онҳо китобҳои зарурӣ ва дастурҳои таълимӣ табъу нашр гардиданд. Ҳамаи факултетҳо ба шабакаҳои интернетӣ пайваст гаштанд, синфхонаҳои замонавии компютерӣ созмон додаву ташкили раванди банақшагирии таълиму тадрис автоматикунонида шуданд ва ғайра. Донишҷӯён имконияти чи шифоҳӣ ва чи ба тариқи тестӣ (ба воситаи копютер) супоридани имтиҳонҳоро пайдо карданд.

Яке аз самтҳои бунёдии сиёсати маориф дар даврони соҳибистиқлолӣ, фароҳам овардани имконияти таҳсил дар хориҷи кишвар барои ҷавонони болаёқат мебошад. То имрӯз беш аз 117 ҳазор нафар ҷавон ба донишгоҳҳои маъруфи 42 кишвари пешрафта фиристода шуда, айни замон 42 ҳазору 400 нафар, аз ҷумла, 13 ҳазор духтар дар хориҷи кишвар таҳсил доранд. Ин дастовард гувоҳи сиёсати хирадмандона ва оянданигарест, ки тавассути он Тоҷикистон дар фазои ҷаҳони мутамаддин ҳамчун кишвари дорои неруи зеҳнии баланд ва насли созанда муаррифӣ мегардад.

Бояд зикр кард, ки бо мақсади пардохти хароҷоти таҳсил фиристодани хатмкардагони болаёқати мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва мактабҳои хориҷа аз 2 августи соли 2008, №5 стипендияи «Дурахшандагон») ҷорӣ карда шудааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 апрели соли 2009, №208 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» қарор қабул намуд.

Бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ ва тавсеаи тафаккури техникии насли наврас «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф солҳои» барои солҳои 2020-2040 эълон гардид. Ҳамасола олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ оид ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот гузаронида шуда, ғолибони озмунҳо аз лиҳози моддию маънавӣ қадршиносӣ ва ҳавасманд гардонида мешаванд. Баҳри баланд бардоштани маънавиёт, фарҳанг, рӯ овардан ба китоб ва фарҳанги китобдӯстӣ озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Илм – фурӯғи маърифат» ки бо дастури Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда шудаанд, шоистаи ситоиш мебошанд.

Сол ба сол баҳри пешбурди соҳа ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва донишазхудкунии хонандагон, қадрдонии омӯзгорон ва таъмин бо имтиёзоти пешбинишуда беҳтару хубтар мегардад. Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ 22 маротиба маоши омӯзгорон баланд бардошта шуд. Шуруъ аз моҳи сентябри соли равон маоши кормандони соҳаи маориф ба андозаи 20 фоиз ва омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ 30 фоиз зиёд карда мешавад. Ҳамчунин, бо дастури Пешвои миллат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» тасдиқ шуд. Қабули чунин санади сарнавиштсоз ба соҳибнуфузу воломақом гардидани шахсияти омӯзгор ва беҳтар шудани сатҳу сифати таълиму тарбия мусоидат хоҳад кард. Мусаллам аст, ки замони муосир дар назди аҳли маориф ва устодону омӯзгорон вазифаҳои нав мегузорад, ки иҷрои он ҳама заҳмату масъулияти дучандро тақозо мекунад. Омили рушду пешрафти соҳа ба иҷрои барномаҳои давлатӣ вобаста аст.

Бояд зикр кард, ки вобаста ба рушду такомул ва таҳаввулоти ҷаҳони муосир соҳаи маориф низ ба ислоҳоту навсозӣ дар раванди таълим ниёз пайдо мекунад, ки ин амри ногузир ва дар айни замон табиист. Тайи солҳои охир дар низоми соҳа ва раванди таълиму тарбия як қатор дигаргунию ислоҳот ворид гардида истодааст, ки ҳадаф аз ин ҳама беҳтару самарабахштар гардидани сатҳу сифати таълим ба шумор меравад. Роҳандозии муносибати босалоҳият ба таълим, гузариш ба низоми нави 10-холаи баҳогузорӣ, фароҳам овардани шароиту имконот ва заминаҳои мусоиду муътамад баҳри ҷорӣ намудани таълими 12-сола ва амсоли инҳо талаби замон мебошад.

Ҳамин тавр, масъалаҳои рушди мактабу маориф, тарбияи насли наврас ва ҷавонон самти афзалиятноки сиёсати маънавибунёди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, барои рушди он ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир мегардад.

# ТАЪСИРИ «ШОҲНОМА» ДАР ТАРБИЯИ НАСЛИ ҶАВОН



Ҷавонмехр ИСМАТОВ – омӯзгори Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент

**Дар арсаи байналмилалӣ ҳар як халқу миллатро аз фарҳанг ва тамаддуни бузургаш мешиносанду қадр менамоянд. Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ низ бо асари безаволи худ – «Шоҳнома» машҳури олам гардидааст.**

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 5-уми декабри соли 2023 зимни суханронӣ дар Симпозиуми байналмилалӣ ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров дастур доданд, ки ба хотири огоҳии ҳар чи бештари мардум аз таъриху фарҳанг ва тамаддуни аҷдодони хеш «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ нашр ва ба тамоми мардуми мамлакат ба таври ройгон дастрас карда шавад.**

Бисёр пажуҳишгарон дар таҳқиқоти илмии худ доир ба паҳлуҳои гуногуни ин асари безавол, аз ҷумла, ба масъалаҳои ватандӯстӣ ва нақши тарбиявии он, ки дар симои подшоҳон ва қаҳрамонони асотирӣ тасвир шудаанд, таваҷҷуҳи бештар дода, онҳоро аз ҷумлаи унсурҳои асосии таъсиргузор ба ташаккули шахсияти ҳаматарафа рушдёфта дар ҳама давру замон меҳисобанд. Тавре маълум аст, «Шоҳнома» аз достонҳои сершумори ба назар мустақил, вале ба ҳам иртиботдошта иборат аст. Абулқосим Фирдавсӣ пеш аз оғози ҳар як достон ва зимни тасвири саҳнаҳои пайкори паҳлавонон байтҳои панду андарзомезро меоварад.

Қаҳрамонҳои мусбати асар аз ҳар лиҳоз барои тақлид ва пайравӣ намуна мебошанд. Онҳо аз ҷиҳати омодагии ақлонӣ ва ҷисмонии худ аз бархе дигар симоҳои достон хеле бартарӣ доранд ва инро бо неру, маҳорат дар муҳорибаҳо бо душманон, иштирок дар қувваозмоиҳои ҷисмонӣ ва аспсаворӣ исбот мекунанд. Илова бар ин, фасоҳати гуфтори қаҳрамонон метавонад нуқли ҳар гуна маҷлису маҳфил бошад, ки дар ин маврид шоир сухани нобро қиматтар аз дурру гавҳар медонад:




*Сухан монад андар ҷаҳон ёдгор,*
*Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор.*

Масъалаи ахлоқ ва тарбияи инсон дар меҳвари шоҳасари Фирдавсӣ қарор дорад. Ҳар саҳифаи он пандомез буда, «Шоҳнома»-ро ҳамчун асари аҳлоқӣ, ганҷинаи бебаҳои хирад, дастури фазилату дониш муаррифӣ мекунад. Некиву накукорӣ, ба ақидаи шоир, аз беҳтарин хулқу атвори инсонӣ ба шумор меравад:

*Набошад ҳаме неку бад пойдор,*
*Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.*

Васфу ситоиши хирад ва илму дониш дар «Шоҳнома» дар ҷойи аввал меистад. Фирдавсӣ асари бузурги худро бо ситоиши хирад шуруъ намудааст. Донишу хирад ҳамчун чароғи раҳнамои ҳаёти инсонӣ одамонро ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Тавоноии ҳар як инсон, обрӯ ва эътибори ӯ маҳз ба илму дониш вобастагии қавӣ дорад:

*Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,*
*Ба дониш дили пир барно бувад.*

Шоир хирадро аз тамоми фазилатҳои инсонӣ беҳтару болотар мешуморад:

*Хирад афсари шаҳриёрон бувад,*
*Хирад зевари номдорон бувад.*

Ба ақидаи Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, некиву накукорӣ аз хислатҳои наҷибу неки инсонӣ ба шумор меравад. Ӯ ба аҳли башар тавсия медиҳад, ки ба ҳамдигар меҳрубон бошанд ва ба якдигар танҳо некӣ кунанд, зеро амали неки ҳар як шахс ҷовидонӣ аст:

*Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,*
*Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.*

Шоир дар ҷодаи таълиму тарбия назари худро дорад ва дигаронро низ талқин менамояд, ки ба ин масъала бетараф набошанд. Дар таълиму тарбияи фарзанд донишу илм аз қадимулайём мақоми хосса дошта, сарчашмаи саодати инсониятро аз илм ва маърифати баланд медонистанд. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ин масъала дар меҳвари андешаҳои шоир қарор дорад ва он ҳамчун муқаддасоти маънавӣ сутуда мешавад. Абулқосими Фирдавсӣ нобарориҳои зиндагии қаҳрамононашро маҳз дар маърифати пасту дониши нокифоя медид ва вожаи «хирад» дар «Шоҳнома» ифодагари ҳамин илму дониш мебошад.

Фирдавсӣ, ҳамчунин, ба масъалаҳои ҳаётӣ бетараф набуда, ахлоқи писандидаро дар тарбияти кӯдакону ҷавонон кори савоб медонад. Дар баробари ин, сифатҳои пасти ахлоқӣ, аз қабили бадӣ, ситамкорӣ, чизпарастӣ, пурхӯрӣ, айбҷӯӣ, пургӯӣ, бешармӣ, таънаву мазаммати шахс, бахилӣ, суханчинӣ ва ғайраро ба зери тозиёнаи танқид гирифтааст.

Фирдавсӣ дар масъалаи гуфтору рафтор ду чизро ҷовид медонад: яке сухану гуфтори нек ва дигаре номи нек:

*Ба гетӣ ду чиз аст, ҷовид бас,*
*Дигар ҳар чи бошад, намонад ба кас.*
*Сухан гуфтани нағзу гуфтори нек,*
*Нагардад куҳан то ҷаҳон асту лек.*

Абулқосими Фирдавсӣ ваҳдату ягонагӣ ва дӯстиву бародариро аз муҳимтарин хусусиятҳои тарбияи маънавӣ медонад. Ӯ мардум, махсусан, ҷавононро ба дӯстию ваҳдат талқин намуда, изҳор менамояд, ки танҳо ба ваҳдату дӯстӣ инсон ба мақсади худ расида метавонад. Ин андешаи шоир дар замони мо арзишу аҳаммияти хосса пайдо карда, дар тарбияи ахлоқии ҷавонон метавонад таъсири бузург расонад.

Ҳамин тариқ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ саропо иборат аз андешаву афкори ахлоқиву тарбиявӣ буда, омӯзиши ҳамаҷонибаи он имкон фароҳам меорад, то пешниҳоду тавсияҳои шоир дар рушди ахлоқи ҳасанаи аҳли ҷомеа таъсир расонад.

Ба ақидаи Фирдавсӣ, инсонро мавҷуди комил донистан нашояд. Маҳз барои ҳамин ҳам, барои ӯ таълиму тарбия зарур аст. Чунин ақидаҳои шоири мутафаккир ба ақидаҳои педагогии муосир комилан мувофиқат дошта, ба мо нишон медиҳанд, ки дар ташаккули шахсияти инсон таълиму тарбия нақши бунёдӣ дорад.

Ҳамосаи «Шоҳнома», воқеан, шоҳасари афкори таълиму тарбия ва махзани панду насиҳат ба шумор меравад. Фирдавсӣ ба воситаи тимсолҳои каҳрамонони асари худ маҳосини маънавӣ, олами ботинии инсонро кашф намуда, ба проблемаҳои ахлоқ ва тарбия таваҷҷуҳ менамояд. «Шоҳнома» танҳо асари таърихию қаҳрамонӣ нест. Дар он ғояҳои муҳимми тарбиявӣ гирдоварӣ шудаанд, ки метавонанд дар таълиму тарбияи инсон ба таври муассир истифода шаванд. Дар «Шоҳнома» ростӣ ҳамчун беҳтарин хислати инсон мавриди ситоиши Фирдавсӣ қарор гирифтааст. Шоир ростӣ ва росткориро муҳимтарин хислати ахлоқи ҳамида дониста, яке аз омилҳои муваффақият ва хушбахтии инсон медонад:

*Намонад бар ин хок ҷовид кас.*
*Туро тӯша аз ростӣ боду бас.*

Фирдавсӣ ҷангро қотеона маҳкум карда, сулҳро васф мекунад ва бародаркуширо бо кадом ҳадафе, ки набошад, мавриди накуҳиш қарор медиҳад:

*Бародаркушӣ аз пайи тоҷу тахт,*

*Нахонад туро некдилу некбахт.*

Шоир тарафдори ҷанги одилона дар роҳи ҳифзи Ватан ва марзу буми худ аст, арзиши асосие, ки муҳтавои «Шоҳнома»-ро муайян мекунад, ватандӯстӣ мебошад:

*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.*

Вале муаллифи «Шоҳнома» анҷому фарҷоми ҳама гуна ҷангро барои инсон ва ҷомеа асафбор медонад:

*Чунин аст анҷому фарҷоми ҷанг,*
*Яке тоҷ ёбад, яке гӯри танг.*

Фирдавсӣ таъкид мекунад, ки лашкари пароканда нишон додани ҷасорату пирӯзӣ қодир набуда, танҳо ба душман туъмаи осон мешавад:

*Пароканда лашкар наояд ба кор,*
*Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.*

Ин гуна андешаҳо тавассути симоҳои қаҳрамонони «Шоҳнома» пурра кушода шуда, дар байни онҳо Рустами Достон, ки симои марказии ҳамоса мебошад, махсусан, баръало намоён аст:

Рустам ҳамчун симои асосии достон ба монанди намуна ва намоди ватандӯстӣ тасвир шудааст. Ин мавзуъ дар тамоми достон чун «хатти сурх» мегузарад. Шоир аз номи Рустам мегӯяд:

*Ба номи неку гар бимирам равост,*
*Маро ном бояд, ки тан маргрост.*

Дар достон Рустам ҳимоятгари ормонии Ватан буда, худро ҳамчун қаҳрамони халқ нишон медиҳад. Ӯ паҳлавонест, ки дар заминаи анъана ва урфу одатҳои халқӣ тарбия ёфта, аз бисёр имтиҳонҳои ҷиддӣ ва фоҷевии ҳаёт гузаштааст. Маҳз Рустам дар назди мо ҳамчун таҷассуми орзуи халқ дар бораи ҳимоятгари ормоние қарор мегирад, ки қодир аст, ба бадӣ ба таври муассир муқовимат намояд.

Рустам дар достон вазифаи асосии худро, ки ҳифзи озодии марзу бум ва бахту саодати мардум аст, бо сарбаландӣ иҷро менамояд. Аз ин рӯ, шоир ӯро ҳамчун шахси хушахлоқ, далер ва қаҳрамон, ки омода ба ҳар гуна фидокорӣ аст, намунаи ибрат тавсиф мекунад. Азбаски Рустам худ намояндаи мардум аст, ба ҷуз хидмат ба халқу ватан андешаи дигаре надорад:

*Макун бад, ки бинӣ ба фарҷом бад,*
*Зи бад гардад андар ҷаҳон ном бад.*

Дар андешаҳои Фирдавсӣ хислатҳои мусбати инсонӣ, аз қабили далерӣ, накукорӣ, башардӯстӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд. Мутафаккир онҳоро аз лаҳзаи ташаккул омӯхта, дар тарбияи инсон истифода бурдани ин хисоли неки инсониро зарур медонад. Шоир ба воситаи тимсолҳои қаҳрамонони шоҳасари худ зебоии маънавӣ, олами ботинии инсонро кашф намуда, проблемаҳои ахлоқи накуро матраҳ ва таблиғ мекунад:

*Намонад ҷаҳон бар касе пойдор,*
*Ҳама номи неку бувад ёдгор.*

Ҳамин тавр, ҳамосаи «Шоҳнома» ганҷинаи хирад, дарси инсонияту ахлоқ ва кони фазилати инсонӣ мебошад. Бо ситоиши хулқу рафтори накуи инсонӣ ва мазаммати хислатҳои зишту нописандида Абулқосим Фирдавсӣ ба ҳайси муаллими бузурги ахлоқ тайи ҳазор сол дар тарбияи инсони комил саҳми бориз дорад.

*Ҷаҳон сар ба сар ҳикмату ибрат аст,*
*Ҷаро баҳраи мо ҳама ғафлат аст.*

Иқдоми наҷиби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтихори тамоми тоҷикони рӯйи олам буда, дар масъалаи ба ҳар оила дастрас гардидани ин асари бузург ва баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» дар рӯзгори мо ва тарбияи насли имрӯза, бахусус, ҷавонон, аҳаммияти бузурги таърихӣ ва нақши босазо мегузорад.

# ҶАВОНОН – ҚУВВАИ ПЕШБАРАНДАИ ҶОМЕА

Савринисо ИСМОИЛОВА – омӯзгори Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд

**Дар остонаи таҷлили ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи нақш ва ҷойгоҳи ҷавонон ҳамчун қувваи пешбарандаи ҷомеа аҳаммияти махсус касб менамояд. Дар ҳақиқат, маҳз дар даврони истиқлол насли ҷавоне ба камол расидааст, ки дар руҳияи баланди худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ ва масъулиятшиносӣ тарбия ёфта, дар рушду пешрафти давлату ҷомеа саҳми назаррас мегузорад.**

Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, барои рушди ҳамаҷонибаи он заминаҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд. Қабули санадҳои муҳимми меъёрӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон» ва «Стратегияи миллии рушди ҷавонон барои давраи то соли 2030» далели равшани таваҷҷуҳи давлат ба ин қишри фаъоли ҷомеа мебошад.

Ҷавонон имрӯз на танҳо беш аз сеяки аҳолии кишварро ташкил медиҳанд, балки неруи зеҳнӣ ва захираи стратегии рушди устувори давлат ба ҳисоб мераванд. Давлат барои онҳо шароити мусоиди таҳсил, кор ва инкишофро муҳайё намуда, ҳамасола барномаҳои гуногуни дастгириро амалӣ мегардонад. Аз ҷумла, садҳо нафар ҷавони лаёқатманд тавассути барномаҳо ва бурсияҳо дар муассисаҳои бонуфузи хориҷӣ, аз қабили Федератсияи Россия, Хитой, Олмон, Англия, Кореяи Ҷанубӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Америко ва ғайра таҳсил карда, имрӯз ҳамчун мутахассисони соҳибкасб дар соҳаҳои муҳимми иқтисоди миллӣ фаъолият доранд.

Дар давоми 35 соли истиқлол ҷавонони тоҷик дар соҳаҳои мухталиф аз илму маориф то иқтисод, фарҳанг ва варзиш ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд. Садҳо нафар ҷавони лаёқатманд дар муассисаҳои бонуфузи хориҷӣ таҳсил намуда, имрӯз ҳамчун мутахассисони баландихтисос дар рушди иқтисоди миллӣ саҳм мегузоранд.



Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҷавонон дар рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва иқтисоди рақамӣ низ нақши калидӣ доранд. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ташкили марказҳои инноватсионӣ, технопаркҳо ва дастгирии стартапҳо имкон фароҳам овардааст, ки ҷавонон иқтидори эҷодии худро амалӣ созанд. Ташаббусҳои ҷавонон дар таъсиси барномаҳои муосири рақамӣ, хидматрасониҳои электронӣ ва лоиҳаҳои инноватсионӣ гувоҳи онанд, ки онҳо метавонанд дар шароити ҷаҳонишавӣ мавқеи худро пайдо намоянд.

Ҳамзамон, бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфтани квотаву стипендияҳои Президентӣ, Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон ва роҳандозии озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман!», «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Шоҳномахонӣ» дар рушди маънавӣ ва зеҳнии ҷавонон нақши муҳим мебозанд. Ин ташаббусҳо ҷавононро ба омӯзиш, эҷодкорӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ раҳнамоӣ мекунанд. Дар баробари ин, ғолибони озмунҳо имкони гирифтани маблағ ва имтиёзи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар бидуни супоридани имтиҳонро пайдо кардаанд.

Дар соҳаи варзиш низ ҷавонони тоҷик бо дастовардҳои назаррас Парчами давлатиро дар арсаи байналмилалӣ баланд мебардоранд. Бунёди инфрасохтори муосири варзишӣ барои рушди ҷисмонии насли ҷавон заминаи мусоид фароҳам овардааст. Аз ҷумла, бо дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марказҳои вилоятӣ ва шаҳру ноҳияҳо варзишгоҳҳои замонавӣ, маҷмааҳои варзишӣ, бассейнҳо ва толорҳои муосири гӯштингирӣ ва дигар намудҳои варзиш ба истифода дода шудаанд. Ин имкон медиҳад, ки насли ҷавон дар шароити мусоид ба варзиш машғул шуда, саломатии худро таҳким бахшанд.

Илова бар ин, ҷавонон дар рушди соҳибкорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ саҳми арзанда доранд. Дастгирии давлатии соҳибкории ҷавон, аз ҷумла, тавассути барномаҳои имтиёзнок, ба ташаккули иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

Бо вуҷуди ин дастовардҳо, шароити муосири ҷаҳонишавӣ аз ҷавонон сатҳи баланди маърифати сиёсӣ, фарҳангӣ ва иттилоотиро талаб мекунад. Хатарҳои идеологӣ, аз ҷумла, экстремизм, терроризм ва дигар падидаҳои номатлуб, ҳушёрӣ ва масъулияти бештарро тақозо менамоянд. Аз ин рӯ, ҷавонон бояд бо дониши амиқ ва ҷаҳонбинии васеъ мусаллаҳ бошанд.

Ҳамзамон, ҳифзи арзишҳои миллӣ – забон, фарҳанг, таърих ва суннатҳо аз вазифаҳои муҳимми насли ҷавон мебошад. Зеро маҳз ҳамин арзишҳо пояи устувории давлатдорӣ ва ҳувияти миллӣ ба шумор мераванд. Дар ин замина, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои зиёди фарҳангиро дастгирӣ мекунад, ба монанди фестивалҳои ҷумҳуриявии ҷавонон, олимпиадаҳои фарҳангӣ, саёҳатҳои таърихӣ ба ёдгориҳои бостонӣ, мусобиқаҳои суханварӣ ва шеърхонӣ, ки ҳадафи онҳо ташаккули ҷавонони ватандӯст мебошад.

Дар даврони истиқлол ҷавонони Тоҷикистон ҳамчун қувваи созанда ва неруи пешбарандаи ҷомеа ташаккул ёфтаанд. Онҳо имрӯз такягоҳи боэътимоди давлат буда, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона иштирок менамоянд. Бо вуҷуди фароҳам будани имкониятҳои васеъ, ҷавонон бояд ба дастовардҳои мавҷуда қаноат накарда, пайваста барои такмили дониш, рушди касбӣ ва баланд бардоштани маънавиёти худ талош варзанд. Ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва саҳмгузорӣ дар рушди устувори кишвар вазифаи муқаддаси ҳар як ҷавон мебошад.

Ояндаи Тоҷикистон аз заковат, масъулиятшиносӣ ва иродаи ҷавонон вобаста аст. Бо эътимод метавон гуфт, ки насли ҷавони кишвар бо такя ба дониш, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар роҳи бунёди ҷомеаи пешрафта ва давлати муосир нақши ҳалкунанда хоҳад дошт. Тавре Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: «Шумо – ҷавонони азиз, ки созандагони фардои дурахшони Тоҷикистон ва сутуни боэътимоди давлату миллат ҳастед, ҳисси баланди миллӣ дошта бошед, Ватани маҳбуби худро сидқан дӯст доред, онро содиқона ҳифз намоед ва ифтихор намоед, ки фарзандони яке аз миллатҳои бостонӣ ва соҳибфарҳангу тамаддунсози дунё ҳастед».

> Дар замони муосир танҳо кишварҳое ба дастовардҳои бузурги иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушди устувори илмиву фарҳангии ҷомеа муваффақ мегарданд, ки ба масъалаи ҷавонон таваҷҷуҳи зарурӣ дода, имкониятҳои фаровони зеҳнӣ ва ҷисмонии онҳоро ба самти дурусту созанда сафарбар намоянд.
>
> **Эмомалӣ Раҳмон**

# НАҚШИ МАЪРИФАТИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР РУШДИ КИШВАР

**Алӣ ҚАЛАНДАРЗОДА–**
**судяи суди шаҳри Истаравшан**

**Мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад.**

**Яъне, ҳар яки мо бояд минбаъд низ мафҳумҳои «ватандӯстӣ» ва «рушд»-ро шиори кору фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор диҳем.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Маърифати ватандӯстӣ яке аз арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб рафта, дар заминаи он эҳсоси муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба таърих, забон, фарҳанг ва арзишҳои миллӣ ташаккул меёбад. Ватандӯстӣ танҳо эҳсос нест, балки шуури баланди шаҳрвандӣ буда, шахсро ба ҳифз, рушд ва пешбурди давлат водор месозад.

Дар шароити муосир, ки ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) босуръат рушд мекунад, масъалаи нигоҳдорӣ ва таҳкими маърифати ватандӯстӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад, зеро таъсири фарҳангҳои хориҷӣ метавонад ба худшиносии миллӣ таъсир расонад. Аз ин рӯ, тарбияи ватандӯстӣ бояд дар заминаи арзишҳои миллӣ, анъанаҳо ва таърихи пурғановати миллат роҳандозӣ гардад. Нақши асосиро дар ин раванд муассисаҳои таълимӣ мебозанд. Мактаб, донишгоҳ ва оила бояд якҷо барои тарбияи насли худогоҳ, масъулиятшинос ва ватандӯст кӯшиш намоянд. Омӯзиши таърих, адабиёт, фарҳанг ва қонунгузорӣ ба баланд шудани маърифати ватандӯстии ҷавонон мусоидат мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки даврони соҳибистиқлолӣ барои мардуми сарбаланди тоҷик давраи саъю кӯшишҳои ватандӯстона ва заҳмату талошҳои созанда ба хотири ҳифзи истиқлолу озодии Тоҷикистон, пешрафти давлат ва ободии Ватан ба ҳисоб меравад. Ватандӯстӣ ва меҳандӯстию ватанпарварӣ аз унсурҳои ахлоқӣ, сиёсӣ ва садоқат ба Ватан ва дар муҳофизат намудани он ифода меёбад. Тавре ки зикр кардем, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди арзишҳои фарҳангӣ, масъалаи тарбияи ватандӯстӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ ба яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо дарки амиқи ин равандҳо бо дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон барои солҳои 2023-2027»-ро қабул намуд, ки ҳадафи асосии он ташаккули шахсияти миллӣ, худшиносии шаҳрвандӣ ва масъулияти иҷтимоии ҷавонон мебошад. Қабули барномаи мазкур дар заминаи санадҳои муҳимми давлатӣ, аз ҷумла, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ва стратегияҳои рушди миллӣ сурат гирифтааст.



Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки дар баробари пешрафтҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, таҳдидҳои фарҳангӣ ва идеологӣ низ афзоиш ёфтаанд, ки метавонанд ба худшиносии миллӣ

таъсири манфӣ расонанд. Аз ин рӯ, зарурати таҳия ва қабули барномаи фарогир ва системавӣ ба миён омад. Ҳадафи асосии барнома – тарбияи ҷавонони ватандӯст, дорои ҳисси баланди миллӣ ва омодагӣ ба ҳифзи манфиатҳои давлат мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф вазифаҳои зерин муайян шудаанд:

- ташаккули худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба арзишҳои таърихиву фарҳангӣ;
- баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии ҷавонон;
- рушди ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва иштироки фаъол дар ҳаёти ҷомеа;
- муқовимат ба ифротгароӣ, терроризм ва дигар зуҳуроти номатлуб;
- таҳкими робитаи насли ҷавон бо таърихи давлатдорӣ ва фарҳанги миллӣ.

Барномаи мазкур дорои аҳаммияти бузурги иҷтимоӣ ва сиёсӣ буда, ба таҳкими ваҳдати миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати шаҳрвандӣ, пешгирии зуҳуроти ифротгароӣ, ташаккули насли ҷавони фаъол ва масъул мусоидат мекунад.

Аз корҳои мушаххасе, ки ҷавонони Тоҷикистон дар татбиқи «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон барои солҳои 2023-2027» анҷом додаанд, иштироки фаъол дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ мебошад. Аз ҷумла, ташкили озмунҳо ва фестивалҳои ватандӯстӣ: «Ватан – меҳри ҷовидонӣ», «Ҷавонон – пайравони Пешвои миллат», баргузории конфронсҳо, мизҳои гирд ва семинарҳо оид ба таърих, фарҳанг ва арзишҳои миллӣ, иштироки донишҷӯён дар маҳфилҳои илмӣ ва адабӣ, ки дар таҳкими худшиносӣ ва эҳсоси ифтихори миллӣ мусоидат кардаанд.

Ҳамчунин, дар доираи барнома ҷавонон ба фаъолияти ихтиёрӣ (волонтёрӣ) васеъ ҷалб шуда, дар аксияҳои иҷтимоӣ (тоза нигоҳ доштани муҳити зист, сабзкорӣ, ободонӣ) фаъолона иштирок мекунанд, ба табақаҳои ниёзманд кумак мерасонанд, барои корҳои ҷамъиятӣ дар маҳалҳо гурӯҳҳо ташкил кардаанд, ки ҳамаи ин ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва ҳамбастагии иҷтимоии онҳоро тақвият мебахшанд.

Дигар ин ки ҷавонон дар самти омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ низ хеле фаъол гардидаанд. Иштирок дар машқҳои ҳарбӣ-варзишӣ ва лагерҳои омӯзишӣ, таблиғи хизмати ҳарбӣ дар байни ҳамсолон ва ҷалби ихтиёриён ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки ба баланд шудани омодагии ҷавонон ба ҳифзи Ватан мусоидат мекунанд .

Бо рушди технологияҳо, ҷавонон ҷиҳати татбиқи барнома дар фазои рақамӣ низ хеле фаъолияти густарда доранд. Таъсиси саҳифаҳо ва гурӯҳҳои тарғиботӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, паҳн намудани маводҳои ватандӯстона (видео, мақола) ва муқовимат ба иттилооти бардурӯғ ва идеологияҳои бегона, аз ҷумлаи амалҳое мебошанд, ки барои ташаккули афкори солими ҷавонон аҳаммияти калон дорад.

Мавриди зикр аст, ки иштироки ҷавонон дар таҳқиқот ва ташаббусҳои илмӣ низ назаррас аст. Аз ҷумла, ҷавонони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ дар таҳқиқоти сотсиологӣ оид ба худшиносии миллӣ иштироки фаъол доранд, лоиҳаҳои илмӣ ва стартапҳои иҷтимоиро пешниҳод намуда, дар таҳияи пешниҳодҳо барои такмили сиёсати ҷавонон саҳми арзанда мегузоранд. Чунин раванд ба ташаккули насли фикррон ва таҳлилгар хеле муҳим мебошад.

Дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ҷавонон мустақилона ташаббусҳои худро дар мавриди баргузории чорабиниҳои маҳаллӣ бахшида ба ҷашнҳои миллӣ, таблиғи либоси миллӣ ва арзишҳои фарҳангӣ амалӣ мегардонанд, ки ин баёнгари он аст, ки ҷавонон танҳо иштирокчӣ не, балки муҳаррики асосии барнома мебошанд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ҷавонони тоҷик дар татбиқи «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» на танҳо иштирокчии одӣ, балки неруи пешбарандаи он мебошанд. Ҳамчун пайравони сиёсати созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иштироки онҳо дар чорабиниҳои фарҳангӣ, фаъолияти иҷтимоӣ, ташаббусҳои маҳаллӣ ва фазои иттилоотӣ далели он аст, ки барнома тадриҷан ба натиҷаҳои амалӣ ноил гардида истодааст. Дар оянда, густариши чунин фаъолият ва дастгирии ташаббусҳои ҷавонон метавонад заминаи устувори рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ гардад.

# ШЕЪР ҲАМ БОЯД ЗАНАД ФАВВОРАЕ...



Шодӣ РАҶАБЗОД,
нависанда

**Дар адабиёти тоҷик, хосса, назми он хидмати Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода бағоят бузург буда, аз қавли адабиётшиноси маъруф Абдунабӣ Сатторзода, «аз ҷиҳати санъати сухан ва маҳорати баён ба шеъри саромадони адабиёти олам наздик шудани шеъри муосири тоҷик ҳам, аз ҷумлаи хидматҳои арзандатарини Мирзо Турсунзода мебошад. Зеро кайҳост, ки шеъри Мирзо Турсунзода як ҷузъи муҳимми маданияти халқи тоҷик гашта, тавассути машҳууртарин забонҳои дунё як ҷузъи маданияти умумиинсонӣ низ шудааст».**

Дар баробари эҷоди шеъру достонҳои зиёде, ки бо муҳтаво ва ғояи баланди гуманистии худ шеъри тоҷикро ба сатҳи мазмунану сифатан олӣ расонданд, силсилашеърҳои «Модарнома»-и шоири шаҳир ҷойгоҳи шоиста дорад. Бояд зикр намуд, ки дар сурудаҳои устод Мирзо Турсунзода ҷанбаи нақлӣ ва воқеанигорӣ (агар корбурди ҳамин вожа саҳеҳ бошад), инчунин, тасвиру тавсифи манзараҳои табиат мавқеи муҳимро ишғол кардаанд. Ҷузъиёту аносири табиат дар шеърҳои шоири маъруфи тоҷик танҳо ба хотири тасвири зебоиву нодиракориҳои он набуда, балки тавъам бо ҳаёти ҳамарӯзаи мардум ва ҷомеа қарор гирифтааст. Як хусусияти барҷастаи ҳадафу ғояи ашъори шоир дар он зоҳир мегардад, ки дар ин қабил шеърҳо фардияти қаҳрамон (яъне, «ман»-и шоир) равшану возеҳ инъикоси бадеии худро ёфтааст. Дигар ин ки, дар ашъори шоири мумтоз оҳангу руҳияи баланд ва эҳсоси фараҳафзои меҳанпарварона ба мушоҳида мерасад. Гоҳо дар шеърҳо афкору андешаҳои ҳакимонаи шоир, ки пероста ба ҷанбаи фалсафиянд, мақом пайдо мекунанд ва мартабаю сатҳи шеъриятро олию нодир ҷилвагар месозанд.

Шоир аз васоити гуногуни бадеӣ, саноеи лафзӣ ва шеваю сабки рангини эҷод истифода мекунад ва тасвиру ташбеҳоти ӯ дар офаридани ҷузъиёти манзараҳои дилангезу ҷаззоби табиат ҳунари вижаи комили шоирии ӯро бармало месозанд. Зоҳиран ин шеърҳо дар шакл ва баёни ифода ва мазмунофарӣ содаю муқаррарӣ ба назар мерасанд, аммо дар шеваи маъниофарӣ ва сохтмони таркибҳо ва иборaҳои шеърӣ тозаву ноб ва нодиранд. Дар шеърҳои ба васфи табиат бахшидаи шоир, ҳамзамон, рӯҳияи барозанда ва метавон гуфт, даъват ба сару сомон бахшидан ба корҳои азими созанда мавқеъ пайдо мекунанд.



Таври мисол, дар шеъри «Дурахши қуллаҳо» бо тасвири шукӯҳу шаҳомат ва азамати кӯҳсорон ва қуллаҳои гардунсойи онҳо, шоир ба инсони воқеӣ, ки қаҳрамони даврон аст, хитоб карда мегӯяд:

*... Чун ба оянда сафар кардем мо,*
*Аз баландиҳо гузар кардем мо.*
*Мушкилиҳоро канор андохтем,*
*Олами бахту шарафро сохтем.*
*Боз дар пешанд пуршон куллаҳо,*
*Ҳам бузургу ҳам дурахшон қуллаҳо.*
*Пеш рав, дар кӯҳ гардиш кун, рафиқ!*
*Мисли рӯди шӯх варзиш кун, рафиқ!*
*Пеш рафтӣ, кор осон мешавад,*
*Қуллаи нав ҳам намоён мешавад.*

Дар шеъри «Рӯди кӯҳӣ», шоир рӯдро мухотаб қарор дода, бо забони содаю самимӣ бо он суҳбат мекунад. Ин шеърро метавон ба ду қисмат ҷудо кард: дар бандҳои аввали он Мирзо Турсунзода аз тавсифу ташбеҳ ҳунармандона истифода намуда, ҳаракати мавҷҳои дарёи кӯҳӣ ва зебоию ҷилваҳои онро басо шоирона ба риштаи тасвир мекашад:

*Сараш бар санг мезад рӯди кӯҳӣ,*
*... Ба доман чангмезад рӯди кӯҳӣ,*
*Ба мисли шири навҷӯшидае буд,*
*Палангу бабри хуннӯшидае буд.*
*Дара аз ғурриши обаш садо дод,*
*Насимаш рӯҳро, ҷонро ғизо дод...*

Дар бандҳои поёнии шеър шоир дар хусуси он сухан меронад, ки маҳз тавассути оби ин рӯд боғу чаманзорони кишвар сабзу боровар ва чароғи хонаҳо фурӯзонанд, мардуми заҳматкаш маҷрои оби рӯдро ба биёбонҳо равона карда, заминҳоро обёрӣ ва ҳосилхез мегардонанд. Яъне, дар шеър тасвири табиат танҳо ба хотири зебоиву манзараҳои дилфиребиi он набуда, ҳаёти пурҷӯшу хурӯш ва меҳнати инсонҳо бахри рушду пешравии диёр мақсуди аслии шоир ба шумор меравад.

Дар шеъри «Рӯди кӯҳӣ» ибораю ташбеҳот ва таркиботи шоирона, аз қабили «сар ба санг задану ба доман чанг задани рӯд, мисли шири навҷӯшида ва бабри хуннӯшида намоён гардидани он, лаби чоки биёбонро дӯхтани рӯд» ва амсоли ин ҳирфаию ҳунармандона ба чашм мерасанд. Ҳамин шеваю оҳанги тасвирнигорӣ дар шеъри «Оби Душанбе» истифода шудааст. Шоир бузургии рӯди Душанберо сифатчинӣ карда, аз он сухан дар миён меандозад, ки ин рӯд аз кӯҳи баланд равон гардида, лаби ташналабонро тар месозад, ҳарчанд таърихи пайдоиши онро касе намедонад, он ҳамчун Душанбе ҷавон асту ҷавон мемонад. Дар тасвири шоир ин рӯд ҳеҷ гоҳ намехушкад, зеро аз синаи кӯҳҳои баланд сарчашма мегирад. Маҳз ба василаи оби Душанбе домани талу теппаҳои диёр сабз аст, дашту заминҳои бекарон шодобу самарабахш ва мардум бахтёру саодатманд мебошанд.

*То дашти калон сар-сари санг аст равона,*
*Аз мағзи дара «маҳмил»-и танг аст равона.*
*Ҳар қатраи худ то ба хама халқ расонад,*
*Бо монеаҳо толиби ҷанг аст равона.*

Шеъри «Рӯди ман» яке аз беҳтарин шеърҳои Мирзо Турсунзода ба ҳисоб рафта, он аз 7 банди чормисраӣ таркиб ёфтааст. Дар ҳар як банди шеър аз саховату қудрати оби файзбахши рӯд сухан меравад. Оҳанги фалсафӣ шаҳомати шеърияти онро таъмин карда, ҳамчунин, тасвирҳои нобии шоирона (амсоли тезтару бурротар будани оби рӯд аз дами шамшер, софтар аз оби чашми тифлон ва пурҷилотар аз рухи хуршеду тундтар аз боду аз нахчири бодпо будани он) дар созмон ёфтани таркибу аҷзои шеър нақши муассир бозидаанд. Тасвири диду мушоҳидаи шоиронаи шоир дар сатҳи олист:

*Осмон дар синаи ту аксандозӣ кунад,*
*Бо ҷамоли ту ситора шӯхию бозӣ кунад.*
*Оламеро ҳусни ту аз хештан розӣ кунад,*

*Моҳи гардун дар дили шаб гарданафрозӣ кунад.*
*Медавӣ дар кӯҳсору сар ба сангон мезанӣ?*
*Уштури мастӣ магар, ҳар сӯй ҷавлон мезанӣ?*
*Даст бар сар мӯҳарошон, рӯҳарошон мезанӣ,*
*Қатраҳои сардро бар кӯхсорон мезанӣ.*

Бо вуҷуди ин ҳама саховату сафобахшӣ ва таровату зебоӣ, ба андешаи шоир, рӯд тағйир наёфтаву асрҳои аср дигар нашудааст. Ва бузургию қудрати рӯд ҳам дар ҳамин аст. Бо фарқ аз шеърҳои фавқ дар ду шеър – «Чӯпон» ва «Кӯҳ» инсон дар меҳвар қарор гирифта, ба муҷарради васфи табиати зебо ва дилнишин, симои заҳматкаши кӯшову ватандӯст пеши назар ҷилвагар мешавад. Аз ҷумла, дар шеъри «Чӯпон» меҳнати чӯпоне ситоиш карда мешавад, ки умри вай дар чаҳор фасли сол дар талу пушта ва доманакӯҳҳо ба нигоҳубини рама мегузарад. Ба як сухан, чӯпон фарзанди табиати босахо буда, баҳри рушду шукуфоии ҷомеа талош меварзад. Шоир мегӯяд:

*Чӯпон ба сари кӯҳу чаридан рама дорад,*
*Аз санг ба харсанг ҷаҳидан рама дорад.*
*Бӯйи гули кӯҳию алафзори чарогоҳ*
*Дар panҷаи бод асту давиданрама дорад.*
*Чун абри сафеде, ки гирифтаст фазоро,*
*Чодар ба сари сабза кашидан рама дорад.*
*Сарчашма занад ҷӯш, аз он барра кунад нӯш,*
*Аз ҷӯйи сафобахш паридан рама дорад.*

Ҳамин пайванди ногусастанӣ дар шеъри «Кӯҳ» дар мисоли ягонагию иртиботи қаҳрамонони лирикии шеър бо кӯҳ бозтоби бадеӣ ёфтааст. Инсон, ба андешаи шоир, бояд чун кӯҳ сарбаланду бовиқор, батамкину сабур ва бошараф бошад. Ғояи ягонагии инсону табиат, ки бақои зиндагӣ ба он вобастагии зич дорад, дар байти охирини шеър ҷамъбасти фалсафӣ меёбад:

*Дар ҷавонӣ порае аз кӯҳ будам, баъд аз ин,*
*Сад қасам, ки ман ҷудо аз ӯ намегардам дигар.*

Дар баъзе аз ашъори устод Мирзо Турсунзода ҷанбаи ҳакимонаю тарбиявӣ ва насиҳату андарз ба мадди назар мебарояд. Бо ба тасвир гирифтани аносири табиат шоир инсонҳоро ба кору амалҳои неку судманд илқо мекунад. Ҳамин шеваи нигорандагӣ дар шеъри «Ошёни баланд» вусъати тоза пайдо кардааст. Чун шоир таъкид мекунад, ки инсони сарбаланду шоиста мебояд ошёни худро дар баландиҳои кӯҳ гузорад, манзур аз вожаи ошён ҳамон дили пурмеҳру поки инсон мебошад, ки дар он тамоми хушиҳои зиндагӣ ва саодати бани башар меғунҷад.

*Ошён гар мегузорӣ, дар баландиҳо гузор,*
*Дар баландиҳои кӯҳи сарбаланди мо гузор.*
*Осмон дар гунбади сабзаш агар ҷоят диҳад,*
*Ошёни фикри дурандеш дар он ҷо гузор.*

Ва поёнтар меорад:

*Гар кунӣ парвоз, бо ёди падар парвоз кун,*
*Бобҳои тозаро дар пеши рӯят боз кун.*
*Гулханеро, ки падарҳо дар раҳат афрӯхтанд,*
*Машъали тобандаи дастони пурэъҷоз кун.*
*Ошён гар мегузорӣ, дар дили инсон гузор,*
*Аз раҳи меҳру вафову аҳди бепоён гузор.*
*Нест чунки ҳеҷ чизе аз дили инсон баланд,*
*Ошёни меҳри худ дар мағз-мағзи ҷон гузор.*

Дар маҷмуъ, метавон таъкид кард, ки шеъри устод Мирзо Турсунзода воқеан ҳам, шеъри оламгир буда, маснади шоирии ин фарзонафарзанди миллат баланду дастнорас аст.

# ШАҲБОНУИ СУХАНВАР



**Мирзо СОЛЕҲОВ – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ**

**Асрҳои IX-X барои халқҳои тоҷику форс асрҳои тиллоӣ маърифат мешавад, зеро ташаккули забони адабию шаклгирии адабиёти классикӣ ва нахустин сабки адабӣ – сабки хуросонӣ ё мовароуннаҳрӣ ва ё бухороӣ ҳосили ҳамин давраҳост. Зиёда аз ин, нахустасри марҳалаи классикии рушд низ аз замони Сомониён оғоз мешавад, ки сарфи назар аз сангиниҳои таърих, сукут ё инҳитоти адабӣ то интиҳои асри XV мушоҳида намешавад. Масоили мазкур дар асарҳои Адам Метс, Михаил Занд, Акбар Турсун ва дигарон то андозае матраҳ шудааст.**

Дар замони Сомониён, ки марҳалаи бунёдии адабиёти тоҷику форс аст, фузун аз сесад тан қувваҳои адабӣ-эҷодӣ зиндагӣ ва эҷод кардаанд ва андаке баъдтар, тибқи суннати мутадовил, доираи адабии Ғазнин дар замони Султон Маҳмуд 450 тан қувваи адабиро фаро гирифтааст. Ин буд, ки тадриҷан ин ду доираи адабӣ ба сабқатҳову озмунҳои адабӣ-эҷодӣ ва ибтикороти соҳа роҳ ҳамвор намудаанд. Хосса шаҳрҳои Бухорову Балх дар рушди каломи ҳунарӣ қиёсан бо шаҳрҳои дигар, то нимаи аввали садаи XI мутамойизанд. Дар ин шаҳрҳо тавъам бо мардон, бонувони суханвар низ зуҳур кардаанд, ки яке аз онҳо Робиа бинти Каъби Балхӣ аст. Ба сабабҳои номаълуме то Шайх Аттори Нишопурӣ муаллифони сарчашмаҳо доир ба ин бонуи суханвар хомӯш мондаанд.

Аввалин сарчашмае, ки оид ба Робиаи Балхӣ баҳс ба миён овардааст, «Илоҳинома»-и Шайх Фаридуддин Аттори Нишопурӣ аст. Адиби ориф дар ин маснавӣ дар ҳаҷми 408 байт маълумот додааст. Унвони фасли «Илоҳинома», ки оид ба Робиа ва хонадони ин суханвар баҳс ба миён овардааст, «Ҳикояи амири Балх ва ошиқ шудани духтари ӯ» ном дошта, ҳикояи мазкур чунин оғоз мешавад:

*Амире сахт олиронй будӣ,*
*Ки дар сарҳадди Балхаш ҷой будӣ.*
*Ба адлу дод амире покдин буд,*
*Ки ҳадди ӯ фалакро дар замин буд* [6, 158].

Маҳз ҳамин ахбори Шайх Аттор, асосан, манбаи маълумоти сарчашмаҳои минбаъда шудааст.



Аз тазкираҳои умумӣ аввалин сарчашмае, ки ба шахсияти Аттори Нишопурӣ рӯ овардаву маълумот додааст, «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфӣ аст. Ин адабиётшинос тахти унвони «Робиа бинти Каъб ал-Қаздорӣ» навиштааст: «Духтари Каъб агарчи зан буд, аммо ба фазл бар мардони ҷаҳон бихандидӣ. Фориси ҳарду майдон на волии ҳарду баён, бар назми тозӣ қодир, на дар шеъри порсӣ бағоят моҳир» [1,70].

Маълумоти Муҳаммад Авфӣ моҳиятан ба истеъдоди суханвар аслан тааллуқ дорад. Аз тазкираҳои соҳавӣ «Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс»-и Мавлоно Ҷомӣ аст, ки ғолибан ба қавли Шайх Абусаид Абулхайр ва фармудаи Аттор рӯ овардааст. Ҷомӣ хабар медиҳад, ки «... Шайх Абусаид Абулхайр гуфтааст, ки духтари Каъб ошиқ буд бар он ғулом, аммо пирон ҳама иттифоқ кардаанд, ки сухане, ки ӯ мегӯяд, на он сухан бошад, ки бар махлуқ тавон гуфт. Ӯро ҷойи дигар кор афтода буд.

Рӯзе он ғулом он духтарро ногоҳ дарёфт, сари остини вай гирифт. Духтар бонг бар ғулом заду гуфт:

– Туро ин бас нест, ки ман бо Худовандам ва он ҷо мубталоям, бар ту берун додам, ки тамаъ мекунӣ?

Шайх Абусаид гуфт:

– Сухане, ки ӯ гуфтааст, на чунон аст, ки касеро дар махлуқе афтода бошад» [1, 131].

Сарчашмаҳои фавқуззикр ба қавли Абусаид Абулхайр рӯ оварда, Робиаро аз силки шуарои ориф зикр кардаанд, вале ашъори ӯ баъзан тамоил ба самти дигар дорад. Чунончи:

*Ҳаргиз рӯзе ба банда парво-т набуд*
*В-андешаи ин бедили шайдот набуд.*
*Хӯрдем зи ту хуну нахӯрдӣ ғами мо,*
*Дар пойи ту мурдему сари мо-т набуд* [9, 181].

Метавон гуфт, ки дувумин маълумоти манзуми нисбатан муфассал ба Ризоқулихони Ҳидоят таллуқ дорад, ки ӯ дар муҷаллади дуюми «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» дар ҳаҷми 295 байт маснавии «Бектошнома» ва ё «Гулистони Ирам»-ро ба мавзуи фавқ бахшидааст. Маснавии мазкур чунин оғоз мешавад:

*Ба номи он, ки бе номаш ба нома,*
*Намегардад равон аз аҷз хома.*
*Ҳама олам ба нураш гашта пайдо,*
*Вале худ на ниҳону на ҳувайдо.*
*Ба ҳар зарра зи нури офтобаш*
*Зуҳуреву зуҳураш худ ҳиҷобаш...* [9, 181]

Баъд аз ҳамд фасли «Гуфтор дар зикри ҳоли Ҳорис ибни Каъби Қаздорӣ ва хоҳараш Робиа ва қасри ӯ» меояд ва фасли мазкур бо чунин абёт шуруъ мешавад:

*Ба шаҳри Балх шоҳе ҳукмрон буд,*
*Ки бар гарданкашон ҳукмаш равон буд.*
*Яке фарзанд Ҳорис ном будаш,*
*Ки хуни хасм май дар ҷом будаш* [9, 181].

Тамоми сарчашмаҳо, асосан, бештар ба иштиҳори Робиа ва пояи ҳунари шоирии ӯ баҳс кардаанд. Аслан шуҳрати эҷодии Робиа ва пояи ҳунари суханварии ӯ аз гуфтаи устод Рӯдакӣ манша мегирад.

Дареғо, ки аҳли таҳқиқ аз ашъори парешони ин суханвар то кунун танҳо 55 байт дарёфт кардаанд,  ки асосан, ғазалу рубоӣ ва қитъа буда, мавзуъҳои ишқӣ, панду андарзӣ ва пейзажиро фаро гирифтаанд. Чунончи:

*Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,*
*Чаман ранги Аржанги Моно гирифт.*
*Сабо нофаи мушки Тиббат надошт,*
*Ҷаҳон бӯйи мушк аз чӣ маъно гирифт?*
*Магар чашми Маҷнун ба абр андар аст,*
*Ки гул ранги рухсори Лайло гирифт?...* [4, 103]

Ғазали фавқ шомили ҳафт байт аст ва пейзажӣ буда, дар баҳри мутақориби мусаммани мақсур эҷод шудааст, ки хеле марғуб аст. Ё худ, ғазали пейзажии дигар:

*Фишонд аз савсану гул симу зар бод,*
*Зиҳӣ боде, ки раҳмат бод бар бод.*
*Бидод аз нақши Озар сад нишон об,*
*Намуд аз сеҳри Монӣ сад асар бод...* [4, 103]

Ва ё абёти зер аз як ғазали ишқӣ:

*Ало, эй боди шабгире, паёми ман ба дилбар бар,*
*Бигӯ он моҳи хубонро, ки ҷон бо дил баробар бар.*
*Ба қаҳр аз ман фикандӣ дил ба як дидор, маҳрӯё,*
*Чунон чун Ҳайдари каррор дар ҳисни Хайбар бар...* [4, 104]

Ё ин ки:

*Ишқи ӯ боз андар овардам ба банд,*
*Кӯшиши бисёр н-омад судманд.*
*Ишқ дарёе каронанопадид,*
*Кай тавон кардан шино, эй ҳушманд.*
*Ишқро хоҳӣ, ки то поён барӣ,*
*Баски биспандид бояд нописанд...* [4, 104]

Робиаи Балхӣ, ба ҳамин тариқ, аввалин бонуи суханвар дар таърихи адабиёти тоҷику форс аст. Ӯ аввалин шуда, ба ашъори зуллисонайни тоҷику форс бунёд гузоштааст. Вале ӯро шоири мутасаввиф гуфтан муҳол аст, зеро пири тариқаташро касе ишора накардааст.

Фаридуддини Аттор дар «Тазкират-ул-авлиё» дар бораи Робиаи Балхӣ маълумот надодааст ва ин, албатта, бесабаб нест. Муҳаммад Авфӣ, дар асоси ишораи Робиа, ӯро «магаси рӯйин» хондааст ва ин ишора ба шикастанафсӣ бошад ҳам, аҳли ирфон онро пазиро нестанд:

*Хабар диҳанд, ки борид бар сари Айюб,*
*Зи осмон малахону сари ҳама заррин.*
*Агар биборад заррин малах бар ӯ аз сабр,*
*Сазад, ки борад бар ман яке магас рӯйин* [4, 104].

Ибораи «магаси рӯйин» хосси сӯфия нест. Абулқосими Қушайрӣ дар рисолаи «Қушайрия» бар Робиа ишора надорад. Дар асари Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ – «Табақоти суфия» низ доир ба ин симои адабӣ маълумот дода нашудааст. Дар китоби «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Алӣ ибни Усмони Ҳаҷвирӣ низ ишора ба Робиаи Балхӣ нашудааст.

Фаридуддин Аттор дар маснавии «Илоҳинома» тавъам бо маълумоти шарҳиҳолӣ, роҷеъ ба пояи шоирии Робияи Балхӣ низ баҳс ба миён оварда, ба ҳунари суханварии ӯ баҳои баланд додааст:

*Чунон дар шеър гуфтан хушзабон буд,*
*Ки гӯйӣ, аз лабаш таъме дар он буд.*

Воқеан, шеваи эҷод, сабки сухан, дарёфти вожаҳо, гузиниши ҳарфу ҳиҷо, коргирӣ ва муносибат бо мухтассоти вожасозӣ ва умуман, дар ҷузъиёт ё резакориҳои шоирона, гузиниши радифу қавофӣ, авзон ва дар маҷмуъ, дарунмоясозии каломи ҳунарӣ Робияи Балхӣ аз хушқареҳатаринҳо буд. Вобаста ба замони эҷод дар асри ӯ ошиқ то дараҷае бепарво, сарддил, каммеҳр аст. Аз ин рӯ, дар қитъаи зерин ӯ мегӯяд:

*Даъвати ман бар ту он шуд, к-Эзидат ошиқ кунод,*
*Бар яке сангиндиле номеҳрубон чун хештан.*
*То бидонӣ дарди ишқу доғи меҳру ғамхурӣ,*
*То ба ҳаҷр андар бипечию бидонӣ қадри ман* [4, 104]..

Дар ашъори дастрасгардидаи Робиаи Балхӣ танҳо дар як ғазали ӯ исми адабиаш зикр шудааст, ки басо арзишманд аст, зеро ҳанӯз дар он замон тахаллус ва ҷойи он дар каломи ҳунарӣ чандон устувор нест:

*Мадор, эй Бинти Каъб, андуҳ, ки ёр аз ту ҷудо монад,*
*Расан гарчи дароз ояд, гузар дорад ба чанбар бар.*

Коргирӣ аз пасвандҳои хурдӣ ва навозиш низ яке аз мухтассоти сабки хуросонӣ дониста мешавад, ки дар ашъори маҳфузмондаи Робиаи Балхӣ хеле нозукона кор гирифта шудааст. Чунончи, ӯ мегӯяд:

*Турк аз дарам даромад хандонак,*
*Он хубрӯйи чобук меҳмонак.*

Байти мазкур бо манзури вазн низ ҷолиб буда, аркони он:

*Мафъӯлу фоъилотун мафъӯлун ва шакли афоъилии он:* – – v / – – / – –

Яъне, музореи мусаддаси ахраби муханнаҷ аст. Вазни мазкур низ нодир буда, шояд Робиаи Балхӣ бори нахуст аз он кор гирифта бошад.

Умуман, Робиаи Балхӣ аввалин бонуи суханвар ва аввалин шоири зуллисонайн буда, тавъам бо забони модарӣ, бо забони арабӣ ҳам шеър гуфтааст. Ӯ ба адабиёти давр ва минбаъда нуфузи вофир гузоштааст.

**Адабиёт**


1. Аттори Нишопурӣ. Илоҳинома, –Теҳрон: Таҳурӣ, 1344.
2. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Сталинобод: НДТ, 1958.
3. Браун, Э. Таърихи адабиёти Эрон. Аз Фирдавсӣ то Саъдӣ. Тарҷумаи Фатҳуллоҳ Муҷтабоӣ. - Теҳрон: Марворид, 1373.
4. Маликзод, Анзурат. Робиаи Балхӣ ва ашъори ӯ. – Душанбе: Меҳроҷ-Граф, 2025.
5. Мудаббирӣ, Маҳмуд. Шоирони бедевон. –Теҳрон, 1370.
6. Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Робиаи Балхӣ. Маҷмуаи мақолаҳо ба ифтихори бузургдошти Робиаи Балхӣ. Таҳияи Анзурати Маликзод. – Душанбе: Истиқбол, 2010.
7. Тоҷӣ Усмон. Бисту се адиба. – Сталинобод: НДТ, 1957.
8. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс. Таҳияи М. Обидӣ. – Теҳрон, Интишорот, Маҳмудӣ, 1337.
8. Ҳидоят, Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо. Ҷ.1. Бо эҳтимоми М. Мустафо. –Теҳрон: Амири Кабир, 1382.

# ЗИНДАГӢ БОЗТОБИ АБАДӢ ДОРАД

*(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Хуҷанд: Ношир, 2025. – 672 с.)*



**Қурбоналӣ РАҲИМОВ – корманди Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ин хона зи хишти кӯҳан андохтаам,**
**Дар вай ҷашне зи рафтагон сохтаам.**
**То аҳли замони мо бидонанд, ки ман**
**Як умр ҷавонӣ ба чӣ раҳ бохтаам.**

**С. Айнӣ**

Дар ҳамаи давру замон ҷустуҷӯҳои нави эстетикӣ, худогоҳии миллӣ ва талқини ҳофизаи таърихии халқ ба адабиёт руҳи тоза мебахшанд. Вобаста ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 20 марти соли 2001 дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат таъкид намуда буданд: «Вақте ки дар бораи фарҳанги навини тоҷикон сухан мегӯем, аз рӯи инсоф намешавад, агар аз дастовардҳое ёд накунем, ки халқи мо дар замони шомил буданаш ба ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ ба онҳо ноил гардидааст».

Воқеият нишон медиҳад, ки ҳазорҳо дафтари ёддошт, хотираҳо, қайдҳо ва корномаҳои шахсӣ то имрӯз китобат нагардидаанд. Агар ҳам баъзе аз онҳо ба риштаи таҳрир кашида шуда бошанд, на ҳамаашон ба дасти адибон, рӯзноманигорон ва зиёиён расидаанд, то дар шакли асарҳои адабӣ пешкаши хонанда гарданд. Дар натиҷа, қисмати муҳимми ҳофизаи таърихии миллат дар пардаи фаромӯшӣ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, яке аз роҳҳои муассири нигоҳдорӣ ва эҳёи ҳофизаи таърихии халқ, инчунин, интиқоли он ба насли нав тавассути адабиёт, эҳё ва рушди суннати ёддоштнависӣ сурат мегирад. Ин суннати адабӣ дар даврони истиқлол на танҳо садои дил, рӯзгори гузашта ва матонату мардонагии халқи тоҷикро бозгӯ мекунад, балки ба зиндагии шахсиятҳои одӣ низ, ки барои ояндаи дурахшони Тоҷикистон заҳмат кашидаанд, ҳаёти дубора ва ҷовидона мебахшад. Онҳое, ки номашон дар саҳифаҳои расмии таърих камтар сабт шудааст, маҳз тавассути ёддоштҳо дубора зинда мегарданд.

Шинохти гузашта ва омӯзиши корномаи наслҳои пешин, хусусан, заҳмати падарон ва ёди




рӯзгори онҳо, яке аз шартҳои асосии ташаккули худшиносии миллӣ ба ҳисоб меравад. Агар шахс аз таърихи худ ва фаъолияти шахсони барӯманди ҷомеа огоҳии комил надошта бошад, наметавонад ба дирӯзу имрӯзи хеш ифтихор намояд ва арзишҳои миллиро дуруст дарк кунад.

Бидуни мутолиаи осори мондагори устод Садриддин Айнӣ, аз ҷумла, «Мактаби кӯҳна» ва «Ёддоштҳо», мо наметавонем аз давраи бачагӣ ва ҷавонии ин абармарди адабиёт, ки заминаи асосии ташаккули эҷодиёти ӯст, огоҳии амиқ пайдо намоем. Умуман, симои воқеии ҳар як адиб ва нависанда, дар баробари осори бадеии ӯ, маҳз тавассути ёддоштҳо ва хотирот равшан мегардад.

Дар ҳамин замина, мутолиаи қисми якуми «Ёддоштҳо»-и С. Ятимов гӯё бозгаште ба ҳамон «хишти кӯҳна»-и устод Садриддин Айнӣ аст, ки аз таърихи зиндаи миллат дарак медиҳад. Ҳамчун як хонандаи шефтаи осори устод Айнӣ, метавон бо итминон гуфт, ки анъанаи ёддоштнависии ӯ имрӯз идома дорад. Таълифи «Ёддоштҳо» аз ҷониби С. Ятимов далели равшани ривоҷ ва таҳкими ин суннати адабӣ дар адабиёти даврони истиқлол мебошад.

Ин асар на танҳо маҷмуи хотираҳо, балки оинаи замон, таҷассумгари воқеиятҳои иҷтимоӣ ва бозтоби зиндагии як давраи муҳимми таърихист. Аз ин рӯ, «Ёддоштҳо»-и С. Ятимовро метавон ҳамчун идомаи мантиқии мактаби ёддоштнависии миллӣ арзёбӣ намуд, ки дар он зиндагӣ ба сифати бозтоби абадият ҷилвагар мешавад.

Дуруст аст, ки таърих дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёт ба гунаи муайян такрор меёбад. Дар адабиёти бадеӣ ин падида бештар дар идомаи анъанаҳо ва таҷдиди шаклу мазмун зоҳир мегардад. Чунин як навъи такрори эҷодиро метавон дар таълиф ва нашри «Ёддоштҳо»-и С. Ятимов мушоҳида кард. Муаллиф дар муқаддимаи асар ба ин масъала ишора мекунад: «Зиндагӣ бозтоби абадӣ дорад. Идомаёбанда, беохир, аммо бебозгашт аст. Лекин таърих дар қолаб ва муҳтавои пешин, бо таҳаввулот, шаклу мазмун ва қаҳрамонҳову симоҳои нав такрор меёбад. Самт, сифат ва самараи онро мундариҷаи ҷаҳонбинӣ, шакли инъикоси ҳастӣ дар майнаи инсон, тавъам бо дараҷаи донишҳои дар таҷриба санҷидашуда, муайян месозад» (саҳ. 3).

Муаллиф дар раванди ёддоштнависӣ ҳам муҳтавои суннатӣ, яъне, анъанаи устод Садриддин Айниро ҳифз намудааст ва ҳам бо ворид сохтани шаклу мазмун ва қаҳрамонҳои нав асари худро ғанӣ гардонидааст. Қаҳрамонҳои «Ёддоштҳо»-и С. Ятимов, бахусус, дар тасвири гузаштагон – падар, модар ва пайвандон бо қаҳрамонҳои «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ ҳамбастагии маънавӣ доранд. Ин ҳамбастагӣ дар рафтору кирдор, касбу пеша, ҷаҳонбинӣ ва муҳаббат ба зиндагӣ ба таври равшан эҳсос мешавад.

Тасвири чунин «рухи ягона ва ҷовидона», ки наслҳоро ба ҳам мепайвандад, инчунин, пайванди кору пайкори қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ бо воқеияти таърихӣ ва бозгашти онҳо баъди даҳсолаҳо дар фазои адабӣ, падидаи ҷолиби таърихию бадеӣ ба шумор меравад. Ин раванд нишон медиҳад, ки адабиёт на танҳо инъикосгари замон, балки василаи пайванди наслҳо ва интиқоли арзишҳои маънавӣ мебошад.

Адабиётшинос Ҳафиз Раҳмон бамаврид таъкид мекунад, ки: «асари бадеиро барои он мехонанд, ки андешаи инсонҳоро тағйир диҳад; вазифа ё ҳадафи тамоми анвои ҳунар, ки адабиёт низ як шохаи он аст, ҳамин мебошад. Муҳим он аст, ки хонанда аз китоб бардошт кунад, ба андеша равад ва дар ниҳоят ба хулосаҳои муҳим бирасад» («Адиб чӣ менависад ва хонанда чӣ мефаҳмад?», «Омӯзгор», №44, 29 октябри соли 2025).

Дар ҳамин замина, «Ёддоштҳо»-и С. Ятимов, ки дар давраи истиқлол таълиф шудааст, аз чанд ҷиҳат бо «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ умумият ва монандӣ доранд: интихоби мавзуъ, услуби баён, инъикоси масоили сиёсиву иҷтимоии замон, тасвири муҳити ҷуғрофӣ ва инчунин, таҳлили махсусияти қаҳрамонҳо.

Ба назари инҷониб, таълифи «Ёддоштҳо» аз ҷониби С. Ятимов падидаи тасодуфӣ нест, балки бар заминаи устувори таърихӣ ва иҷтимоӣ шакл гирифтааст. Зуҳури шахсияти устод Садриддин Айнӣ дар зеҳни муаллиф, муҳаббат ва эҳтироми амиқи хонавода, махсусан, падар нисбат ба кору пайкори ин абармарди миллат, ҳамчун ангезаи асосии эҷоди асар хизмат кардааст. Зеро афкор, осор ва зиндагиномаи устод Садриддин Айнӣ барои падар ва худи муаллиф ҳамчун як идеали маънавӣ арзёбӣ мешуд.

«Падарам Садриддин Айниро падари маънавии миллати тоҷик мешумурд. Чунин ҳисоб мекард, ки то ҳанӯз ба қадри ин шахсияти бузург нарасидаем. Суханҳои ӯро дар бораи ҳуррият ва озодӣ, ки болшевикон барои тоҷикон овардаанд, доимо такрор мекард. Айниро марди ҳақиқӣ, намакшинос, ҳақшинос, рӯинтан ва қаҳрамони ҳамаи давру замон мешумурд» (саҳ. 60).

Мутолиа, андешаронӣ ва бардошт аз асар яке аз шартҳои муҳимми донишандӯзӣ ва худшиносии ҳар як фарди огоҳ ба ҳисоб меравад. Ин анъана дар муҳити хонаводаи муаллиф низ ташаккул ёфта, аз падар ба фарзанд ҳамчун мероси маънавӣ гузаштааст. Падар дар тарбияи фарзанд на танҳо ба осори устод Садриддин Айнӣ ишора мекард, балки ӯро ҳамчун намуна ва идеали комил муаррифӣ менамуд. Чунончи, дар асар омадааст: «Садриддин Айниро мисол меовард, ки маҳз шиносоӣ бо эҷодиёти Аҳмади Дониш, махсусан, «Наводир-ул-вақоеъ»-и ӯ, дар ҷаҳонбинии Айнӣ инқилоби маънавӣ ба вуҷуд овардааст. Ва ҳамин ҷаҳонбинӣ дар ниҳоят ба ҳидоятгари худшиносӣ ва хештаншиносии миллати тоҷик табдил ёфтааст» (саҳ. 112).

«Ёддоштҳо»-и С. Ятимовро метавон ҳамчун идомаи мантиқии суннати ёддоштнависии миллӣ арзёбӣ намуд, ки дар он пайванди наслҳо, эҳёи ҳофизаи таърихӣ ва ташаккули худшиносии миллӣ бо сабки тоза ва диди муосир инъикос ёфтааст. Агар хонанда бо мақолаи

муаллиф таҳти унвони «Садриддин Айнӣ ва инқилоби маданӣ» («Ҷумҳурият», №110, 3 июни соли 2025) шиносоӣ дошта бошад, дармеёбад, ки таълифи он аз муҳити хонаводагӣ, махсусан, аз ҳидоятҳои падар ва маҳбубияти амиқи устод Садриддин Айнӣ сарчашма гирифтааст.

Агар муаллиф қабл аз мутолиаи муқаддимаи қиссаи «Мактаби кӯҳна» номи устод Садриддин Айниро бо роҳнамоии муаллими аввалинаш Ғоибназар Забиров ва тавассути падараш шунида бошад, пас шиносоии мустақими ӯ бо осори ин адиби бузург нахустин бор ба василаи апааш – Сайлигул сурат гирифтааст. Маҳз тавассути шунидани шеъри зерин:

*Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,*
*Ба бекорию нодонӣ намонем.*
*Ба олам ҳар касе бекор гардад,*
*Ба чашми аҳли олам хор гардад.*

муаллиф ба ҷаҳони маънавии устод Айнӣ ворид мегардад. Ӯ менависад: «Ман ин шеърро шунида ҳайрон шудам. Мазмуни он чунон ба ман маъқул шуд, ки аз апаам пурсидам:

– Ҳамин шеърро очаам гуфтааст?

Апаам аз таҳти дил хандида гуфт:

– Э, сода! Ин шеърро Садриддин Айнӣ навиштааст» (саҳ. 131).

Ин гуна лаҳзаҳо нишон медиҳанд, ки мутолиа ва шиносоӣ бо адабиёт чӣ гуна метавонад дар шаклгирии ҷаҳонбинӣ ва завқи эстетикии шахс нақши муҳим бозад. Хонандаи закӣ баъди мутолиаи асар на танҳо ба дарки амиқтари мазмун мерасад, балки мекӯшад бардоштҳои худро бо дигарон мубодила намояд ё онҳоро ба шакли хаттӣ ифода кунад. Барои онҳое, ки имкони мустақими мутолиаи асарро надоранд, чунин навиштаҳои таҳлилӣ метавонанд воситаи шиносоии ғайримустақим бо муҳтавои асар гарданд.

Қисми якуми «Ёддоштҳо» аз таваллуди муаллиф дар зодгоҳаш – Ориёно оғоз ёфта, бо бозгашти ӯ аз шаҳри Минск тавассути Москва ба шаҳри Душанбе – пойтахти Тоҷикистон анҷом меёбад. Ин масири зиндагӣ намунаи равшани ташаккули худшиносии миллӣ ва эҳсоси ватанпарастии муаллифро таҷассум мекунад.

Дар асар, ҳарчанд доираи воқеоту ҳодисаҳо бештар ба деҳаҳои Тиркон ва Қафлондара – зодгоҳи гузаштагон ва падари муаллиф марбут аст, аммо бахши муҳимми хотироти гарму самимии муаллиф ва пайвандонаш дар деҳаи Ориёно шакл гирифтааст. Муаллиф таърихи деҳаи худро бо такя ба хотираи қавии бобои Бозормуҳаммад (саҳ. 9-20) ва нақлу ривоятҳои бобои Достӣ (саҳ. 20-28) ба таври мухтасар баён намудааст. Ин шахсиятҳоро метавон дар асар ба ҳайси ровиёни таърих ва ҳомилони ҳофизаи ҷамъиятӣ арзёбӣ кард.

Ҳамзамон, муаллиф ишора мекунад, ки таҳқиқи муфассалтари таърихи қадимаи деҳа дар мақолаи илмии ӯ таҳти унвони «Бозёфт ва тадқиқоти археологӣ – шакли инъикоси воқеияти таърихӣ» («Илм ва ҷомеа», №4(34), 2023) ҷой дода шудааст.

Дар маҷмӯъ, таърих, мавқеи ҷуғрофӣ ва корномаи мардони деҳа, ҳам дар давраи тоинқилобӣ ва ҳам баъд аз он ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва шахсияти муаллиф таъсири амиқ расонидаанд. Ин омилҳо дар асар бо маҳорати баланд ба тасвир кашида шудаанд. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи махсус ба қаҳрамонҳои асар комилан асоснок аст.

**Симои Ятим**

Симои бобои Ятим, гарчанде ки ба давраи баъдии хотироти муаллиф тааллуқ дорад (саҳ. 58-85), дар баробари худи муаллиф ҳамчун яке аз қаҳрамонҳои марказии асар ҷилвагар мешавад. Муаллиф ин образро, асосан, тавассути нақли падар офаридааст.

Қисмати зиндагии пешазинқилобии Камол – маъруф ба Ятим, дар чанд ҷиҳат ба симои Сайид Муродхоҷа, падари устод Садриддин Айнӣ, монандӣ дорад: ҳунармандӣ, ростқавлӣ, поктинатӣ, эҳтироми шаъну шараф ва ҳифзи обрӯи худу ҳамдеҳагон. Агар устод Айнӣ дар осораш бо такя ба нақли падар дар бораи бобояш – Сайид Умархоҷа маълумот дода бошад, муаллифи «Ёддоштҳо» низ тавассути падараш Абдусаттор ва нақли мӯйсафедон дар бораи бобояш Камол (Ятим) маълумот гирифтааст.

Номи «Ятим» дар асар маънои рамзӣ касб мекунад. Он на нишонаи бекасӣ, балки ифодаи сифатҳои устуворӣ, ҷасорат ва нодирӣ мебошад. Чунончи, дар гуфтугӯи пирамарди ҳаштодсола бо Ашӯросетин омадааст: «Ятим дар забони мо гули нодирест, ки танҳо мерӯяд, сангро

мешикофад, аз боду борон наметарсад. Сахтҷон, бовиқор ва устувор аст. Ин Ятим аз ҷумлаи ҳаминхост: далер, ғаюр ва уҳдабаро» (саҳ. 82-83).

Ин хислатҳо баъдан дар симои Абдусаттор – падари муаллиф ва худи муаллиф низ таҷассум меёбанд. Ба ин тартиб, симои Ятим ҳамчун рамзи давомияти наслҳо ва шуълаи хомӯшнашавандаи зиндагӣ дар асар хизмат мекунад. Мақсади зиндагии ӯ дар таъмини саодати инсон, ободии ҷомеа ва нафъ расонидан ба дигарон ифода меёбад.

Бо таъсири шароити нави таърихӣ ва бо роҳнамоии Ашӯросетин, Ятим ба саводомӯзӣ рӯ меорад. Ашӯросетин дар ин раванд нақши ҳидоятгарро иҷро мекунад. Баъд аз саводнок шудан, Ятим се дастоварди муҳимро ҳамчун арзиши зиндагии худ арзёбӣ менамояд: саводнокии шахсӣ, бунёди мактаби нав ва саҳмгузорӣ дар саводнокии аҳолии деҳа (саҳ. 83-84).

Маҳз ҳамин се омил ба ташаккули консепсияи зиндагии қаҳрамон замина мегузоранд: худтакмилдиҳӣ, хизмат ба ҷомеа ва рушди маърифат. Ин ғояҳо дар маҷмуъ, мазмуни иҷтимоӣ ва тарбиявии асарро ғанӣ мегардонанд.

Ятим аз воқеаҳои ҳар ду давра – пеш аз инқилоб ва баъд аз он тарсу ҳарос надошт. Ӯ ҳамеша кӯшиш мекард, ки амалҳои худро на ба нафъи шахсӣ, балки ба манфиати ҷомеа анҷом диҳад. Таъсири воқеаҳо ба шахсияти ӯ чунон амиқ аст, ки вай худро ба маҷрои зиндагии нави мардум мутобиқ месозад. Аввал худ намуна мегардад: хатту савод меомӯзад, аз шуғли пешина – осиёбдорӣ даст мекашад ва бо рӯҳияи нав ба ҳаёти ҷомеа ҳамқадам мешавад. Тамоми фаъолияти ӯ ба сӯи таъмини саодати зиндагии мардум равона гардидааст, ки ин рисолати қаҳрамони воқеиро таҷассум мекунад.

Ятим ба замони нав бо хислатҳои неки худ – ростгӯӣ, ҳалолкорӣ, садоқат ба кор, андешаи амиқ дар ҳалли масъалаҳо, машваратпазирӣ, таҳаммулгароӣ дар шароити душвор ва дастгирии ниёзмандон ворид мегардад. Ӯ дар лаҳзаҳои ҳассоси зиндагӣ тавони қабули қарорҳои дуруст ва хулосаҳои амиқро дорад, ки ин сифатҳо ӯро ба як шахсияти барҷаста табдил медиҳанд.

Ба назари мо, муаллиф метавонад дар оянда бо такя ба ин образ асари мустақиле таҳти унвони «Ятим» эҷод намояд, зеро адабиёти давраи истиқлол ба баррасии чунин симоҳои воқеӣ ва ибратомӯз ниёз дорад.

Дар қисми якуми «Ёддоштҳо» симои се насл – табори муаллиф ба таври барҷаста ва пайдарҳам тасвир шудааст. Аз ҷумла, Ятим ҳамчун шахсе муаррифӣ мегардад, ки барои саводнок гардидани мардуми деҳа талош мекунад. Дар баробари ин, тағйири мақоми иҷтимоии шахсият низ нишон дода мешавад: аз як фарди одӣ то шахсе, ки дар идораи маҳаллӣ нақш мегирад. Ҳамзамон, дар асар тазодҳои иҷтимоӣ низ инъикос ёфтаанд: масалан, мавқеи манфии баъзе намояндагони роҳбарият нисбат ба саводнок гардидани ҷавонон.

**Симои Азиз**

Баррасии симои Азиз – бародари Ятим ва амаки Абдусаттор (падари муаллиф) аз чанд ҷиҳат муҳим аст. Пеш аз ҳама, аксари маълумот дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти Ятим маҳз тавассути нақлҳои Азиз ба наслҳои баъдӣ расидааст. Аз ин лиҳоз, ӯ ҳамчун ҳомили ҳофизаи таърихии хонавода аҳаммияти махсус дорад. Чунончи, муаллиф менависад: «Тарҷумаи ҳоли бобои мо – Ятимро бо тамоми ҷузъиёташ ҳамин акаи Азиз гаштаю баргашта ба мо нақл мекард, ки як қисми он дар ин хотираҳо оварда шудаанд» (саҳ. 211).

Симои Азиз дар асар на танҳо ба сифати шахси наздик, балки ҳамчун яке аз ровиёни асосии воқеаҳо баромад мекунад. Дар баробари дигар шахсиятҳо – бобои Бозормуҳаммад, бобои Дӯстӣ, бобои Қурбоналӣ ва бобои Абдулло, ӯ низ дар равшан сохтани зиндагӣ ва кору пайкори Ятим нақши муҳим мебозад.

Муносибати маънавии наслҳо дар тасвири ин образ низ ҷолиб аст: агар Абдусаттор дар симои Азиз падараш Ятимро эҳсос намояд, пас худи Азиз дар симои Абдусаттор идомаи бародараш – Ятимро мебинад. Ин пайванди маънавӣ ва ирсӣ ба асар мазмуни амиқ мебахшад.

Муаллиф симои зоҳирии Азизро кӯтоҳ, вале нишонрас тасвир кардааст: «Акаи Азиз ба падарам хеле монанд буд» (саҳ. 211). Бар асоси ин ишора ва таҳлили умумии матн метавон чунин хулоса кард, ки ӯ шахси қоматбаланд, ҷисман пурқувват, дорои чеҳраи ҷиддӣ, нигоҳи устувор ва овози таъсирбахш буда, ба иродамандӣ ва роҳбарӣ моил будааст. Азиз на танҳо шоҳиди рӯзгори Ятим, балки иштирокчии бевоситаи рӯйдодҳои муҳимми таърихии хонавода низ мебошад. Ӯ аз ҷумлаи онҳост, ки шоҳиди аз даст рафтани молу мулк, саргардонӣ ва душвориҳои зиндагии

хонавода дар давраи пеш аз инқилоб будааст. Ҳамзамон, тавассути симои Азиз муаллиф тавонистааст ҷанбаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ва таърихиро низ инъикос намояд. Аз ҷумла, қиссаҳои вобаста ба солҳои ҷанг, асорат ва наҷоти ӯ аз лагерҳои маҳбусон, муносибат бо намояндагони миллатҳои дигар ва дӯстӣ бо шахсоне чун Каземир ва Зигизмунд, симои ӯро боз ҳам пурмазмун мегардонад.

Ин воқеаҳо нишон медиҳанд, ки дар тақдири насли аввалини ин хонадон намояндагони миллатҳои дигар низ нақши муҳим бозидаанд. Агар Ашӯросетин Ятимро ба зиндагии нав ҳидоят карда бошад, пас барои Азиз шахсоне чун Каземир ва Зигизмунд сабаби наҷот ва идомаи зиндагӣ гардидаанд. Онҳо на танҳо ӯро аз асорат, балки аз марг низ раҳониданд.

Хонанда танҳо баъд аз мутолиаи амиқи асар метавонад ин робитаҳои пинҳон, ҳамбастагии қаҳрамонҳо ва пайванди сарнавиштҳоро дарк намояд. Маҳз ҳамин хусусият асарро аз ҷиҳати маънавӣ ва бадеӣ ғанӣ мегардонад ва онро ба як манбаи муҳимми худшиносии миллӣ табдил медиҳад.

**Симои падар**

Симои падар дар ҳар гуна асари бадеӣ ё ёддоштӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун образи маъмули адабӣ – такягоҳи хонадон, тарбиятгар ва роҳнамои фарзандон дар назари хонанда ҷилвагар мегардад. Дар «Ёддоштҳо»-и С. Ятимов низ симои Абдусаттор маҳз бо ҳамин вижагиҳо зуҳур мекунад. Ӯ шуълаи афрӯхтаи падари худ – Ятимро на танҳо хомӯш накардааст, балки онро идома дода, боз ҳам фурӯзонтар гардонидааст. Абдусаттор ормон ва орзуҳои падарро дар амал татбиқ менамояд. Аз ҳамин нуқтаи назар, дар давраи кӯдакӣ ва наврасии фарзандон, падар талош мекунад, ки онҳоро соҳиби илму дониш, касбу ҳунар ва ахлоқи ҳамида гардонад. Дар замири ӯ орзуе нуҳуфтааст, ки фарзандонаш дар оянда шахсиятҳои арзанда гардида, ба халқу Ватани худ содиқона хизмат намоянд.

Яке аз лаҳзаҳои муҳимми тасвири ин образ эътирози Абдусаттор баъд аз 12 соли даргузашти падараш мебошад. Ин эътироз, ки дар доираи як деҳа ва як колхоз сурат мегирад, танҳо ба хотири таъмини имконияти таҳсил ва касбомӯзии ҷавонон равона шудааст. Бо дарназардошти шароити пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ, на ҳар ҷавон ҷуръати чунин мавқеъгириро дошт, хусусан, дар баробари роҳбарияти маҳаллӣ, ки имконоти васеъ дошт.

Ин гуна устуворӣ ва ҷасорат дар шахсияти Абдусаттор тасодуфӣ нест, балки идомаи мантиқии хислатҳои падари ӯ – Ятим мебошад. Муаллиф дар тасвири зиндагии бобо ва падар равандеро нишон медиҳад, ки дар он хислатҳои ахлоқӣ ва иродавӣ аз як насл ба насли дигар мегузаранд. Ин интиқоли арзишҳо, ки дар муҳити хонаводагӣ шакл гирифта, баъдан ба муҳити иҷтимоӣ роҳ меёбад, аз муҳимтарин паҳлуҳои асар ба шумор меравад.

Дар «Ёддоштҳо» воқеият бо содагӣ ва самимият баён шудааст. Ҳузури нақли воқеӣ дар асар имкон медиҳад, ки унсурҳои бадеисозӣ маҳдуд бошанд ва воқеият бо асли худ инъикос ёбад. Ин хусусият ба асар эътимоднокии бештар мебахшад. Хонанда дар ҷараёни мутолиа аввал бо симои Ятим ошно мешавад ва сипас мушоҳида мекунад, ки ҳамин хислатҳо ба таври комил дар симои писараш – Абдусаттор таҷассум ёфтаанд. Яъне, новобаста аз тағйири замон ва шароити иҷтимоӣ, арзишҳои ахлоқии асосӣ устувор боқӣ мондаанд.

Яке аз дастовардҳои муҳимми асар дар он аст, хонанда симои қаҳрамонро тавассути хислатҳояш дар шакли сурат мебинад. Яъне муаллиф тавонистааст бидуни пешниҳоди тасвири визуалӣ (бе расм, бе акс), симо (портрет)-и падарро бо истифода аз тавсиф, эҳсосот ва ҷузъиёти бадеӣ дар зеҳни хонанда ба таври равшан офарад. Тасвири зоҳирии падар чунин оварда шудааст: «Падарам марди қоматбаланд, газгӯшт, бо дасту панҷаи мустаҳкам, чашму абрӯсиёҳ, рӯйи гирд, бинии баланди теғдор, пешонивасеъ, манаҳи бидуни аломатҳои хос ва пойинтар аз рухсораи чапаш як холи ноаёни гӯштӣ, овози боқувват ва моил ба иродамандӣ ва фармонфармоӣ дошт» (саҳ. 86-87).

Дар баробари ин, муаллиф ба хислатҳои ахлоқии падар низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст: «Он хислати падарам, ки бештар дар назари ман ҷило пайдо мекард, меҳнатқаринӣ, кордӯстӣ, мушкилнописандӣ, ростқавлӣ, адолатхоҳӣ, ҷавонмардӣ, ғайрату далерӣ ва садоқати беандоза ба дӯстони покниҳод буд. Маҳз ҳамин ҷиҳатҳо ӯро водор месохтанд, ки худро дар зиндагӣ мустақил, худкифо ва озод эҳсос намояд» (саҳ. 87).

Тасвири симои падар дар асар танҳо як бозгӯйи хотира нест, балки оғози як равандест, ки метавонад дар осори минбаъдаи муаллиф идома ёбад. Зеро бисёре аз воқеаҳои зиндагии муаллиф маҳз аз таҷриба ва кору пайкори ин ду қаҳрамон – Ятим ва Абдусаттор сарчашма мегиранд. Ба ҳамин далел, метавон гуфт, ки пояи асосии «Ёддоштҳо»-ро маҳз ҳамин ду симо ташкил медиҳанд, ки тавассути онҳо масъалаҳои муҳимми худшиносӣ, тарбият ва арзишҳои миллӣ инъикос ёфтаанд.

**Симои модар**

Дар ҳар гуна асари тарҷумаиҳолӣ, новобаста аз жанр, симои модар ҷойгоҳи хос ва ҷовидона дорад. Дар «Ёддоштҳо»-и С. Ятимов низ ин образ бо самимият ва воқеият тасвир ёфта, дар маҷмуъ, симои модари тоҷикро бо тамоми хусусиятҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии он таҷассум менамояд. Муаллиф дар офаридани ин образ бештар ба воқеияти зиндагӣ такя кардааст, на ба нақлу ривоят. Яъне симои модар на ҳамчун як қаҳрамони сохта, балки ҳамчун шахсияти зинда ва воқеӣ, бо тамоми эҳсосу андеша ва рафтори табиияш нишон дода шудааст. Ин тарзи тасвир ба асар ҷанбаи навоварона ва эътимоднок мебахшад.

Яке аз намунаҳои барҷастаи ин тасвир чунин аст: «Модарам ба ханда ба ман як нигоҳ карда, дарзаи навбатиро баста истода, мардонавор шиор партофт:

– Мо мард ҳастем! Мо аз гармӣ наметарсем! Мо аз сардӣ наметарсем!

Чун борон боз ҳам сахтар шуд ва хунукӣ зиёдтар, модарам боз бо виқори махсус илова кард:

– Мо аз барфи саргардону борони новардон намеҳаросем! Кулӯх нестем об шавем! Об нестем ях шавем! Меҷунбем, ки нарм шавем! Медавем, ки гарм шавем! – гуфта, тез ҳаракат мекард, ки зудтар дарзаҳои алафро бор кунему роҳи хонаро пеш гирем» (саҳ.123-124).

Ин гуна тасвирҳои зинда ва пуртаъсир на танҳо диққати хонандаро ҷалб мекунанд, балки ӯро ҳамдарду ҳамроз бо қаҳрамон месозанд. Хонанда дар ин лаҳзаҳо симои модари худро низ пеши назар меорад ва ба арзишҳои меҳнат, сабру таҳаммул ва иродаи қавӣ эҳсоси тоза пайдо мекунад. Шиори модар, ки бо лаҳни шоирона ва ҳаяҷонбахш ифода ёфтааст, дорои хусусияти тарбиявӣ ва ҳикматомӯз мебошад.

Ҳамин тавр, муаллиф ҷаҳони ба зоҳир сода, вале дар асл мураккаб ва пурмазмуни модарро ба таври муассир ба қалам додааст: ҷаҳоне, ки дар он оромӣ бо шуру ҳаракат, содагӣ бо ҳикмат ва таҷрибаи зиндагӣ бо андешаи амиқ омезиш ёфтаанд.

Дар баробари меҳнатдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ, модар ҳамчун нахустин устоди фарзанд низ ҷилвагар мешавад. Ӯ на танҳо тарбиятгар, балки роҳнамои маънавии муаллиф аст. Чунончи, муаллиф бо эҳсоси амиқ менависад: «Ба гузашти солҳо ман ҳайрон мешавам, ки чӣ тавр як духтари камбағали меҳнатӣ дар солҳои сиюми асри гузашта, дар шароити ниҳоят душвор – кори саҳро ва синфхонаи тираву тор соҳиби хатту савод гаштааст» (саҳ.141).

Дар идома, лаҳзаи омӯзиши аввалини навиштан аз ҷониби модар хеле муассир ба тасвир омадааст: «Бачам имрӯз мо навиштани ягон ҳарфро сар намекунем. Аввал, бояд ту донӣ, ки қалам барои навиштан чӣ гуна бо се ангушт дошта мешавад. Имрӯз фақат 1, 1,1 менависем.

Баъд андешамандона, хеле ором, маро мисле ки ба зиндагӣ ҳидоят мекарда бошад, рост ба чашмонам нигоҳ карду суханашро давом дода гуфт:

– Илоҳӣ, ба сад дарой. Аммо ман аз ҳозир ҳис мекунам, ки ту одами меҳнатрӯзӣ мешавӣ. Умрат бо меҳнату заҳмат мегузарад. Як бурида нонат ҳам аз ҳаво намеояд. Онро фақат аз корзор меёбӣ. Ана ҳамин хел одамро меҳнатрӯзӣ мегӯянд. Дар пешонаат навишта шудааст, ки зиндагии ту бо қаламу қадам бастагӣ дорад. Акнун қалам гирифтанро хуб ёд бигир, то қадаматро бо қалам ва қаламатро бо қадам ҷур карда тавонӣ. Ҳардуи ин агар бо мароми зиндагӣ дуруст оянд, хор намешавӣ» (саҳ.141-142).

Ин суханони модар на танҳо панду насиҳат, балки як барномаи зиндагии муаллиф ба шумор меравindependent, ки дар ташаккули шахсияти ӯ нақши ҳалкунанда доштаанд.

Қобили зикр аст, ки «Ёддоштҳо» бо суханони модар – Зебуннисо оғоз меёбад. Баъдан дар асар як қатор образҳои занона бо хусусиятҳои гуногун ва дар заминаи воқеиятҳои иҷтимоӣ тасвир шудаанд: кампири Шаҳрия, апаи Сайлигул, Шарифамоҳ (ҳамсари Ятим), кампири Фотима, муаллима Фаина Дмитриевна Псечникова, холаи Робиямоҳ, апаи Сангимоҳ ва кампири Одинамоҳ. Ҳар яке аз ин симоҳо бо хислату рафтор, ҷаҳонбинӣ ва нақши худ дар муҳити

иҷтимоӣ ва оилавӣ ҷилвагар гардида, маҷмуан тасвири пурраи зан-модарро дар ҷомеа ба вуҷуд меоранд.

Симои модар дар «Ёддоштҳо»-и С. Ятимов на танҳо як образи хотиравӣ, балки як падидаи иҷтимоӣ ва ахлоқӣ мебошад, ки тавассути он арзишҳои меҳнат, сабр, ирода ва тарбияи инсонӣ бо равшанӣ инъикос ёфтаанд.

**Кампири Фотима**

Кампири Фотима пас аз Зебуннисо барои муаллиф мақоми модарӣ дорад ва симои ӯ дар асар маҳз ҳамин ҷойгоҳро дар бар мегирад. Рӯзгори пурмашаққат ва махсусан, дарди гарони аз даст додани писари ягонааш – Бобоназар ба шахсияти ӯ устуворӣ ва хислатҳои ба истилоҳ «мардонагӣ»-ро бахшидааст. Муаллиф симои кампири Фотимаро, пеш аз ҳама, тавассути дунёи ботиниаш ба тасвир мекашад. Камгапӣ, пинҳон доштани ғаму андӯҳ аз чашми дигарон, дар танҳоӣ бо чарха ресмон бофтан ва ба ҳамин васила сабук кардани дарди дил, худдорӣ аз гиря дар назди дигарон ва интихоби таҳаммулпазирӣ, аз ҷумлаи хислатҳои асосии ин образ мебошанд. Дар асар ин сифатҳо чунин ҷамъбаст шудаанд: хоксорӣ, ҷиддият, камгапӣ, иродаи қавӣ, поксириштӣ, ростқавлӣ ва меҳнатдӯстӣ (саҳ. 116). Илова бар ин, кампири Фотима дорои ҳунари кадбонугӣ ва бофандагӣ буда, аз намоиши эҳсосоти зиёдатӣ парҳез мекард. Ӯ дар хонадон ҷойгоҳи хоси худро дошт: ҳатто ғоиб будани кӯтоҳмуддати ӯ холигии маънавиро дар муҳити оила эҳсосшаванда мегардонд.

Дунёи ботинии кампири Фотима, андӯҳу танҳоии ӯ ва тарзи таҳаммул кардани ин дардҳо ҳанӯз дар давраи кӯдакии муаллиф таваҷҷуҳи ӯро ҷалб намудааст. Чунончи, муаллиф яке аз лаҳзаҳои таъсирбахшро чунин тасвир мекунад: «Ман ҳис кардам, ки кори чархаресии кампир ба оҳистагӣ майл дорад ва оқибат дастони ӯ аз кор бозмонданд. Кампир, гӯё ин ҷаҳон дигар вуҷуд надошта бошад, ба фикр фурӯ рафт. Ба як нуктаи номаълум менигарист. Ва шах шуда монд. Гӯё ҷон бадани хаставу ларзони кампирро тарк карда бошад/, аз худ амале нишон намедод. Мисле ки лашкари ғаму андуҳ руҳи ӯро мисли абрҳои ногаҳони баҳорӣ фаро гирифта бошад» (саҳ. 119).

Ин лаҳза оғози дарки амиқи муаллиф аз дунёи ботинии кампир аст. Аз ин мушоҳидаҳо бармеояд, ки пас аз хабари марги писараш дар ҷанг, ин ҳолати рӯҳӣ то охири умр ҳамроҳи ӯ будааст. Чарх гардондани ресмон барои кампири Фотима на танҳо кори рӯзмарра, балки як навъ таҷассуми фалсафаи зиндагӣ ва роҳи сабук кардани дарди дарунӣ мебошад. Агар дар асар Ятим дар гардиши чархи осиёб рамзи пешрафти зиндагиро медид, пас кампири Фотима дар чархи ресандагӣ дарди зиндагии гузаштаашро эҳсос мекунад. Тафовути ин ду рамз: яке рӯ ба оянда ва дигаре ғарқи гузашта ба асар умқи фалсафӣ мебахшад.

Яке аз саҳнаҳои таъсирбахши асар муколамаи кампири Фотима бо акси писараш мебошад. Ин лаҳза бо эҳсоси баланд ва ҳузни амиқ тасвир ёфтааст. Муаллиф дар баробари кампир дарди фироқро эҳсос мекунад ва хонанда низ нохудогоҳ ба ин ҳолат ҳамдард мегардад. Сандуқи кампири Фотима дар асар рамзи махсус дорад. Он на танҳо як ашёи рӯзгор, балки таҷассуми дили пурдарди модар аст. Чунин сандуқҳо дар зиндагии бисёре аз модарони тоҷик вуҷуд доштанд, ки дар онҳо хотираи фарзандони аздастрафта нигаҳдорӣ мешуд. Ҷолиб он аст, ки ин сандуқҳо қулфу калиди зоҳирӣ надоштанд, калиди онҳо дили модар буд.

Муаллиф ин манзараро бо таъсирнокии баланд тасвир мекунад: кушодани сандуқ, ба даст гирифтани акси писар, пок кардан, бӯсидан, ба дил фишурдан ва гуфтугӯи ором бо ӯ, ҳамаи ин амалҳо нишонаи муҳаббати беандоза ва дарди беохири модар аст. Ин гуна тасвир дар адабиёти муосир камназир буда, қувваи баланди эҳсосӣ дорад.

Ҳамин тавр, агар чархи ресандагӣ рамзи андеша ва даруни пурдарди кампир бошад, пас сандуқ ва муколама бо акси писар рамзи хотира, умед ва сабри модар аст. Ин ҳама нишон медиҳад, ки новобаста аз ғаму андуҳи сангин, модар устуворӣ ва таҳаммулпазирии худро нигоҳ медорад. Симои кампири Фотима дар баробари симои Зебуннисо образи марказии «модар»-ро дар асар ташкил медиҳад. Хислатҳое чун ростқавлӣ, меҳнатдӯстӣ, мушкилнописандӣ, қаноатмандӣ ва шукргузорӣ, ки дар ин ду симо таҷассум ёфтаанд, арзишҳои асосии ахлоқии ҷомеаро инъикос мекунанд. Ин аст, ки ҳамин хотираҳои самимӣ ва ростин, ки як умр дар зеҳни муаллиф нақш бастаанд, ба саҳифаҳои асар интиқол ёфта, барои хонанда низ таъсирбахш ва ибратомӯз мебошанд.

**(Идома дорад)**

# ШОГИРДОНИ ХУДШИНОСРО БА КАМОЛ РАСОНЕМ

**Санам АСРОРОВА – омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №70, ноҳияи Исмоили Сомонӣ**

**Дар зинаи аввали таҳсилот хештаншиносӣ омили муҳимтарин ва заминаи рушди шахсияти хонандагон маҳсуб меёбад. Дар ин зина ҷаҳони маънавии хонандагон шакл гирифта, онҳо ҳамчун шахсияти мустақил ва соҳибихтиёр ба қобилияти худ боварӣ ҳосил карда, барои пеш рафтану муваффақият ба даст овардан талош меварзанд. Ҳадафи тарбияи хештаншиносӣ ҳам ҳамин аст: бояд кӯдакон бо қобилияту неру ва донишу истеъдоди худ ба қадри арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ бирасанд.**

Боиси хурсандист, ки омӯзгорон барои рушди ин паҳлуи тарбияи хонандагон ба як қатор имконот дастрасӣ доранд. Масалан, дар китобҳои дарсӣ мавзуъҳои махсус ҷой дода шудаанд, ки бо вижагиҳои хос дар боби баланд бардоштани сатҳи хештаншиносии хонандагон нақши муассирро иҷро мекунанд. Омӯзгори ботаҷриба ва кордон аз дохили ҳар матн пораҳоро дарёфта, шогирдонро барои дарки мавзуи мазкур талқин мекунад.

Роҳҳои асосии баланд бардоштани тарбияи хештаншиносии хонандагон, баргузории дарсҳои тарбиявӣ, чорабиниҳои беруназмактабиву беруназсинфӣ, вохӯрӣ бо фаъолону намояндагону касбу пешаҳои гуногун, шоирону нависандагон ва ҳунармандон мебошад. Ҳамчунин, ташкили дарс-саёҳат дар осорхонаҳо низ дар ин маврид муҳим буда, хонандагон бо таъриху фарҳанги миллати худ, аз ҷумла, бо тарзи зиндагии мардум, бо корномаи қаҳрамонҳои халқи худ дар гузашта ва давраи муосир, намунаи ҳунарҳои миллӣ ошноӣ пайдо мекунанд.

Яке аз унсурҳои муҳимми фарҳанги миллии халқи тоҷик забон ба ҳисоб рафта, онро шоирону бузургон васф кардаанд. Аз ҷумла, моҳияти тарбиявии шеъри устод Муъмин Қаноат «Забони модарӣ» дар тарбияи худшиносии миллӣ, эҳтиром ба забони модарӣ ва густариши ҷаҳонбинии хонандагон нақши муҳим мебозад:




*Қанд ҷӯйӣ, панд ҷӯйӣ эй ҷаноб,*
*Ҳарчи меҷӯйӣ, биҷӯ,*
*Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,*
*Ҳарчи меҷӯйӣ, биҷӯ.*
*Порсӣ гӯйӣ, дарӣ гӯйӣ варо,*
*Ҳарчи мегӯйӣ, бигӯ.*
*Лафзи ишқу дилбарӣ гӯйӣ варо,*
*Ҳарчи мегӯйӣ, бигӯ.*
*Баҳри ман танҳо забони модарист*
*Ҳамчу меҳри модар аст.*
*Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,*
*Чунки шири модар аст.*

Ба андешаи устод Лоиқ, касе, ки забони модари худро аз ёд мебарорад, ватандӯсти ҳақиқӣ шуда наметавонад:

*Аз тамоми ину он гумкардагон*
*Зиштрӯтар нест дар рӯи ҷаҳон*
*З-он ки гум карда забони модарӣ,*
*Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон.*
*Бок не, гар доварӣ гум кардааст*
*Ё умеди сарварӣ гум кардааст.*

*Заҳр бодо шири модар бар касе,*
*К-ӯ забони модарӣ гум кардааст...*

Шеъри устод Бозор Собир низ аз пурқувваттарин баёнияҳои шеърӣ дар бораи мақом ва нақши забон дар ҳастии миллат ба шумор меравад:

*Оҷ гум карду забонро гум накард,*
*Тоҷ гум карду забонро гум накард,*
*Тахт гум карду забонро гум накард,*
*Рахт гум карду забонро гум накард,*
*Бахт гум карду забонро гум накард.*
*Дар ҳадду сарҳадшиносии ҷаҳон*
*Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст,*
*То забон дорад, ватандор аст ӯ,*
*То забондор аст, бисёр аст ӯ,*
*Бешумор аст,*
*Беҳисоб аст,*
*Беҳад аст.*

Дар машғулиятҳои тарбиявӣ дар хусуси васфи Ватану давлат, Модар ва дигар арзишҳои миллӣ пайваста шеърҳои шоиронро қироат кардан ба хонандагон манфиати калон дорад, зеро аз хурдсолӣ дӯст доштани Ватан дар зеҳни онҳо ҷой мегирад. Устод Лоиқ дар васфи Тоҷикистони азиз гуфтааст:

*Ёрон ҳама ҷо, вале Ватан дар як ҷост*
*Ҳар санги ватан ба мисли ҳайкал зебост*
*Олам ҳама ҷо азиз, лекин бар ман*
*Модар яктост, Тоҷикистон яктост.*

Дар ин рубоӣ шоир таъкид мекунад, ки инсон метавонад дар ҳар гӯшаи ҷаҳон дӯсту ошно пайдо кунад, аммо Ватан ягона аст ва ҷойгузин надорад. Ин андеша ҳисси садоқат ба Ватан ва дарки арзиши онро дар хонандагон тарбия мекунад.

Омӯзишу мутолиа ва ҳифз кардани чунин шеърҳо дар ниҳоди хонандагон ҳисси бештари хештаншиносиро бедор мекунад. Дар синфҳои ибтидоӣ ҳадафи асосии тарбия ба он нигаронида шудааст, ки хонандагон дар оянда чӣ гуна масъулиятнок ва оқилона амал карданро аз худ кунанд.

Дар замони муосир амалҳои террористӣ ва экстремистӣ аз ҷумлаи хатарҳои даҳшатафкан маҳсуб мебошанд. Дар назари аввал шарҳи ин масъала барои наврасон барвақттар менамояд, аммо дар асл, ҳолатҳое вомехӯранд, ки майнаи кӯдаконро аз хурдӣ бо ҳар гуна андешаҳои носолим олуда мекунанд. Ба кӯдакон бо роҳҳои нисбатан сода фаҳмондан лозим: терроризм амалест, ки инсонҳо бо воситаи он ба дигарон осеби ҷисмонӣ ва рӯҳӣ мерасонанд. Амалҳои террористӣ ҳамеша бо даҳшат ва куштор алоқаманд буда, барои ҷомеа ва ҷаҳон зарари бузург мерасонанд. Муҳим он аст, ки кӯдакон фаҳманд: даст ба амалҳои террористӣ задан аз як тараф, қонуншиканӣ бошад, аз дигар тараф, ба хонавода, ҷомеа ва ҳатто кишварҳо зарар расондан аст.

Як роҳе, ки метавонад кӯдаконро аз амалҳои номатлуб пешгирӣ намояд, ба онҳо муҳити дӯстона фароҳам овардан аст. Ба кӯдакон нақл кардани қиссаҳо ва нишон додани пораҳои видеоӣ, ки ба оқибату зарари терроризм бахшида шудаанд, аз аҳаммият холӣ нест. Дар натиҷа хонандагон дарк мекунанд, ки терроризм ва амалҳои номатлуби на танҳо ҷиноятӣ, балки хиёнат ба ҳаёти башарият аст. Кӯдакон аз амалу гуфтори мо бояд ба хулосае оянд, ки дар зиндагӣ таҳаммулпазир буд, эҳтиром ба дигаронро набояд аз ёд баровард. Барои тарбияи шогирдон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ман бештар ба ашъори шоирон рӯ меорам. Аз ҷумла, аз устод Мирзо Турсунзода байте оварда, бузургию шукӯҳи Ватанро аз нигоҳи шоир ба хонандагон мефаҳмонам:

*Он қадар дар дилписандӣ дилписанд астӣ, Ватан,*
*Дар сари тасвири ҳуснат кас намеёбад сухан.*

Ҳамин тавр, тарбияи маърифатии кӯдакон дар синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳад, ки онҳо хештаншинос, ватандӯст ва хушахлоқ ба камол расанд ва дар зиндагиву фаъолият ба амалҳои нек рӯ оварда, ба Тоҷикистони азиз содиқона хидмат бикунанд.

# АРЗЁБИИ ТАШАККУЛДИҲАНДА ҲАМЧУН ВОСИТАИ ОМОДАГӢ БА ТАҲҚИҚОТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ PIRLS

**Асрор АЛИЕВ – сармутахассис оид ба арзёбӣ,
Машҳура НЕЪМАТЗОДА – мутахассис оид ба арзёбии Лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат»**

**Вобаста ба ҳадафҳои мушаххаси соҳаи маориф ва татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва мутобиқсозии он ба меъёрҳои байналмилалӣ қадамҳои устувор мегузорад. Ҷараёни ислоҳоти низоми соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ба такмили мазмуни таълим, аз қабили станадарту барномаҳо ва воситаҳои таълим равона шудааст, балки таҳкими механизмҳои арзёбиро низ дар маркази таваҷҷуҳ қарор медиҳад. Дар ин замина, истифодаи навъҳои гуногуни арзёбӣ, махсусан, арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбиҳои байналмилалӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми беҳтар намудани сифати таълим, ҳамчун воситаи такмилдиҳии раванди таълим ва рушди шахсии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд шинохта шавад.**

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар мақолаи мазкур баррасӣ кардан мехоҳем, нишон додани арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун воситаи омодагӣ ба арзёбиҳои байналмилалӣ, махсусан, арзёбии байналмилалии PIRLS (Progress in International Reading Literacy Study) мебошад, яъне, ин ду навъи арзёбӣ чӣ гуна ба ҳам робита доранд ва ё чӣ гуна онро ҳамчун восита барои рушди салоҳиятҳои хонандагон истифода бурдан мумкин аст, ба шумор меравад. Ҳадаф таҳлили робитаи байни арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии байналмилалии PIRLS мебошад, ки метавонад барои беҳтарсозии тайёрии хонандагон ба арзёбии сатҳи ҷаҳонӣ хидмат намояд. Аз ин лиҳоз, ба таҳлилу шарҳи мафҳумҳои асосӣ, мақсадҳо, робитаҳо, хусусиятҳо ва тавсияву хулосаҳо тавaҷҷуҳ зоҳир менамоем.

Пеш аз ҳама, ба шарҳи ин ду мафҳуми асосӣ мепардозем, яъне, арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии байналмилалии PIRLS чӣ гуна арзёбӣ мебошанд?



Маълум аст, ки мафҳуми «Арзёбии ташаккулдиҳанда» дар низоми таълимии ҷумҳурии мо падидаи нав аст ва татбиқи он омӯзиши амиқтару давомдорро дар муқоиса бо усулҳои анъанавӣ талаб мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мафҳуми «Арзёбии ташаккулдиҳанда» ва раванди ворид шудани он ба таҳсилоти миллии мо бо мақсади дарки он аз ҷониби омӯзгорон ҳамчун як раванди таълиму омӯзиш мавқеи муҳим дорад. Вобаста ба ин, дар зер масъалаи мазкурро аз нигоҳи таҳлили ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрӣ ва маводди методии солҳои истиқлолият ва умуман, маводи нав дар арсаи байналмилалӣ доир ба моҳияти он таҳқиқ менамоем.

Дар Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ арзёбии ташаккулдиҳанда чунин тавзеҳ дода шудааст: «*Арзёбие, ки ба мақсади муайян кардани раванди азхудкунии малака ва маҳорати нав истифода мешавад, арзёбии ташаккулдиҳанда номида мешавад*» [7; 110].

Мафҳуми мазкур бо забони англисии «Formative assessment» ва тарҷумаи он ба забони русӣ ҳамчун истилоҳи «формирующее оценивание» дар адабиёти педагогӣ истифода шуда, дар адабиёти методии даврони соҳибистиқлолӣ ба маънои «баҳогузории формативӣ» ва «арзёбии ташаккулдиҳанда» бештар мавриди истифода қарор дорад. Соли 2007 гурӯҳи муаллифон ҳангоми таҳияи модулҳо барои курсҳои такмили ихтисос ин истилоҳро аввалин маротиба ҳамчун «баҳогузории формативӣ» истифода бурдаанд: *«Намуди дигар – баҳогузории формативӣ ба ҷараёни об ва ғизодиҳии хок монанд аст, он ба рушд ва равнақи рустанӣ мусоидат мекунад. Ба ин тариқ, баҳогузории формативӣ баҳогузории роҳбарикунанда ва озмоишӣ нест. Он ташаккулдиҳанда, муайянкунанда, пешгӯйикунанда, ҳавасмандкунанда, мотиватсиядиҳанда аст»*[6; 26].

Гурӯҳи дигари мураттибони дастури таълимӣ барои синфҳои ибтидоӣ (соли 2012) мафҳуми «арзёбии ташаккулдиҳанда»-ро истифода бурда, онро ҳамчун як усули баҳодиҳӣ шарҳ додаанд: *«Арзёбии ташаккулдиҳанда усули баҳодиҳиест, ки тавассути он муаллиму хонандагон раванди таълимро таҳлил карда, хулосаи зарурӣ мебароранд. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ба муаллимон имконият медиҳанд, ки раванди таълимро ба мушоҳида гирифта, бо маслиҳату машварат фаъолиятро барои расидан ба мақсадҳои таълим равона созанд. Ин навъи арзёбӣ хонандагонро водор месозад, ки сатҳи инкишофашонро муайян кунанд ва барои дастрасӣ ба сатҳи дигари ахбор ва тарзи ба он расидан шароит фароҳам оранд»*[2; 15].

Дар солҳои минбаъда вобаста ба гузариши муносибати босалоҳият ба таълим як гурӯҳи муаллифон ин истилоҳро ҳатто бо унвони «арзёбии рушди салоҳиятҳо» низ истифода бурдаанд, ки ба ҳамон маъно омадааст: «*Навъҳои гуногуни ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Арзёбиҳои ташхисӣ, рушди салоҳиятҳо ва ҷамъбастӣ аз ҷумлаи онҳоянд*» [1; 6].

Вобаста ба таҳлилҳои овардашуда ба назари мо, мафҳуми арзёбии ташаккулдиҳандаро чунин шарҳ додан мумкин аст: арзёбии ташаккулдиҳанда ҷузъи доимии ҷараёни таълим буда, ҳадафи асосии он гирифтани робитаи мутақобилаи саривақтӣ барои беҳтар намудани фаҳмиш, дониш ва маҳоратҳои хонандагон мебошад. Ин навъи арзёбӣ омӯзгорро дар шинохти нуқтаҳои заиф ва пурқуввати хонандагон кумак намуда, ба фардисозии ҷараёни таълиму баланд бардоштани сатҳи дарк мусоидат мекунад.

Ихтисораи PIRLS (Progress in International Reading Literacy Study) ба забони тоҷикӣ маънои **«Таҳқиқоти байналмилалӣ оид ба пешрафти саводнокии хондан»**-ро дошта, айнан чунин тарҷума мешавад:

- **Progress** - пешрафт
- **International** - байналмилалӣ
- **Reading** - хондан
- **Literacy** - саводнокӣ
- **Study** - таҳқиқот

PIRLS таҳқиқоти байналмилалии арзёбии саводи хондан аст, ки аз ҷониби Ассотсиатсияи байналмилалии арзёбии дастовардҳои таҳсилот (IEA) амалӣ карда мешавад. Ин арзёбӣ дар ҳар 5 сол дар байни хонандагони синфи 4-ум гузаронида мешавад ва соли 2026 марҳалаи шашуми он хоҳад буд, ки муқоисаи 25 соли маълумотҳоро вобаста ба дарку фаҳми хониши хонандагон ва тамоюлҳои рушди он дар бар мегирад.

Мақсади асосии PIRLS – санҷиши қобилияти хонандагон дар фаҳм, таҳлил ва истифодаи матн мебошад.

Мувофиқи маълумоти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, озмоиши PIRLS дар моҳи апрели соли 2025 дар 42 муассиса бо иштироки 1181 хонанда гузаронида шуд ва фазои мусоиди педагогиро барои омӯзиши усулҳои арзёбии муосир фароҳам овард. Вобаста ба иштироки Тоҷикистон дар таҳқиқоти байналмилалии PIRLS-2026, ки сатҳу саводи хондан ва фаҳмиши матнро дар хонандагони синфи 4-ум арзёбӣ мекунад, аҳаммияти ворид кардани арзёбии ташаккулдиҳанда ба низоми таълимии кишвар беш аз пеш афзоиш меёбад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар муҳити таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз

ҳам усулҳои анъанавӣ арзёбӣ истифода мешаванд, ки бештар ба санҷиши дониш нигаронида шуда, мавқеи хоси худро доранд. Аз ин рӯ, ворид кардани арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун ҷузъи муҳимми раванди таълим талаб мекунад, ки омӯзгорон, таҳиягарони барномаҳо ва мутахассисони соҳа дар бораи мақсад, усул ва натиҷаи он тасаввуроти амиқ дошта бошанд. Татбиқи арзёбии ташаккулдиҳанда на танҳо барои муайянсозии сатҳи фаҳмиши хонандагон мусоидат мекунад, балки мутобиқати онҳо ба талаботи арзёбиҳои байналмилалиро низ таъмин менамояд. Арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии байналмилалии PIRLS ҳадафҳои гуногун дошта бошанд ҳам, дар асл якдигарро пурра мекунанд ва метавонанд дар низоми таълим ҳамоҳанг амал кунанд. Агар арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун раванди дохилисинфӣ имкон диҳад, ки омӯзгор дар ҷараёни дарс малака ва фаҳмиши хонандагонро пайгирӣ кунад, дар асоси мушоҳида, саволу ҷавоб, супоришҳои амалӣ ва фикру мулоҳизаҳо сурат гирад, ба хонанда масъулият ва худшиносӣ диҳад, пас чунин амалу фаъолиятҳо барои иштирок дар PIRLS низ муҳим аст. Чун арзёбии байналмиллалии PIRLS ҳамчун як таҳқиқоти ҷаҳонӣ барои санҷиши сатҳи хониш ва дарки матн дар синфи 4-ум истифода мешавад ва бештар ба натиҷаҳои ниҳоӣ нигаронида шудааст, вале барои омодагӣ ба он арзёбии ташаккулдиҳанда нақши калидӣ мебозад.

Шояд як саволи асосӣ ин ҷо ба миён меояд, ки байни арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии байналмилалии PIRLS чӣ гуна алоқамандӣ вуҷуд дорад? Ба саволи мазкур чунин ҷавобҳо мувофиқи мақсад хоҳанд буд:

- арзёбии ташаккулдиҳанда метавонад заминаи методологӣ барои омодагӣ ба PIRLS бошад;
- омӯзгорон метавонанд меъёрҳои PIRLS-ро дар арзёбии дохилисинфӣ истифода баранд;
- ҳарду раванд ба таҳкими саводи хондан, тафаккури интиқодӣ ва фаъолияти маърифатӣ мусоидат мекунанд.

Гарчанде арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии PIRLS ҳадафҳо ва форматҳои гуногуни баргузорию истифода доранд, онҳо метавонанд якдигарро пурра намоянд ва тақвият бахшанд. Арзёбии ташаккулдиҳанда метавонад заминаи муҳимми маҳоратҳои зарурӣ барои иштирок дар PIRLS-ро фароҳам созад. Муқоисаи зер дар шакли ҷадвал, ки дар чанд ҷанба оварда шудааст, масъалаи мазкурро равшантар месозад:

| **Ҷанбаҳо** | **Арзёбии ташаккулдиҳанда** | **PIRLS** |
|---|---|---|
| Ҳадаф | Такмили раванди таълим | Арзёбии натиҷа ва муқоисаи байналмилалӣ |
| Вақт | Дар ҷараёни дарс | Дар охири як даври таълим |
| Методҳо | Мушоҳида ва дарёфти далел, муколама, робитаи мутақобила | Матнҳои стандартӣ ва саволҳои тестӣ |
| Натиҷа | Фардӣ, барои такмили дарс | Таҳлил ва муқоисаи миллию байналмилалӣ |
| Хусусиятҳои асосӣ | – таъмини робитаи мутақобилаи мунтазам ва фардӣ барои ҳар як хонанда;<br>– равона кардан ба рушди тафаккури интиқодӣ ва қобилияти худсанҷӣ;<br>– баланд бардоштани худшиносӣ ва масъулияти шахсии хонандагон дар таълим;<br>– мусоидат ба муайянсозии стратегияҳои муассири таълим аз ҷониби омӯзгор. | – арзёбии ду навъи матн: адабӣ ва иттилоотӣ;<br>– санҷиши маҳоратҳои фаҳмидан, тафсир кардан, хулоса баровардан ва ба ҳаёти воқеӣ пайвастани мазмун;<br>– истифодаи пурсишномаҳо барои ҷамъоварии маълумот дар бораи муҳити таълимии хонандагон, нақши оила, услуби таълими омӯзгор;<br>– натиҷаҳои таҳлилшуда барои муқоисаи байналмилалӣ истифода мешаванд. |

Азбаски Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 бори аввал дар марҳалаи озмоишии PIRLS ширкат варзида, бо ин иқдом заминаи муҳиммеро барои ҳамгироии низоми таълими миллии худ бо арзёбиҳои ҷаҳонӣ гузоштааст, арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун воситаи омодагӣ ба PIRLS буда метавонад. Муваффақият дар арзёбии PIRLS вобаста ба қобилияти хонанда барои хондани маънӣ, таҳлил, тавсиф ва хулоса баровардан аз матн аст. Ин маҳоратҳо метавонанд тавассути арзёбии ташаккулдиҳанда системанок дар раванди дарсҳо истифода шуда, рушд дода мешаванд. Вобаста ба ин якчанд самти муҳимме вуҷуд дорад, ки бояд ба назар гирифта шаванд:

- Омӯзгорон бояд матнҳо ва супоришҳоеро таҳия намоянд, ки бо шакл ва талаботи PIRLS мувофиқат кунанд.
- Истифодаи саволҳои кушода, таҳлили мазмун, муҳокимаи дастаҷамъӣ, нишондодҳои шахсӣ ва воситаҳо ба рушди фикррониии амиқ кумак мекунад.
- Арзёбӣ бояд ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи таълим қабул шавад, на танҳо механизми ченкунии натиҷаҳо.

Аз таҳлилҳои овардашуда хулосаи муҳим ин аст, ки арзёбии ташаккулдиҳанда на танҳо восита, усул ё навъи арзёбӣ барои истифодаи омӯзгор, балки фарҳанги таълимӣ буда, бояд дар тамоми зинаҳои таҳсилот ҷорӣ гардад. Ин навъи арзёбӣ метавонад раванди омодагӣ ба арзёбиҳои байналмилалӣ гардад, ба мисли PIRLS, PISA, TIMSS ва ғайра ва хонандагонро ба дарки амиқ, тафсир ва андешаронӣ раҳнамоӣ кунад.

Барои татбиқи босамари ин гуна арзёбиҳо пешниҳод мешавад, ки:

–омӯзгорон бояд бо сохтор ва методологияи PIRLS шинос шаванд ва онҳоро дар дарсҳои ҳаррӯза татбиқ намоянд;

–Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илм бояд арзёбии ташаккулдиҳандаро ҳамчун таҳкимбахши арзёбиҳои байналмилалӣ ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ намуда, барномаҳои таълимӣ ва дигар васоити таълимро бо дарназардошти ин хусусияту принсипҳо ба назар гирифта, таълиф намоянд ва барои татбиқи он чораҳо андешанд;

–муассисаҳои таълимӣ ва сохторҳои назоратии соҳаи маориф бояд низоми арзёбии дохилисинфиро бо мониторинги инфиродии хонандагон мутобиқ намуда, омодагиҳоро ба арзёбиҳои берунӣ мувофиқ созанд;

–саҳми оилаҳо низ метавонанд дар ин раванд бо фароҳамсозии муҳити хондан арзишманд бошад ва бо муҳокимаи матнҳо бо фарзандон метавонанд барои беҳтар намудани азхудкунӣ ва дарку фаҳми фарзандон доир ба матни хондашуда саҳм гузоранд.

## АДАБИЁТ


1. Бобизода, Ғ., Зиёӣ, Х. ва диг. Таҳияи стандарт, барномаи таълим ва роҳнамои омӯзгор барои зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (дастури методӣ). – Душанбе, 2019. – 41 с.
2. Ниёзов, Ф., Зиёев М. ва диг. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастури худомӯзӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2012. – 90 с.
3. Оценка качества чтения и понимания текста учащимися начальной школы PIRLS. Методическое пособие. – Астана: НЦОСО, 2013. – 175 с.
4. Подласый, И. П. Педагогика. – Москва, 2000. – 600 с.
5. Раҳимов, Х., Нуров, А., Педагогика. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 568 с.
6. Сафин, Д. В., Мусина, Р. Г., Қурбонов, В. Р. ва дигарон. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳам фаъол. Дастури таълимӣ. Модули 11. Ташхиси педагогӣ. – Душанбе, 2008. – 74 с.
7. Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ / Ф. Ниёзов, М. Зиёев, А. Алиев, Б. Нусратов ва диг. [матн]. – Душанбе: Маориф, 2017. – 116 с.
8. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, – №334. – 93 с.

# ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАКОНИ ГИРИФТОРИ БЕМОРИИ ПОЛИОМИЕЛИТ



**Роҳила НУРАҲМАДЗОДА – директори мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор, номзади илмҳои педагогӣ**

**Масъалаи ҳифзи саломатии кӯдакони осебпазир ва фароҳам овардани шароити муносиб барои таълиму тарбияи онҳо дар сиёсати иҷтимоии давлат яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳим ба шумор рафта, давлат тавассути санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномаҳои миллӣ барои таъмини ҳуқуқи ҳамаи кӯдакон ба таҳсил, новобаста аз ҳолати саломатӣ, шароити мусоид фароҳам меорад.**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа кафолат медиҳанд, ки ҳамаи кӯдакон, новобаста аз имкониятҳои ҷисмонӣ ва равонияшон, ба ҳимояи иҷтимоӣ ва дастрасӣ ба таҳсил ҳуқуқ доранд. Ин меъёр, махсусан, барои кӯдакони дорои маъюбият, аз ҷумла, гирифторони полиомиелит, аҳаммияти калон дорад.

Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқҳои кӯдак мебошад, ки тибқи он ҳар як кӯдак ҳуқуқ ба ҳаёт, рушд, таълим ва ҳифзи иҷтимоӣ дорад. Дар ин санади байналмилалӣ таъкид мешавад, ки тамоми ҳуқуқҳои кӯдакон баробар ва ҷудонашаванда мебошанд. Аз ин рӯ, таълиму тарбияи кӯдакони гирифтори полиомиелит бояд дар асоси принсипҳои баробарӣ, фарогирӣ (инклюзия) ва эҳтиром ба шахсияти кӯдак ба роҳ монда шавад. Кӯдакони гирифтори бемории полиомиелит ба дастгирии махсуси иҷтимоӣ, равонӣ ва педагогӣ ниёз доранд. Полиомиелит бемории сироятӣ буда, асосан, ба системаи асаб таъсир мерасонад ва метавонад боиси фалаҷ гардидани узвҳои ҳаракаткунанда гардад. Барои чунин кӯдакон мактаб-интернатҳои махсус таъсис дода мешаванд, ки дар онҳо на танҳо таълим, балки табобат, барқарорсозӣ ва тарбияи иҷтимоӣ низ амалӣ карда мешавад.

Мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор дар ҷумҳурӣ ягона муассисаи таълимиест, ки дар он рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак ва мутобиқсозии ӯ ба ҳаёти мустақил таъмин карда мешавад.



Мавриди зикр аст, ки кӯдакони гирифтори бемории полиомиелит дорои як қатор махсусиятҳо, аз ҷумла, маҳдудияти ҳаракат (фалаҷ ё сустии мушакҳо), хастагии зуд, эҳсоси камбоварӣ ба худ, мушкилоти мутобиқшавӣ дар муҳити иҷтимоӣ мебошанд.

Дар баробари ин, бояд таъкид намуд, ки аксарияти онҳо қобилияти хуби зеҳнӣ доранд. Аз ин рӯ, вазифаи асосии омӯзгорон ва мураббиёни мактаб-интернат фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи қобилиятҳои зеҳнии онҳо мебошад. Дар мактаб-интернат муҳити мувофиқ барои зиндагӣ ва таҳсили чунин кӯдакон фароҳам оварда шуда, таълиму тарбияи онҳо бо дарназардошти имкониятҳои ҷисмонӣ ташкил карда шуда, бо онҳо аз ҷониби мутахассисони соҳаҳои гуногун (омӯзгорон, равоншиносон, духтурон) табобати мунтазам ва машқҳои барқарорсозӣ гузаронида

мешаванд.Фароҳам овардани чунин муҳит ба кӯдакон имконият медиҳад, ки худро дар муҳити фаъол ва бехатару дастгиришаванда эҳсос намоянд.

Раванди таълим дар мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор аз рӯйи принсипҳои фардикунонии таълим сурат гирифта, бо дарназардошти имконоти ҷисмонӣ барои ҳар як кӯдак барномаи инфиродӣ мураттаб гардида, усулҳои фаъоли таълим, методҳои интерактивӣ, бозиҳои таълимӣ ва технологияҳои муосир истифода мешаванд, то ки кӯдак фаъолона иштирок намояд. Ба кӯдакон малакаҳои ҳаётӣ (навиштан, истифодаи таҷҳизот, худхидматрасонӣ) омӯзонида мешаванд, синфхонаҳо ва таҷҳизот барои ҳаракати кӯдакон мутобиқ карда мешаванд (пандусҳо, мизҳои махсус, аробачаҳои маъюбӣ ва ғайра).

Дар баробари таълим ва офиятбахшии кӯдакон тарбия ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ин раванд дорои аҳаммияти махсус буда, самтҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

- тарбияи ахлоқӣ (ростқавлӣ, эҳтиром);
- тарбияи зебоипарастӣ;
- тарбияи иҷтимоӣ (ҳамкорӣ, муошират);
- тарбияи меҳнатӣ (омӯзиши касбҳои сабук);
- тарбияи миллӣ;
- тарбияи ватанпарастӣ;
- тарбияи экологӣ;
- тарбияи мустақилият;
- тарбияи ҳуқуқӣ ва дигар рукнҳои тарбия дар асоси Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳадафи асосӣ ва аввалиндараҷа дар раванди таълиму тарбия он аст, ки кӯдакон худро ҳамчун узви баробар ва пурқимати ҷомеа эҳсос намоянд, зеро кӯдакони гирифтори полиомиелит аксар вақт ба дастгирии равонӣ ниёз доранд. Аз ин рӯ, дар мактаб-интернат хело зарур аст, ки равоншинос фаъолият дошта бошад. Равоншинос рӯҳияи кӯдаконро баланд бардошта, ёрӣ мерасонад, ки онҳо ба худ боварӣ дошта бошанд. Ӯ шиддати изтиробу тарси дарунии онҳоро паст намуда, барои мутобиқшавии онҳо дар гурӯҳ кумак менамояд. Дар баробари ин, равоншинос бо омӯзгорон, мураббиён ва падару модарон дар мавриди тарзҳои муносибат бо кӯдакон суҳбату вохӯриҳо мегузаронад, ки ин амал барои тарбияи иҷтимоии кӯдакон нақши муҳим мебозад.

Ҳамкорӣ бо оила ҳамчун шарики асосии муассисаи таълимӣ дар шакли машваратҳои мунтазам, ҷалби волидайн ба раванди таълим, омӯзонидани шаклҳои муносибат ва дастгирии кӯдак дар хона дар рушди беҳтари кӯдак мусоидат намуда, дар онҳо боварӣ ба худ ва эҳсоси баробарӣ бо дигар ҳамсолонро тақвият мебахшад. Барои он ки кӯдакони маъюб дар ҷомеа ҷойгоҳи худро ёбанд, мебояд онҳоро ба зиндагии мустақил омода намуд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки муассисаи таълимӣ ба онҳо малакаҳои касбӣ ва мустақилият дар қабули қарорҳоро омӯхта, ҳисси масъулиятшиносиро дар онҳо ташаккул диҳад.

Таълиму тарбияи кӯдакони гирифтори полиомиелит вазифаи муҳимми иҷтимоӣ ва педагогӣ мебошад. Мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор дар рушди чунин кӯдакон нақши калидӣ дошта, бо фароҳам овардани шароити мусоид, дастгирии равонӣ ва таълими босифат ба онҳо имконият медиҳад, ки ҳамчун шахсони мустақил ва фаъол дар ҷомеа зиндагӣ кунанд. Муҳим аст, ки ҷомеа ба чунин кӯдакон бо эҳтиром ва дастгирӣ муносибат намояд, зеро ҳар як кӯдак, новобаста аз вазъи саломатияш, ҳуқуқ ба таҳсил ва зиндагии шоиста дорад.

> Мо ҷавононро бояд тавре тарбия карда, ба камол расонем, ки онҳо фардо тавонанд Ватан ва давлатро соҳибӣ кунанд, онро обод созанд, боз ҳам пешрафта гардонанд ва миллату давлати худро ба аҳли башар ба таври шоиста муаррифӣ намоянд.
>
> **Эмомалӣ Раҳмон**

# КӮДАКИСТОН ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАРБИЯ

**Гулбахт ҒУЛОМАЛИЕВА – мураббияи кӯдакистони №159-и ноҳияи Шоҳмансур**

**Тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ яке аз самтҳои муҳимтарини рушди ҷомеа ба ҳисоб меравад. Кӯдакистон на танҳо ҷойи нигоҳубини кӯдак, балки муҳити омӯзишӣ ва тарбиявӣ буда, шахсияти кӯдакро ташаккул медиҳад. Дар ин марҳала кӯдакон муносибатро бо одамон ва атрофиён меомӯзанд.**

Омӯзгорони кӯдакистон бояд барномаҳои методологиро мутобиқ ба синну сол ва имкониятҳои кӯдакон таҳия кунанд. Дарсҳо бояд шакли бозӣ дошта, бозӣ воситаи асосии омӯзиш дар синни томактабӣ мебошад. Истифодаи усулҳои муосир, мисли машғулиятҳои интерактивӣ, расмкашӣ, мусиқӣ ва нақл ба рушди зеҳнӣ ва эҷодии кӯдакон мусоидат мекунад.

Ватандӯстӣ дар эҳтиром нисбат ба диёри худ, содиқ будан ба арзишу армонҳои миллӣ, ҳаракати ҳимояти манфиатҳои ватан зоҳир мегардад. Масъалаи мубрами тарбияти ватандустӣ дар замони ҳозира ниҳоят ҳассос мебошад, зеро арзишҳои моддӣ нисбат ба арзишҳои маънавӣ дар ҷамъияти имрӯза дар мадди назар меистанд. Тарбиятгарони муассисаҳои томактабӣ дорои дараҷаи баланди эҳсосот ва масъулиятшиносӣ мебошанд. Аз ин сабаб метавон дар ин давра дар онҳо ҳисси худшиносӣ ва ватандӯстиро тарбият намуд. Ба ин раванд, инчунин, калонсолон низ таъсири мусбат расонда, бояд дарк намоянд, ки вазифаҳои аввалиндараҷаи тарбияти ватандӯстии насли наврас ташаккули эҳтиром нисбат ба ватани худ (оила, боғча, наздикон, мактаб ва ғайра), забон ва фарҳанг мебошад.

Тарбияти муносибатҳои маънавӣ-руҳии насли наврас, шинос кардани онҳо бо рамзҳои давлатӣ (Парчам, Нишон, Суруди миллӣ), анъанаҳои миллӣ, махсусияти миллати худ, ҳисси баланди худшиносӣ, сабру таҳаммулгароӣ нисбат ба дигар ҳалқият, волидон, ҳамсоягон ва наздикон, машғулиятҳои амалӣ, мисли сурудҳои ватандӯстона, расмкашии манзараҳои зебои кишвар ва нақлҳои қаҳрамонони миллӣ, ҳисси ифтихорро бедор мекунанд.

Тарбияти кӯдакони томактабӣ барои бедор намудани шавку завқ ба варзиш барои тарбияи насли солими наврас нигаронида шудааст. Машқҳои ҳаррӯза, бозиҳои варзишӣ ва ҳаракатҳои фаъол ба саломатии кӯдакон таъсири мусбат мерасонанд. Бозиҳои варзишӣ на танҳо барои саломатӣ, инчунин, ҳиссиёти дар як гурӯҳ будан, якҷо намудани манфиатҳоро меомӯзанд.



Омӯзгорон бояд ба кӯдакон одатҳои дурусти гигиенӣ ва тарзи ҳаёти солимро омӯзонанд. Варзиш на танҳо ҷисмро қавӣ мекунад, балки ирода ва ҳамкориро низ тақвият медиҳад.

Идҳо дар боғча на танҳо чорабинии фароғатӣ, балки воситаи муҳимми тарбия мебошанд. Чорабиниҳои тарбиявӣ оид ба ватандустӣ, асосан, дар вақти таълили идҳои давлатӣ: чун иди Ғалаба, Истиқлолият, Сарқонун, Рӯзи Модарон зоҳир мегарданд. Омодагӣ ба идҳо кӯдаконро ба ҳамкорӣ, масъулият ва эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ водор мекунад. Дар кӯдак дар вақти тайёрӣ ба ин идҳо ҳисси миллӣ, донистани таърихи пайдоиш ва ба кадом мақсаду сабаб ин ид ҷашн гирифта мешавад, равона карда шудааст. Моҳияти асосии идҳои миллӣ, аз ҷумла, Наврӯз, шиносонидани кӯдак бо расму оинҳои миллӣ, аз ҷумла, рақсу бозӣ, пӯшидани либоси миллӣ, эҳёшавии табиат

мебошад, «Меҳргон» – ғунучини ҳосил, Сада – саршавии фасли сармо мебошад. Ҷашнгирии «Иди Модар» дар тайёр намудани туҳфа аз тарафи кӯдак бо дастони худ, азёд намудани шеъру тарона ва рақс эҳтиром ба модарро меомӯзонад.

Яке аз қисматҳо кори методологӣ дар муносибат бо падару модар буда, он дар тарбияи кӯдак таъсири мусбат мерасонад. Мураббӣ дар гузарондани маҷлисҳо, суҳбатҳо ба онҳо роҳҳои асосии тарбияти рӯҳӣ-маънавиро мефаҳмонад. Волидонро барои тарбияти ватандӯстии хурдсолон ҷалб менамояд. Тарбияти ватандӯстии хурдсолон ташкили гӯшаҳои ватандӯстӣ дар боғча, ташкили экскурсия ба ҷойҳои хотирмони кишвар, экскурсия ба музей, намоишгоҳ, ташкил ва гузарондани чорабиниҳо (идҳо, мусобиқа, хониши бадеӣ, аз ёди шеъру суруд, чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани тафаккури кӯдак, намоиши филмҳои ҳуҷҷатӣ) зоҳир мегардад. Машғулиятҳо ва суҳбатҳо дар бораи заҳмати падару модар, нақши онҳо дар зиндагӣ ва зарурати ҳурмату иззати онҳо муҳиманд. Ин муносибат асоси ахлоқи солим ва ҷомеаи устуворро мегузорад.

Педагоги бузург Антон Семёнович Макаренко таъкид мекард, ки тарбия бояд ҳаматарафа бошад: зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқӣ. Ӯ мегуфт: *«Тарбияи дуруст тарбияи коллективӣ аст»*, яъне кӯдак дар муҳити гурӯҳӣ меомӯзад, ки ҳамкорӣ ва масъулиятро эҳсос кунад. «Тарбия раванди иҷтимоӣ дар мафҳуми умумӣ мебошад». Тарбияткунандагон бисёранд: одамон, ашё, табиат, лекин тарбияткунандаи асосӣ ва аввалин худи одам мебошад. Ва дар ҷои аввал падару модар ва омӯзгор меистанд. Тарбияи дуруст хушбахтии шахс дар оянда, тарбияи нодуруст бадбахтӣ, ашк, гуноҳи бузург дар назди дигар одамон, ҷамъият ва давлат мебошад.

Тарбият дар рӯҳи ватандустӣ асоси пайдоиши шахсият – шаҳрванди оянда мебошад.

Януш Корчак, педагоги бузурги лаҳистонӣ, ба ҳуқуқи кӯдак аҳаммияти махсус медод ва таъкид мекард, ки кӯдак шахсияти мустақил аст, на танҳо объекти тарбия.

Василий Сухомлинский низ бар он назар буд, ки муҳаббат ва меҳрубонӣ асоси тарбияи дуруст аст. Ӯ мегуфт: *«Бе муҳаббат ба кӯдак педагог будан мумкин нест»*.

Тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ равандест, ки тамоми ҷанбаҳои ҳаёти кӯдакро фаро мегирад: зеҳнӣ, ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ. Омӯзгорон бояд бо истифода аз усулҳои методологӣ, тарбияи ватандӯстӣ, варзиш, тайёрӣ ба идҳо ва муносибати дуруст ба падару модар, шахсияти кӯдакро ташаккул диҳанд. Андешаҳои олимони бузург, мисли Макаренко, Корчак ва Сухомлинский то имрӯз роҳнамои муҳимми педагогика мебошанд. «Ягон шахс кӯдаки хурдсолро барои амалҳои зишт тарбият наменамояд: Аз қабили «бо одамон бепарво бош, дарахтонро шикан, зебоиро поймол намо, манфиати худро аз манфиати дигарон баландтар гузор». Ҳама гап дар сари як чизи муҳим меравад: қонунияти тарбияти аҳлоқӣ. Агар одам дар рӯҳияи хубӣ тарбият шавад, тарбияти оқилона далерона, серталабона, он гоҳ дар ҷамъият одами хуб тарбият мeёбад. «Агар одам на дар руҳияи хуб ва на бад тарбия шавад, шахсияти бад ба вуҷуд меояд, зеро барои одам шудан низ тарбият лозим аст», – қайд намудааст педагоги бузург В.А.Сухомлинский.

Мо ифтихор дорем, ки имрӯз ҷавонони далеру ғаюри мо, яъне, насли замони истиқлол дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ содиќона хизмат карда, қарзи фарзандӣ ва вазифаи шаҳрвандии хешро сарбаландона иҷро мекунанд, масъулияти ҳимояи марзу буми кишвар ва ҳифзи амнияти давлату миллатро ба дӯш доранд, Ватан, миллат, забон ва фарҳанги миллии хешро самимона дӯст медоранд ва барои пойдории ин арзишҳои ҷовидонӣ саъю талош мекунанд.

**Эмомалӣ Раҳмон**

# ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ



**Фарзона МИРЗОЕВА – омӯзгори забони англисии гимназияи хусусии «Кафолат»**

**Дар шароити кунунии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ва омили асосии рушди сармояи инсонӣ табдил ёфтааст. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва тавсеаи фазои иттилоотӣ ҷомеаи муосирро водор месозанд, ки ба масъалаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ муносибати нав ва фарогир дошта бошад. Имрӯз забондонӣ воситаи муошират, шарти муҳимми рақобатпазирӣ, рушди касбӣ, дастрасӣ ба илмҳои муосир ва иштирок дар равандҳои ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳо ва суханрониҳои худ пайваста ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, онро яке аз омилҳои муҳимми пешрафти ҷомеа ва ташаккули насли донишманду рақобатпазир арзёбӣ менамоянд. Аз ҷумла, таъкид менамоянд, ки «забон ойинаест, ки дар он симои пурҷилои миллат равшан инъикос мешавад ва мо бояд ба қадри ин нишонаи ҳастии миллатамон расем ва дар баробари ин, ба омӯзиши забонҳои русиву англисӣ ҳамчун забонҳои муошırати байналмилалӣ эътибори аввалиндараҷа диҳем. Мо омӯзиш ва аз худ кардани забонҳоро на барои худнамоӣ, балки бо мақсади маърифатнок гардонидани ҷомеа густариш медиҳем»[1]. Ин таъкиди Роҳбари давлат аҳаммияти забондониро дар ҷомеаи муосир хеле равшан инъикос менамояд. Дар ҳақиқат, имрӯз пешрафти илму техника, рушди технологияҳои рақамӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва дастрасӣ ба манбаъҳои иттилоотӣ бе донистани забонҳои хориҷӣ ғайриимкон аст. Забонҳои англисӣ ва русӣ ҳамчун воситаи асосии муоширати байналмилалӣ имконият медиҳанд, ки ҷавонон ба дастовардҳои илмӣ, технологияҳои нав ва таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дастрасӣ пайдо намоянд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ҷомеаҳои муосир бештар ба мутахассисони рақобатпазир ниёз доранд. Рақобатпазирии кадрҳо бошад, пеш аз ҳама, аз сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ ва малакаҳои забондонии онҳо вобаста мебошад. Имрӯз дар аксари давлатҳои ҷаҳон донистани забонҳои хориҷӣ ҳамчун яке аз шартҳои муҳимми фаъолияти касбӣ пазируфта шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун қисми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, барои рушди низоми омӯзиши забонҳои хориҷӣ тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намудааст.



Аз ҷумла, бо мақсади такмили низоми омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул гардид. Барномаи мазкур, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, №438 тасдиқ шудааст, заминаи

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 26 декабри соли 2019 // Аз Паём то Паём. – Душанбе: Матбааи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – С. 635.

муҳимми ҳуқуқӣ ва методии рушди забономӯзӣ дар муассисаҳои таълимиро таъмин менамояд. Дар доираи ин барнома тадбирҳои муҳим, аз ҷумла, таҳияи китобҳои дарсии насли нав, такмили ихтисоси омӯзгорон, истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ, ташкил намудани маҳфилҳои забонӣ, озмунҳои фаннӣ ва курсҳои бозомӯзӣ амалӣ карда мешаванд. Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ҳазорҳо омӯзгори забони англисӣ фаъолият доранд. Танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зиёда аз 9000 омӯзгори фанни забони англисӣ ба таълиму тарбияи хонандагон машғул мебошанд. Ин омор нишон медиҳад, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ тадриҷан ба яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти соҳаи маориф табдил ёфтааст.

Дар шароити кунунӣ технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имконоти навро барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ фароҳам овардаанд. Имрӯз омӯзиши забон танҳо бо синфхона маҳдуд намешавад. Истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои мобилӣ, курсҳои онлайнӣ, платформаҳои таълимӣ ва подкастҳо ба хонандагон имконият медиҳад, ки мустақилона малакаҳои забондонии худро такмил намоянд. Барномаҳои муосир, аз қабили Duolingo, Memrise, Mondly ва дигар платформаҳои рақамӣ барои рушди малакаҳои шунавоӣ, гуфтор, хондан ва навиштан мусоидат мекунанд. Ҳамчунин, тамошои филмҳо бо забони асл, шунидани мусиқӣ ва подкастҳо, мутолиаи адабиёти хориҷӣ ва иштирок дар клубҳои гуфтугӯӣ аз усулҳои муассири омӯзиши забон ба ҳисоб меравад. Имрӯз ҷомеашиносон ва мутахассисони соҳаи маориф ба чунин хулоса омадаанд, ки қисми зиёди адабиёти илмӣ, технологӣ ва иттилоотӣ тавассути забонҳои англисӣ ва русӣ дастрас мебошанд. Аз ин рӯ, омӯзиши ин забонҳо барои ҷавонон имконият медиҳад, ки ба фазои ҷаҳонии илм ва технология ворид гарданд.

Бояд тазаккур дод, ки сифати омӯзиши забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, аз сатҳи касбияти омӯзгор вобаста аст. Омӯзгор бояд донишҳои назариявӣ, методикаи муосири таълим, технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои коммуникативии омӯзишро хуб донад. Дар муассисаҳои таълимӣ усулҳои фаъоли таълим бештар истифода мешаванд. Иштирок дар мубоҳисаҳо, суҳбатҳои озод, корҳои гурӯҳӣ, лоиҳаҳои эҷодӣ ва машғулиятҳои интерактивӣ ба хонандагон имконият медиҳанд, ки забонро ҳамчун воситаи муоширати воқеӣ истифода намоянд. Таҷриба нишон медиҳад, ки омӯзиши забон дар муҳити фаъол ва озоди муошират самараи бештар медиҳад. Ман ҳамчун омӯзгори фанни забони англисӣ дар фаъолияти ҳаррӯза кӯшиш менамоям, ки дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллатро сармашқи кори худ қарор дода, дар хонандагон шавқу рағбат ба омӯзиши забонҳои хориҷиро тақвият бахшам. Таҷрибаи омӯзгорӣ нишон медиҳад, ки агар хонанда ба муҳити забонӣ ҷалб гардад, натиҷаи таълим беҳтар мешавад. Аз ин рӯ, истифодаи филмҳо, сурудҳо, подкастҳо, муколамаҳои рӯзмарра ва воситаҳои рақамӣ метавонад шавқу рағбати хонандагонро ба омӯзиши забон афзоиш диҳад. Дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ танҳо барои муошират нест, балки он бояд ба рушди ҷаҳонбинӣ, тафаккур ва маърифати шахс низ таъсири мусбат расонад. Забондонӣ имконият медиҳад, ки инсон бо фарҳанг, таърих ва арзишҳои миллатҳои дигар шинос шавад ва ҷаҳонро васеътар дарк намояд. Имрӯз талабот ба мутахассисони забондон дар тамоми соҳаҳо меафзояд. Дар соҳаҳои иқтисод, дипломатия, сайёҳӣ, технология, илм, тиб ва тиҷорат донистани забонҳои хориҷӣ ба яке аз шартҳои асосии фаъолияти касбӣ табдил ёфтааст. Бинобар ин, ҷавонон бояд барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои забондонии худ мунтазам талош намоянд, зеро дар шароити рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ маҳз ҷавонони соҳибкасбу забондон метавонанд Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намоянд.

Хулоса, омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди сармояи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии ҷавонон ва таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди забономӯзӣ дар кишвар заминаи мусоид фароҳам овардааст. Қабули барномаҳои давлатӣ, таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ, рушди технологияҳои таълимӣ ва дастгирии омӯзгорон нишон медиҳад, ки давлат ба масъалаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад.

Дар чунин шароит вазифаи аҳли маориф, махсусан, омӯзгорони забонҳои хориҷӣ, аз он иборат аст, ки бо истифода аз усулҳои муосири таълим, технологияҳои рақамӣ ва муҳити созандаи таълимӣ дар тарбияи насли донишманд, худшинос ва рақобатпазир саҳми арзандаи худро гузоранд, зеро маҳз ҷавонони соҳибмаърифат, ватандӯст ва забондон метавонанд ояндаи дурахшони Тоҷикистонро таъмин намоянд.

# НАМУДҲОИ КОРҲОИ ШАВҚОВАРИ БЕРУНАЗСИНФӢ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ – профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ,
Абдураззоқ РАЗЗОҚОВ – дотсенти кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ**

**Корҳои оммавӣ, таҳияи ребусҳо ва кроссвордҳои математикӣ, тайёр кардани моделҳои математикӣ, иштирок дар викторинаҳои ғоибона, фикр кардани афсонаҳои шавқовар, тартиб додани маҷмуи масъалаҳо ва ғайраро дар бар мегиранд.**

Яке аз намудҳои шавқовари корҳои беруназсинфӣ, гузаронидани олимпиадаҳои мактабӣ аз математика мебошад. Гузаронидани чунин олимпиадаҳо на фақат марҳалаи муҳимми корӣ доир ба олимпиадаҳои дараҷаҳои гуногун тайёр намудани хонандагон, инчунин, омода намудани хонандагон ба таҳсил дар синфҳои равияи фаннӣ мебошад. Вазифаи муҳимтарини омӯзгори математика дар ниҳоди хонандагон бедор кардани кунҷковӣ, меҳнатдӯстӣ, инкишофи майлу хоҳиши устувор ба математика, қобилиятҳои фикрӣ ва тарзҳои аз худ намудани иттилооти зарурӣ ва фаъолияти мустақилонаи дарккунӣ мебошад.

Корҳои беруназсинфӣ аз математика қобилият ва шахсияти хонандагонро ташаккул медиҳад. Идоракунии ин ҷараён на фақат инкишоф додан ва мукаммал намудани чизи ба инсон аз табиат додашуда, балки дар вай пайдо кунонидани талабот ба худинкишофдиҳии доимӣ ва худамалигардонӣ мебошад, чунки ҳар як шахс худашро, пеш аз ҳама, худаш тарбия мекунад. Масалан:

Кӯпруки овезон дар асри XXV то милод дар Чин (Хитой) сохта шуда буд.

Изи ангуштро дар Чин ҳанӯз солҳои 700-уми то милод истифода менамуданд.

Коғази аз ҳама қадимтарин дар Чин ёфта шуда, ба асрҳои II-I то милод мансуб дониста мешавад. Ин коғаз ҳамин хел мустаҳкам буд, ки онро ба сифати либос истифода мекарданд. Коғази ташнобро дар Чин соли 1300 фикр кардаанд, аммо аз онҳо фақат намояндагони оилаи император истифода бурда метавонистанд. Дар таърих аввалин математики Юнон, бону Гипатия, ки дар шаҳри Александрия дар асрҳои IV-V-и милодӣ умр ба сар бурдааст, ба шумор меравад.

Ҷорҷ Дансиги америкоӣ ҳангоми донишҷӯӣ ба дарс дер карда, муодилаи дар тахтаи синф сабтшударо вазифаи хонагӣ гумон карда, бо душворӣ онро ҳал намуд. Баъдтар маълум шуд, ки ин ду проблемаи «ҳалнашаванда»-и оморӣ будааст, ки олимон солҳои дароз барои ҳалли онҳо заҳмат мекашидаанд.

Софя Ковалевская маҷбур шудааст, ки ба хотири илм ақди никоҳи қалбакӣ бандад. Дар Россия занҳо ҳуқуқи бо илм машғул шудан надоштанд. Падараш барои ба хориҷа кӯчида рафтани Софя зид буд. Илоҷи ягона ба шавҳар баромаданаш буд. Баъдтар ин никоҳи қалбакӣ ба никоҳи ҳақиқӣ табдил ёфт ва ҳатто Софя духтарча таваллуд кард.



Викторина аз 20 савол иборат аст. Саволҳо ба мавзуи ягона бахшида шудаанд: доира, давра, элементҳои онҳо, паргор, адади $\pi$. Мураккабии саволҳо ба дараҷаи дониши хонандагони синфи 9 мувофиқ аст, аммо бо дарназардошти хусусиятҳои фаҳмишу дарки бачагон маводро дар синфҳои 6-8 ва 10 низ истифода бурдан имконпазир аст.

Викторинаро барои гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ, чорабиниҳои фаннӣ ва тайёр намудани муаррифӣ истифода бурдан мумкин аст.

Саволҳои алоҳидаро ба сифати маводи таърихӣ, шавқовар, масъалаҳои классикӣ интихоб кардан мумкин аст. Методикаи гузаронидани викторинаҳо маълум аст. Шояд донишҳои дар дарсҳои геометрия омӯхташуда ба туфайли викторина мустаҳкамтар шаванд.

**Намунаи саволҳои викторина аз математика**

1. Онҳо додару хоҳар зода шудаанд. Ҳамеша якҷо расм мекашиданд, Ӯ вайро пайдо кард, онро бушриданд, қайчӣ ӯро ифода намуд. Сухан дар бораи чӣ меравад?

A) Параллелограмм ва трапетсия; B) Расанда ва хорда;
C) Давра ва доира; D) Нур ва хати рост.

**Давра ва доира.** Давра – фигураи геометрӣ (хатти каҷи сарбаст) буда, ҳамаи нуқтаҳои ҳамворӣ дар он дар масофаи якхела мехобанд. Доира маҷмуи нуқтаҳои ҳамвориест, ки аз як нуқтаи додашудаи ҳамворӣ дар масофаи аз масофаи додашуда калон набуда мехобад.

2. Модели доира ва давраҳо дар ҳама ҷо моро иҳота намудаанд. Дар кадоме аз ин ашё ҳам инуу ҳам онро дидан мумкин аст?

A) Ақрабаки соат; B) Ҳалқа;
C) Тарбуз; D) Кӯза.

Сохтани кӯзаро тақрибан 3300 сол то милод бо истифодаи доираи кулолӣ оғоз намуданд, то ки зарфҳои доирашакл - табақчаҳо, гулдонҳо ва косаҳо созанд. Зарф давра дорад (канори болоӣ), поёнаш доира мебошад. Ақрабак - модели доира, ҳалқа – давра, тарбуз – кура аст.

3. Шӯхии математикӣ мавҷуд аст: «Бузи ба гулмех басташуда чӣ будани инро аз хонандаи синфи 8 беҳтар медонад…»

A) Радиус; B) Хорда;
C) Диаметр; D) Расанда.

*Радиус калимаи лотинӣ буда, маънои нурро дорад. Радиус порчаи маркази давраро бо нуқтаи дилхоҳи он пайвасткунанда мебошад.*

4. Мувофиқи ривоятҳо, як сарбози римӣ ҳангоми ҷустуҷӯи сарбози рақиб ба хона зада даромад, ки он ҷо олим дар рег расми фигураҳоро мекашид. «Ба доираҳои ман даст нарасон!» - гӯён олим аз зарби ханҷар рӯй ба болои рег афтид. Ӯ кӣ буд?

A) Евклид; B) Архимед;
C) Пифагор; D) Фалес.

Он олим Архимед (287-211 то милод) буд, ки ҳангом забти шаҳраш – Сиракуза аз дасти сарбози римӣ кушта шуда буд.

5. Асбоби қадимтарин дар замин 2000 сол хобидааст. Онро дар Фаронса ҳангоми кофтукови археологии қалъаи қадим ёфтанд. Дар хокистари шаҳри юнонии Помпея асбобҳои биринҷӣ пайдо карда буданд.

Дар тӯли садсолаҳо сохти ин асбоб қариб дигар нашудааст, чунки он мукаммал буд. Сухан дар бораи чӣ меравад?

A) Стило; B) Секунҷаи нақшакашӣ;
C) Паргор; D) Рейсфеллер.

**Паргор.** Дар Юнони Қадим аз ин асбоб истифода мебурданд. Ҳалли масъалаҳо ба воситаи паргор маҳорати баланд ба шумор мерафт. Он аломати ақлу хирад, мақоми баланд дар ҷомеа буд. Паргори пӯлодиро бостоншиносон ҳангоми кофтуковҳо дар шаҳри Новгород ёфтанд. Дар тӯли асрҳо сохти паргор кам тағйир ёфтааст. Ҳоло ин асбоби дарозияш ба 12 см баробар давраи диаметраш то 60 см-ро кашида метавонад.

6. Барои юнониҳо паргор дар қатори глобус рамзи урания – пуштибони астрономҳо буд. Достонҳои Юнони Қадим аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф – ихтироъкори паргор мавҷуд аст. Ӯ кист?

A) Дедал; B) Ахим;
C) Икар; D) Талос.

Мувофиқи ривоятҳо, паргорро Талос ихтироъ намудааст, ин усто ҷияни Дедал буд, ки писараш Икар ба воситаи қанотҳои худаш сохта парвоз карда буд. Талос шояд аз амаки худ маҳорати ихтироъкориро мерос гирифта, ду стержени дарозиҳояшон якхеларо пайваст карда, паргор сохта бошад.

7. Дар тамоми олам саҳнаҳои сирк дорои бузургии якхела мебошанд. Он чӣ қадаре ки майда набошанд ҳам, саҳнаи он ҳамеша дорои ҳамин як бузургӣ мебошад. Дарозии давраи саҳнаи сирк аз 40 м дарозтар аст: Диаметри он чӣ?

A) 10 м; B) 20 м;
C) 17 м; D) 13 м.

Диаметри саҳнаи сирк 13 м аст. Шакли доира ва андозаи он талаботи акробатикаи аспӣ мебошад. Маҳз давраи диаметраш ба 13 м баробар таҳти таъсири қувваи марказгурез ба тани асп ҳамин хел хамшавиро ба марказ медиҳад, ки он барои баробарвазнии акрабати дар болои асп рост истода мусоидат мекунад.

8. Дар романи Жюл Верн қаҳрамони асар ҳисоб намудааст, ки кадом қисми бадани ӯ пошнаи пой ё сараш ҳангоми саёҳати даври олам роҳи дарозро тай намудааст. Ҷавоб аён аст. Акнун тасаввур намоед, ки шумо аз рӯи экватор оламро давр зада бошед. Тори сари шумо назар ба пошнаи поятон чӣ қадар зиёд роҳ тай кардааст?

A) 100 м; B) 1000 м;

C) 10 м; D) 100 км.

Сар назар ба пой 10,7 м бештар роҳ тай намудааст. Пойҳо роҳи $2\pi R$ ($R$ - радиуси курраи замин) ва тори сар роҳи $2\pi(R+1{,}7)$, (1,7 м –қади одам) тай намудааст. Фарқи роҳ ва $2\pi(R+1{,}7)-2\pi R = 2\pi \cdot 1{,}7 = 10{,}7$ м аст.

Аҷоибаш дар он аст, ки ба ҷавоби ниҳоӣ бузургии радиуси курраи замин дохил намешавад, бинобар он, натиҷаҳо ҳам дар замин, ҳам дар Аторуд ва ҳам дар сайёраи аз ҳама хурд як хел мешавад, умуман, тафовути дарозии байни ду давра аз радиуси онҳо вобаста набуда, фақат аз масофаи байнашон вобаста аст. Ба радиуси мадори замин 1 см илова кунед, дарозии онро ҳамон қадар зиёд мекунад, ки аз чунин иловакунӣ радиуси давраи тангаи панҷтина зиёд мешавад.

9. Агар заминро аз рӯи экватор бо сим чен карда, ба он 1 м ҳамроҳ кунем, аз байни сим ба замин муш гузашта метавонад?

A) Ҳа; B) Не;

C) Ҷавоб ғайриимкон аст; D) Ин аз андозаи муш вобаста аст.

Чунин менамояд, ки роғӣ (масофаи байни сим ва замин) аз мӯй борик мешавад: 1 метр дар пеши 40 миллион метри экватори замин ниҳоят ночиз аст. Дар амал бошад, бузургии фосила қариб 16 см мешавад ва аз он на фақат муш, балки гурба ҳам гузашта метавонад. Онро асоснок мекунем.

Бигузор дарозии фосила ва радиуси кураи замин $R$ бошад. Он гоҳ дарозии сим $2\pi R$ см буд, акнун $2\pi(R+x)$ см шуд. Тафовути байни ин дарозиҳо 1 м=100 см аст.

$$2\pi(R+x)-2\pi R = 100\ ;\ 2\pi R + 2\pi x - 2\pi R = 100\ ;\ 2\pi x = 100\ ;\ x \approx 16\ .$$

10. Ишораи нисбат ба дарозии давра ба диаметрро бо рамзи муосири $\pi$ бори нахуст математики англис Ҷонсон дохил кардааст. Вай сифати рамз ҳарфи якуми калимаи юнонии «периферия»-ро, ки маънояш «давра» мебошад, гирифтааст. Рамзи $\pi$ дар формулаҳои математикӣ чанд сол боз истифода бурда мешавад?

A) Зиёда аз 2000 сол; B) 250-300 сол;

C) Қариб 100 сол; D) 100 сол камтар.

**Ҷавоб: 250-300 сол**

Ишораи $\pi$-ро Ҷонсон соли 1706 дохил намудааст, аммо он пас аз нашри асари Эйлер, ки аз ин ишора бори аввал соли 1736 истифода бурдааст, мавриди истифодаи умумӣ қарор гирифтааст.

Барои чӣ ин ададро бо рақамҳо нанавишта, бо ҳарфи $\pi$ ишора намудаанд?

A) Хеле муҳим аст; B) Касри даврӣ аст;

C) Ирратсионалӣ аст; D) Тез-тез вомехӯрад.

Адади $\pi$ ирратсионалӣ аст ва чунин ададро фақат ба воситаи касри даҳии даврии беохир навиштан мумкин аст. Дар замонҳои хеле қадим чунин мешумориданд, ки давра аз диаметр расо се маротиба дарозтар аст. Аммо ҳанӯз дар ҳазорсолаи дуюми то милод дар Мисри Қадим барои адади $\pi$ қимати 3,16 оварда шуда буд. Олими ҳолландӣ Рудолф ван Сейлен (1540-1610) соли 1615 барои $\pi$ 35 аломати даҳии дурустро ёфта, васият карда буд, ки ин қиматро дар санги болои қабраш сабт кунанд. Дар рӯзҳои мо Ясума Канада аз Токио соли 2004 дар компютер барои $\pi$ 1,24 триллион аломатро ёфт, ки он бештар на аз нуқтаи назари илмӣ, балки аз нуқтаи назари техникӣ мароқовар аст.

11. Даҳ аломати адади $\pi$ барои ҳамаи мақсадҳои амалӣ пурра кифоя аст. Барои рақамҳои аввалини $\pi$-ро хуб дар хотир нигоҳ доштан зарбулмасал ва шеърҳои ҳазломез мавҷуданд, ки дар онҳо рақамҳои аввалини адади $\pi$ дар намуди шумораи ҳарфҳо ва калимаҳо рамзгузорӣ карда шудаанд. Яке аз чунин рамзҳоро Яков Перелман фикр карда баромадааст. Яков Перелман кадом зарбулмасалро пешниҳод намудааст?

A) Фақат кӯшиш намудан лозим аст, ки ҳама чизро тавре, ки ҳаст, дар хотир нигоҳ доред. Се, чордаҳ, понздаҳ, наваду ду ва шаш. Касе, ки ин чор мисраъро аз ёд кунад, ҳамеша 8 аломати адади $\pi$-ро номбар карда метавонад;

B) Ман дар бораи доираҳо чӣ медонам? Шумораи ҳарфҳо дар ҳар як калима ба қимати адади «$\pi$« - 3,1416 мувофиқ аст;

C) «Инро ман медонам ва хуб дар ёд дорам. «Пи» - бисёр аломатҳо барои ман зиёдатӣ» (Мувофиқан, 3,14159265358) ;

D) Анна то инқилоб: «касе, ки бо шӯхӣ ва тез мехонад, адади $\pi$ -ро аллакай медонад».

Яков Перелман зарбулмасали «Ман дар бораи доираҳо чӣ медонам»-ро пешниҳод намудааст.

Дӯстдорони математика ҳар сол рӯзи адади $\pi$ -ро кадом рӯз қайд мекунанд?

A) 3 январ;  B) 3 июл;  C) 14 март;  D) 1 сентябр.

14 март: ин ҷашни ғайрирасмиро соли 1987 физик Ларри Шоу аз Сан –Франсиско фикр карда баромадааст. Ӯ қайд намудааст, ки дар системаи сабтии рӯзҳо (моҳ, рӯз) 14 март 3/14 вақт 1:59:26 бо разрядҳои аввалини адади 3,1415926 мувофиқ меояд. Боз як рӯз бо $\pi$ - алоқаманд аст. 22-июл, ки онро «Рӯзи адади тақрибии $\pi$» меноманд, чунки дар формати аврупоӣ ин рӯз ҳамчун 22/7 навишта мешавад, қимати ин каср қимати тақрибии адади $\pi$ мебошад.

12. Кадоме аз математикони бузург дар рӯзи $\pi$ таваллуд шудааст?

A) Леонард Эйлер;  B) Николай Лобачевский;

C) Карл Гаусс;  D) Алберт Эйнштейн.

Алберт Эйнштейн дар рӯзи «Пи» (3,14) 14-уми марти соли 1879 таваллуд шудаанд?

13. Оё шумо медонед, ки ҳайкали адади $\pi$ Мавҷуд аст? Ҳайкали математикии ин адад дар зинапояи назди бинои осорхонаи Санъат дар ибтидои минтақаи пиёдагарди ин шаҳри амрикоӣ дар рӯзи байналмилалии адади $\pi$ 14-уми март гузошта шуда, ба пояи он гулҳо мегузоранд. Дар кадом шаҳр ин ҳайкал гузошта шудааст?

A) Вашингтон;  B) Чикаго;  C) Ню-Йорк;  D) Сиэтл.

Сиэтл – шаҳри калонтарини шимолу ғарби ИМА, иёлати Вашингтон, шаҳри калони наздибаҳрӣ. Ин шаҳр маркази маъмурии Кинг мебошад.

14. «Пи» яке аз доимиҳои бисёр истифодашавандаи математикӣ дар олам мебошад. Дар асри XX адади «Пи» дар аксар соҳаҳо ба монанди назарияи ададҳо, назарияи эҳтимолот ва назарияи омор истифода бурда шудааст. Ин истилоҳ номи дигар низ дорад. Номи дуюми адади «Пи» кадом аст?

A) Доимии доиравӣ;  B) Адади Рудолф;

C) Доимии архимедӣ;  D) Сегонаи Пифагорӣ.

«Номи изофагии сегонаи Пифагорӣ» адади Пи, инчунин, бо «Доимии доиравӣ», «Константаи Архимедӣ» ё «Адади Рудолф» хотиррасон мешавад.

15. Психогеометрия – системаи амалии махсуси таҳлили шахсият мебошад, ки он барои зуд муайян намудани шакл ё намуди шахсият кумак мерасонад. Ба фикри шумо, доира рамзи чист?

A) Рамзи гармония;  B) Рамзи пешвоӣ;

C) Рамзи эҷодиёт;  D) Рамзи меҳнатдӯстӣ, сабру тоқат, пурзӯрӣ.

**Доира – рамзи гармония мебошад.** Психогеометрия ҳамчун система дар ИМА пайдо шуда, муаллифи он Сюзен Деллингер – мутахассиси соҳаи омодакунии иҷтимоӣ – психологии кадрҳои идоракунанда мебошад. Саҳеҳии ташхис ба воситаи усули психогеометрӣ то 85% аст.

16. Маълум аст, ки ситораҳои дорои номҳои гуногун, аз ҷумла, геометрӣ мавҷуданд. Галаситораҳои секунҷа, секунҷаи ҷанубӣ ва ғайра низ мавҷуд аст. Аксари номҳо аз насаби қаҳрамонҳои афсонавӣ бармеоянд. Кадом галаситора мавҷуд аст?

A) Доираи хурд;  B) Доираи ҷанубӣ;  C) Паргор;  D) Ҳалқа.

Паргор – галаситораи хурди нимкураи ҷануби ғарбтари Фарокунҷ ва секунҷаи ҷанубӣ дар паҳлӯи Сентавр, Ситораи Паргор бузургии ситорагии 3,2 визуалии оличаноб мебошанд.

17. Дар забони русӣ як қатор ибораҳои устувор бо калимаи «доиравӣ» мавҷуд аст: Аҳмақ ҳам «доиравӣ» мешавад, сана (*рӯз*) ҳам, ятим ҳам, сол ҳам. Чӣ «доиравӣ» намешавад?

A) Духон;  B) Аълохон;  C) Хубхон;  D) Миёнахон.

18. Кадом нисбат ба адади Пи баробар нест?

A) Нисбати дарозии соҳил ба масофаи байни саршавӣ ва итмоми дарё;

B) Нисбати шумораи шеърҳо дар «Сухан дар бораи полки Игор» ба шумораи шеърҳои қисмҳои якум ва охирин;

C) Нисбати дарозии роҳи оҳан ба шумораи истгоҳҳои он;

D) Нисбати шумораи сатрҳои «Савораи Мисин»-и А.С. Пушкин ба «диаметр»-и достон.

Нисбати дарозии роҳи оҳан ба шумораи истгоҳҳои он ба адади Пи баробар нест.

# ТАЪЛИМИ ФИЗИКА ДАР МАКТАБИ МИЁНА

**Компон ХОЛОВ – омӯзгори физика ва математикаи гимназияи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**

**Методикаи таълими физика дар курси мактабӣ бевосита бо таълими физика дар муассисаҳои таълимӣ алоқаманд мебошад. Мазмун ва сохтори курси физика, масъалаҳои таълими касбӣ, техника ва методикаи таҷрибаи физикии мактабӣ, инчунин, ташаккули мафҳумҳои физикӣ дар хонандагон ба таври назаррас такмил ва рушд дода шудаанд. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии раванди таълими физика, воситаҳои техникии таълим ва технологияҳои электронию компютерӣ дар асоси методҳо ва усулҳои муосири таълим васеъ ҷорӣ карда мешаванд.**

Мазмуни курси физика пайваста нав карда шуда, бо дастовардҳои навтарини илм ва техника ғанӣ мегардад. Ин кор дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- шарҳи маводи таълимӣ аз нуқтаи назари физикаи муосир;
- ворид намудани баъзе таҷрибаҳои бунёдӣ ва асосҳои илмии физикаи муосир ба курси физикаи мактабӣ.

Ҳамаи ин, дар китобҳои дарсии физика инъикос меёбад. Бо рушди ҷомеа масъалаи такмил додани минбаъдаи таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ як раванди объективӣ ва қонунӣ мебошад. Аз ин нуқтаи назар дастовардҳои физика ва педагогика дар ягонагӣ баррасӣ мегарданд. Аз ҷумла, мазмуни физика бо моҳияти муосири он ва дараҷаи инъикоси дастовардҳои навтарини илм муайян карда мешавад.

Ҳамчун мисол метавон омӯзиши чунин мафҳумҳоро, мисли миқдори модда, ҳарорат ва ҳодисаҳои гармӣ дар курси физикаи молекулавӣ, инчунин, идома ёфтани таҳқиқоти илмӣ дар ин самтҳо то имрӯз нишон дод. Яке аз вазифаҳои муҳимми мактаби миёна ошкор намудани ҷанбаҳои педагогӣ, методӣ ва касбии робитаҳои байнифаннии курси физика мебошад.

Маълум аст, ки барои расидан ба ҳар гуна ҳадаф зарур аст, ки саъю кӯшиши ақлонӣ ба харҷ дода шавад ва фаъолияти иродавӣ зоҳир гардад, ки ин ба фаъол гардидани фаъолияти тафаккурӣ дар раванди таълим ва дарки равшани ҳадаф мусоидат мекунад. Ин боиси афзоиши фаъолиятнокии хонандагон, аз худ намудани амиқ ва пурраи маводи таълимӣ ва рушди шавқ ба дарк, коркард ва бозофарии иттилооти илмӣ мегардад.




Хонандагон имконият пайдо мекунанд, ки донишҳои физикии худро дар дигар фанҳои таълимӣ истифода баранд. Дар раванди омӯзиши физика омӯзгор бояд шароитҳои мусоидаткунандаро ба таълим ва рушди шавқ донад. Омӯзгорони эҷодкор барои ташаккули шавқи маърифатӣ аз усулҳои гуногун истифода мебаранд: таҷрибаҳои намоишӣ, иҷрои таҷрибаҳо, ҳал намудани масъалаҳо, ташкил кардани мушоҳидаҳо, инчунин, татбиқи донишҳои назариявӣ дар амал – ҳамаи ин дар хонандагон шавқи зиёд ба вуҷуд меорад.

Ба сифати омилҳои асосии рушди шавқ ба донишҳои илмӣ ва малакаҳои тадқиқотии хонандагон метавон хусусиятҳои зеринро ном бурд:

- ба таври илмӣ ва мантиқӣ муназзам баён намудани маводи таълимӣ;
- эҷоди вазъиятҳои проблемавӣ дар дарс ва ҷалби хонандагон ба ҳалли онҳо;
- иҷрои супоришҳои дорои хусусияти эҷодӣ аз ҷониби хонандагон;

- фароҳам овардани шароит барои он, ки хонандагон донишҳои аз адабиёти илмӣ-оммавӣ омӯхтаашонро ба ҳамсинфонашон пешниҳод намоянд.

Шавқ ба физика дар кӯшиши доимии омӯзиши он зоҳир мегардад. Ҳамчунин, муҳим аст, ки омилҳои марбут ба фаъолияти педагогии омӯзгор ба назар гирифта шаванд: дараҷаи азхудкунии фан, методикаи таълим, маҳорати ташкил ва гузаронидани дарс, инчунин, сифатҳои инфиродии омӯзгор.

Ҳангоми ташаккули дониш дар хонандагон на танҳо ташкили раванди таълими физика, балки хусусиятҳои равонии он низ бояд ба назар гирифта шаванд. Онҳо, пеш аз ҳама, бо мазмуни худи фан муайян мегарданд. Фаҳмидани моҳияти мафҳумҳои физикии омӯхташаванда аз хонандагон талаб мекунад, ки қобилияти абстраксия, сохтани моделҳои идеалӣ ва гузариш аз як шакли абстраксия ба шакли дигари онро дошта бошанд. Ҳамаи ин тафаккури илмиро дар физика инъикос менамояд.

Ҳамаи мафҳумҳои физикӣ дар раванди таълим ташаккул ёфта, бо афзоиши синну соли хонандагон рушд мекунанд. Хусусияти дуюми муҳимми раванди таълими физика чунин аст:

- истифодаи васеи моделҳо ва шаклҳои гуногуни аломатҳои шартӣ (формулаҳо, схемаҳо, рамзҳо), ки аз хонандагон қобилияти дарки тасвирҳои аломатиро талаб мекунад;

- истифодаи таҷрибаҳои намоишӣ, ташкил намудани мушоҳидаҳо ва иҷрои мустақилонаи корҳои амалӣ.

Дар таълими физика омӯзгор бояд хусусиятҳои синнусолӣ ва равонии хонандагонро дар синфҳо ба назар гирад. Масалан, дар синфи 9 баланд бардоштани сатҳи тафаккури хонандагон мувофиқ аст: дар онҳо тафаккури абстрактӣ бартарӣ дорад, бинобар ин, омӯзонидани ҳодисаҳои физикӣ дар асоси таҷриба ва намоиш натиҷаҳои хуб медиҳад.

Муҳим аст, ки дар хонандагон қобилияти ҷудо кардани аломатҳои умумии ҳодисаҳо ташаккул дода шавад. Аз синфи 7 сар карда, онҳоро бояд тадриҷан усулҳои тафаккури дедуктивиро омӯзонд. Дар синфҳои болоӣ, литсейҳои академӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ташаккули чунин мафҳумҳо, ба монанди «массаи молярӣ» ва «ҳарорат», ба рушди назарраси сатҳи тафаккури абстрактӣ мусоидат мекунад.

Барои рушди тафаккури назариявии хонандагон асосҳои назарияи молекулавӣ-кинетикии сохтори модда ва қонунҳои термодинамика омӯхта мешаванд, ки дар асоси онҳо хосиятҳои физикии моддаҳо ва равандҳои термодинамикӣ шарҳ дода мешаванд.

Дар бахши физикаи молекулавӣ назария на танҳо барои фаҳмидани ҳодисаҳо, балки барои бозофарии минбаъдаи онҳо дар хотира низ хизмат мекунад. Дониш ва малакаҳои бадастовардаи хонандагон ба сатҳи кофӣ баланд мерасанд, ки ин ба рушди қобилиятҳои маърифатии онҳо мусоидат менамояд.

Дар раванди таълими физика истифодаи таҷрибаҳои лабораторӣ аҳаммияти калон дорад. Онҳо имкон медиҳанд, ки хонандагон на танҳо донишҳои назариявиро аз худ намоянд, балки онҳоро дар амал татбиқ карда, малакаҳои таҷрибавӣ ва тафаккури мантиқии худро инкишоф диҳанд. Гузаронидани таҷрибаҳо дар якҷоягӣ бо ҳалли масъалаҳо сатҳи фаҳмиши мавзуъро баланд бардошта, шавқи хонандагонро ба фан зиёд мегардонад.

Дар зер якчанд кори лабораторӣ оварда шудаанд, ки метавонанд дар рафти дарс истифода шаванд:

**1. Муайян кардани зичии ҷисми сахт**

Дар ин таҷриба хонандагон бо усули муайян кардани зичӣ шинос мешаванд. Онҳо масса ва ҳаҷми ҷисмро чен намуда, бо истифода аз формула зичиро ҳисоб мекунанд. Ин таҷриба барои фаҳмидани хусусиятҳои моддаҳо аҳаммияти муҳим дорад.

Таҷҳизот: тарозу, мензурка, об, ҷисми сахт.

Мақсад: муайян кардани зичии моддаи ҷисм.

Раванди кор:

- массаи ҷисмро бо ёрии тарозу чен кунед;
- ба мензурка об рехта, ҳаҷми ибтидоиро қайд намоед;
- ҷисмро ба об андозед ва ҳаҷми навро муайян кунед;
- ҳаҷми ҷисмро аз рӯи фарқият ёбед.

Формула: $\rho = m / V$

Мисол: Массаи ҷисм 200 г, ҳаҷмаш 50 $см^3$. Зичиро ёбед. Ҷавоб: 4000 $кг/м^3$

**2. Санҷиши қонуни Архимед**

Ҳангоми иҷрои ин таҷриба хонандагон меомӯзанд, ки ба ҷисм дар моеъ қувваи бардоранда таъсир мекунад. Бо муқоисаи вазни ҷисм дар ҳаво ва дар об, онҳо қонуни Архимедро тасдиқ мекунанд.

Таҷҳизот: динамометр, ҷисм, об

Мақсад: муайян кардани қувваи бардоранда

Раванди кор:

- вазни ҷисмро дар ҳаво чен кунед;
- вазни онро дар об чен кунед;
- фарқиятро ёбед, ин қувваи Архимед аст.

Формула: $F_a = \rho gV$

Мисол: Вазн дар ҳаво 5 Н, дар об 3 Н → $F_a = 2$ Н

**3. Муайян кардани қувваи соиш**

Дар ин таҷриба вобастагии қувваи соиш аз қувваи фишор омӯхта мешавад. Хонандагон бо истифода аз динамометр қувваи соишро чен карда, коэффитсиенти соишро муайян менамоянд.

Мавзуъ: Механика

Таҷҳизот: тахтача (брусок), динамометр.

Мақсад: муайян кардани коэффитсиенти соиш.

Раванди кор:

- тахтачаро яксон кашед;
- қувваи соишро чен кунед;
- μ-ро муайян намоед.

Формула: $F = \mu N$

**4. Омӯзиши қонуни Гук**

Ин таҷриба ба омӯзиши хосиятҳои чандирии ҷисмҳо бахшида шудааст. Хонандагон дарозшавии пружинаро ҳангоми таъсири қувва чен карда, вобастагии байни қувва ва деформатсияро меомӯзанд.

Таҷҳизот: пружина, борҳо

Мақсад: муайян кардани сахтии пружина

Раванди кор:

- борҳоро овезон кунед;
- дарозшавиро чен кунед;
- график созед.

Формула: $F = kx$

**5. Омӯзиши ҳаракати баробари суръат тағйирёбанда**

Бо истифода аз сатҳи моил хонандагон ҳаракати ҷисмро мушоҳида намуда, суръат ва шитоби онро муайян мекунанд.

Таҷҳизот: сатҳи (ҳамвории) моил

Мақсад: муайян кардани шитоб

Раванди кор:

- тӯбчаро сар диҳед;
- вақт ва роҳро чен кунед.

Формула: $s = at^2/2$

**6. Муайян кардани қудрат**

Дар ин таҷриба хонандагон кор ва вақтро чен намуда, қудратро ҳисоб мекунанд. Ин ба фаҳмидани самаранокии иҷрои кор мусоидат менамояд.

Таҷҳизот: бор, соатсанҷ

Мақсад: муайян кардани тавонои

Раванди кор:

- борро ба баландӣ бардоред;
- вақтро чен кунед.

Формула: $P = A/t$

**7. Санҷиши қонуни нигоҳдории энергия**

Бо ёрии раққосак хонандагон табдили энергияро мушоҳида мекунанд ва ба хулоса меоянд, ки энергия дар система нигоҳ дошта мешавад.

Таҷҳизот: раққосаки математикӣ
Мақсад: мушоҳидаи табдили энергия
Раванди кор:
- раққосакро кач кунед;
- ҳаракатро мушоҳида намоед.

**8. Санҷиши қонуни Ом**

Дар ин таҷриба вобастагии ҷараён аз шиддат ва муқовимат омӯхта мешавад. Хонандагон бо асбобҳои ченкунӣ қиматҳоро муайян намуда, қонунро дар амал мебинанд.
Таҷҳизот: манбаи ҷараён, муқовимат
Мақсад: санҷидани вобастагии ҷараён
Раванди кор:
- шиддат (U) ва ҷараён (I)-ро чен кунед;
- муқовиматро ёбед.
Формула: $I = U/R$

**9. Муайян кардани муқовимати ноқил**

Хонандагон бо чен кардани шиддат ва ҷараён муқовимати ноқилро ҳисоб мекунанд ва хусусиятҳои он дар занҷири барқиро меомӯзанд.
Мақсад: муайян кардани муқовимат
Раванди кор:
- ҷараён ва шиддатро чен кунед.
Формула: $R = U/I$

**10. Омӯзиши пайвасти пайдарпай ва мувозӣ**

Дар ин таҷриба хусусиятҳои пайвастшавии ноқилҳо омӯхта мешаванд. Хонандагон фарқияти тақсимшавии ҷараён ва шиддатро дар ин ду навъи пайваст мебинанд.
Мақсад: омӯхтани хосиятҳои занҷир
Хулоса: $R = R_1 + R_2$

**11. Омӯзиши шикастани нур**

Бо истифода аз шиша ва нур, хонандагон қонуни шикастани нурро меомӯзанд ва нишондиҳандаи шикастро ҳисоб мекунанд.
Мақсад: омӯхтани тақсимшавии ҷараён
Формула: $1/R = 1/R_1 + 1/R_2$

**12. Омӯзиши линза**

Дар ин таҷриба хосиятҳои оптикии линза омӯхта шуда, масофаи фокусӣ муайян карда мешавад.
Таҷҳизот: шиша, лазер
Мақсад: ёфтани нишондиҳандаи шикаст.
Раванди кор:
- кунҷҳоро чен кунед;
- ҳисоб кунед.
Формула: $n = \sin\alpha/\sin\beta$

**13. Муайян кардани миқдори гармӣ**

Хонандагон тағйирёбии ҳароратро чен намуда, миқдори гармиро ҳисоб мекунанд ва равандҳои гармиро мефаҳманд.
Мақсад: муайян кардани масофаи фокусӣ
Формула: $1/F = 1/d + 1/f$

**14. Омӯзиши интиқоли гармӣ**

Дар ин таҷриба намудҳои гуногуни интиқоли гармӣ – гузарониш, конвексия ва шуоъдиҳӣ, ба таври амалӣ нишон дода мешаванд.
Формула: $Q = cm\Delta t$

Ҳамин тавр, истифодаи таҷрибаҳои лабораторӣ дар дарсҳои физика яке аз роҳҳои самараноки баланд бардоштани сифати таълим ба ҳисоб рафта, ба рушди малакаҳои амалӣ, тафаккури мантиқӣ ва шавқи хонандагон мусоидат ва робитаи зичи байни назария ва амалияро таъмин менамоянд.

# ХОСИЯТҲОИ МОНАНДӢ. ТЕОРЕМАИ ПИФАГОР

**Бегмуҳаммад ШОДИЕВ –**
**омӯзгори фанни математикаи литсей №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**

**Математика яке аз фанҳои асосӣ ва универсалии блоки фанҳои дақиқ ба шумор рафта, омӯзиши он барои омӯхтани тамоми фанҳои боқимонда, махсусан, физика, химия, биология, технологияи иттилоотӣ, география ва астрономия шароити омӯзишро фароҳам меорад. Ҳамзамон, алоқамандии байнифаннӣ, татбиқи математика дар ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон ва истифодаи мунтазамии он барои соҳаҳои иқтисодӣ, сохтмонӣ, меъморӣ, наққошӣ ва ғайраҳо аз мавзуъҳои асосии ҳаёти инсонӣ гаштааст.**

Масалан, ҳангоми иҷрои коре дар сохтмон ёфтани масоҳати кори иҷрошуда, зиёд ё кам шудани нархи маҳсулот, ёфтани фоиз ё коэффитсиенти зиёдшавaӣ, ҳангоми сохтани нақшаи ин ё он иншоот дуруст ва аз нигоҳи бехатари татбиқ кардани бино ва ғайра масъалаҳои асосие мебошанд, ки донишҳои математикӣ, аз ҷумла, алгебравӣ ва геометриро аз бар накарда, мақсади мусбати худро ёфта наметавонем.

Мавзуи баҳси мо низ пайгирӣ яке аз ин масъалаҳои ҳаётан муҳимми инсонӣ буда, доир ба катету гипотенуза ва боқимонда элементҳои номаълуми секунҷаи росткунҷа ва тарзи ёфтани қисматҳои номаълуми онҳо ва умуман, ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ, чӣ тавр ба хонандагон нисбатан осону ба ҳаёт татбиқ кардани маълумотҳои мазкур мебошад.

Мақсади асосии тартиб додани конспекти дарси яксоата дар он аст, ки маводи дарси навро хонандагон пурра нанавишта, танҳо қисмҳои асосии онро дар дафтарҳои худ қайд кунанд ва қисми дигарро дар хотирашон гиранд. Ин равиш метавонанд ба хотираи хонанда фоидаовар бошад ва ба заминаи азхудкунии дарсҳо асос гузорад. Аслан конспекти дарси яксоатаро ҳар як омӯзгор вобаста ба қобилияти эҷодии худ навишта, мисолу масъалаҳоеро, ки дар он қайд шудаанд, бояд хонандагон дар давоми аз 3-5 то 10-15 дақиқа ҳал карда тавонанд.

Агар дар муассиса шароити кор бо тахтаҳои электронӣ, проекторҳо ва муҷаҳҳазкунии лингофонӣ бошад, омӯзгорон метавонанд бо воситаи онҳо дарсҳоро ба хонандагон таҳти рақам ё рамзҳои махсуси гузоштаашон пешниҳод намоянд.




Бо мақсади кумакҳои амалӣ, методӣ, илмӣ ва дидактикӣ расонидан ба омӯзгорон дар бедор намудани табъу завқи шогирдон, тарбияи ҳисси фазилату доноӣ, маҳорати ҳозирҷавобӣ, боварӣ ба худу донишҳои худ ва ба ин васила, тарбия намудани кадрҳои баландихтисоси сикли фанҳои дақиқ ва барои ҷолиб гузаронидани лаҳзаҳои фароғатии хонандагон дар дарсҳо, намунаи тартиб додани конспекти дарси яксоата ва тартиби истифодаи онро дар фанни геометрия пешниҳод мегардонем.

Дарси математикаро якранг ва чун дарсҳои муқаррарӣ гузаронидан ба хонандагон қобили қабул набуда, дар зеҳни онҳо ҳамчун дарси душвору дилгиркунанда нақш мебандад ва дар ин замина, хонандагон ба омӯзгори ҳамин фан самимона муносибат карда наметавонанд. Дар ин раванд хостем доир ба мавзуи «**Хосиятҳои монандӣ. Теоремаи Пифагор**» намунаи конспекти дарсро дар шакли зер пешкаш намоем.

**Конспекти дарси намунавӣ аз фанни геометрия дар мавзуи “Хосиятҳои монандӣ. Теоремаи Пифагор” (синфи 8)**

| Қисмат | Қадамҳо | Шарҳи қадамҳо | Қисме аз матни дарс барои қайд (тасвир ё навиште, ки бояд нишон дода шавад, ва хонандагон дар дафтарашон нависан) | Вақт |
|---|---|---|---|---|
| Муқаддима | А) Баёни мавзу | Салом хонандагони азиз, имрӯз бо Шумо мавзуи “**Хосиятҳои монандӣ. Теоремаи Пифагор**” - ро дида мебароем.<br>Оиди фигурае дарсро оғоз мекунем, ки дар он тарафҳоро бо катету гипотенуза ифода мекунанд ва қисме аз чоркунча ва ё квадрат мебошад. Модоме, ки сухан оиди катет ва гипотенӯза меравад, дақиқан ба хотири шумо секунҷаҳои росткунҷа меоянд, зеро истифодаи ин мафҳумҳо хоси секунҷаҳои росткунҷа аст.<br>Ба ин хотир аз шумо хоҳиш карда мешавад, ки зудтар маводҳои хониши худро гирифта, дарси моро бодиққат тамошо кунед ва нуқтаҳои лозимаашро барои худ навишта гиред. | Ҳангоми баёни ин қисмати дарс омӯзгор хонандагонро хаёлан ба ягон муҳит мебарад то худашонро дар дохиди синфхона маҳдуд накунанд.<br>**Мавзуъ: Хосиятҳои монандӣ. Теоремаи Пифагор** | **1 дақиқа** |
| | Б) Баёни мақсадҳои дарс | Хонандагони азиз, то анҷоми дарси имрӯза мо хоситяҳои монандиро аз худ карда, теоремаи Пифагорро меомӯзем. Ёфтани тарафҳои секунҷаи росткунҷаро ёд гирифта, донишҳои гирифта-амонро дар ҳалли мисолҳо татбиқ карда метавонем. | **Мақсадҳои дарс дар тахтаи синф, навишта мешаванд ё дар гӯшае овезон карда мешаванд.**<br>***Мақсадҳои дарс:***<br>• ***Хосиятҳои монандиро меомӯзанд;***<br>• ***Теоремаи Пифагрро меомӯзед***<br>• ***Тарфаҳои секунҷаро медонанд;***<br>***Донишҳои гирифтаро дар ҳалли масъалаҳо татбиқ карда метавонед*** | **1 дақиқа** |
| | | **Хосиятҳои монандии фигураҳо:**<br>**1.** Агар фигураи Ф ба фигураи $Ф_1$ бо коэффитсиенти *k* монанд буда, Х ва У нуқтаи фигураи Ф, $Х_1$ ва $У_1$ мувофиқан нуқтаҳои фигураи $Ф_1$ бошанд, он гоҳ $X_1Y_1 = k \cdot XY$ мебошад. | **Хосиятҳои монандии фигураҳо:**<br>**1.** Агар фигураи Ф ба фигураи $Ф_1$ бо коэффитсиенти *k* монанд буда, Х ва У нуқтаи фигураи Ф,$Х_1$ ва $У_1$ мувофиқан нуқтаҳои фигураи $Ф_1$ бошанд, пас $X_1Y_1 = k \cdot XY$ аст. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Асосӣ** | **Фаъолияти 1.** ***(пешниҳоди мавзӯи нав тавассути усул, методҳои гуногун дар шакли фаъолиятҳои таълим)*** | **2.** Ду хати рости дилхоҳ монанданд.<br>**3.** Ду нури дилхоҳ монанданд.<br>**4.** Ду порчаи дилхоҳ монаданд.<br>**5.** Фигураи диолхоҳ ба худаш монанд аст.<br>**6.** Ду кунҷи баробар монанданд.<br>**Монандии секунҷаҳо.**<br>**Таъриф.** Ду секунҷае, ки кунҷҳо ва тарафҳои мувофиқи баробар доранд, секунҷаҳои монанд номида мешаванд.<br><br><br>Яъне $\triangle ABC \backsim \triangle A_1B_1C_1$ " $\backsim$ "– ишораи монандӣ<br>Агар $\angle A_1 = \angle A$; $\angle B_1 = \angle B$; $\angle C_1 = \angle C$ ва $\frac{A_1B_1}{AB} = \frac{A_1C_1}{AC} = \frac{B_1C_1}{BC} = k$ бошад.<br>Агар ду кунҷи як секунҷа ба ду кунҷи секунҷаи дигар баробар бошад, он гоҳ ин гуна секунҷаҳо монанд мебошанд.<br><br><br>**Масъала.**<br>Дода шудааст.<br>$\triangle ABC \sim \triangle A_1B_1C_1$<br>$BC = 28$<br>$B_1C_1 = 21$<br>$A_1C_1 = 18$<br>$AC = ?$<br>**Ҳал:** Аз баски секунҷаҳо монанд мебошанд, пас тарафҳои мувофиқ мутаносибанд. Аз ин ҷо таносуби зерин ҳосил мешавад.<br>$\frac{BC}{B_1C_1} = \frac{AC}{A_1C_1}$<br>$\frac{28}{21} = \frac{x}{18}$; $x = \frac{28}{21} \cdot 18 = 4 \cdot 6 = 24$ | **2.** Ду хати рости дилхоҳ монанданд.<br>**3.** Ду нури дилхоҳ монанданд.<br>**4.** Ду порчаи дилхоҳ монаданд.<br>**5.** Фигураи диолхоҳ ба худаш монанд аст.<br>**6.** Ду кунҷи баробар монанд аст.<br>**Таъриф.** Ду секунҷае, ки кунҷҳо ва тарафҳои мувофиқи баробар доранд, секунҷаҳои монанд номида мешаванд.<br><br><br>Яъне $\triangle ABC \backsim \triangle A_1B_1C_1$ " $\backsim$ "– ишораи монандӣ<br>Агар $\angle A_1 = \angle A$; $\angle B_1 = \angle B$; $\angle C_1 = \angle C$ ва $\frac{A_1B_1}{AB} = \frac{A_1C_1}{AC} = \frac{B_1C_1}{BC} = k$ бошад.<br>***Ҳал.***<br>Дода шудааст.<br>$\triangle ABC \sim \triangle A_1B_1C_1$<br>$BC = 28$<br>$B_1C_1 = 21$<br>$A_1C_1 = 18$<br>$AC = ?$<br>**Ҳал:**<br>$\frac{BC}{B_1C_1} = \frac{AC}{A_1C_1}$<br>$\frac{28}{21} = \frac{x}{18}$; $x = \frac{28}{21} \cdot 18 = 4 \cdot 6 = 24$ | **7 дақиқа** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Асосӣ | **Фаъолияти 2.** ***(пешниҳоди мавзӯи нав тавассути усул, методҳои гуногун дар шакли фаъолиятҳои таълим)*** | **Мисоли 1.** Катетҳои секунҷа а = 3 см ва в = 4 см дода шудаанд. Гипотенузаи ин секунҷа с – ро меёбем:<br>Дода шудааст:<br>а = 3 см<br>в = 4 см<br>Ёфта шавад: с – гипотенуза<br>**Ҳал:** Теоремаи Пифагор<br>$c^2 = a^2 + в^2$<br>аст. Қиматҳои а ва в – ро дар формула гузошта гипотенузаро меёбем<br>$c^2 = 3^2 + 4^2 = 9 + 16 = 25$<br>$c^2 = 25$<br>Аз ин ҷо $c = 5$ см<br>**Ҷавоб: 5 см.**<br>**Мисоли 2.** Агар с – гипотенуза, *a* ва *b* катетҳо бошанд, катети номаълумро меёбем: с = 5см, а = 4см<br>Дода шудааст:<br>с = 5 см<br>а = 4 см<br>Ёфта шавад: в – катет<br>**Теоремаи Пифагор**<br>***Теорема.*** Дар секунҷаи росткунҷа квадрати гипотенуза ба суммаи квадрати катетҳо баробар аст.<br><br> | **Мисоли 1.** Катетҳои секунҷа а=3см ва в=4 см дода шудаанд.<br>Гипотенузаи ин секунҷа с – ро ёбед:<br>Дода шудааст:<br>а = 3 см<br>в = 4 см<br>Ёфта шавад: с – гипотенуза<br><br>**Ҳал:** Аз теоремаи Пифагор $c^2 = a^2 + в^2$<br>$c^2 = 3^2 + 4^2 = 9 + 16 = 25$<br>$c^2 = 25;\ c = 5$ см<br>**Ҷавоб: 5 см**<br>**Мисоли 2.** Агар с-гипотенуза, *a* ва *b* катетҳо бошанд, катети номаълумро меёбем: с=5см, а=4см<br>Дода шудааст:<br>с = 5 см<br>а = 4 см<br>Ёфта шавад: в – катет<br>**Теоремаи Пифагор**<br>***Теорема.*** Дар секунҷаи росткунҷа квадрати гипотенуза ба суммаи квадрати катетҳо баробар аст.<br><br> | **7 дақиқа** |

**Асосӣ**

**Фаъолияти 3. (*пешниҳоди мавзӯи нав тавассути усул, методҳои гуногун дар шакли фаъолиятҳои таълим*)**



Расми 1



Расми 2

Акнун ин теоремаро исбот менамоем.

Дода шудааст:

$\Delta ABC$ – секунҷаи росткунҷа

$AB = c$ – гипотенуза

$BC = a$, $AC = в$ - катетҳо

Исбот карда шавад: $c^2 = a^2 + в^2$

Дар расми 2 квадрати $ABB_1A_1$-и тарафаш с сохта шудааст. Масоҳати ин квадратро меёбем:

$$S_{ABB_1A_1} = C^2$$

Аз расм мебинем, ки квадрати СДКМ ба воситаи тарафҳои $(a + в)$ тартиб ёфтааст.

$$СД = СМ = ДК = КМ = a + в$$

Аз ин ҷо масоҳати квадрати $S_{СДКМ} = (a + в)^2$-ро ёфта, онро бо (1) ишорат мекунем.

Аз тарафи дигар, мо чор секунҷаи росткунҷаи баробари $ABC$, $AA_1Д$, $A_1B_1K$ ва $BB_1M$ – ро мебинем. Аз ин ҷо масоҳати ин секунҷаҳои росткунҷаро меёбем:

$$S_{ADC} = S_{AA_1D} = S_{BB_1M} = S_{A_1B_1K} = \frac{1}{2} a \cdot в$$

Пас масоҳати квадратӣ $S_{СДКМ} = c^2 + 4 \cdot \frac{1}{2} a \cdot в = c^2 + 2a \cdot в$ баробар буда, онро бо (2) ишорат мекунем. Аз баробариҳои (1) ва (2) ишора кардагиамон ҳосил мекунем:

$$c^2 + 2 \cdot a \cdot в = a^2 + в^2 + 2 \cdot a \cdot в$$

Аз ин ҷо меёбем, ки $c^2 = a^2 + в^2$

Акнун биёед донишҳои гирифтаамонро ба воситаи ҳалли мисолҳо пурратар намоем.



Расми 1



Расми 2

Дода шудааст:

$\Delta ABC$ – секунҷаи росткунҷа

$AB = c$ – гипотенуза

$BC = a$, $AC = в$ – катетҳо

Исбот карда шавад: $c^2 = a^2 + в^2$

$$S_{ABB_1A_1} = C^2$$

$$СД = СМ = ДК = КМ = a + в$$

$$S_{СДКМ} = (a + в)^2 \qquad (1)$$

$ABC$, $AA_1Д$, $A_1B_1K$, $BB_1M$ –

$$S_{ADC} = S_{AA_1D} = S_{BB_1M} = S_{A_1B_1K} = \frac{1}{2} a \cdot в$$

$$S_{СДКМ} = c^2 + 4 \cdot \frac{1}{2} a \cdot в = c^2 + 2a \cdot в \qquad (2)$$

$$c^2 + 2 \cdot a \cdot в = a^2 + в^2 + 2 \cdot a \cdot в$$

$$c^2 = a^2 + в^2 .$$

**7 дақиқа**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Асосӣ** | **Фаъолияти 3.** ***(пешниҳоди мавзӯи нав тавассути усул, методҳои гуногун дар шакли фаъолиятҳои таълим)*** | Ба монандӣ мисоли якум аз теоремаи Пифагор истмфода мебарем. Қиматҳои маълумро аз баробарӣ меёбем:<br>$5^2 = 4^2 + в^2$<br>$25 - 16 = в^2$<br>$в^2 = 9$<br>$в = 3$<br>**Ҷавоб: 3 см**<br>**Мисоли 1.** Катетҳои секунҷа а = 3 см ва в = 4 см дода шудаанд. Гипотенузаи ин секунҷа с - ро меёбем:<br>Дода шудааст:<br>а = 3 см<br>в = 4 см<br>Ёфта шавад: с – гипотенуза<br>**Ҳал:** Аз теоремаи Пифагор $c^2 = a^2 + в^2$ аст. Пас қиматҳои а ва в – ро дар формулаи болозикр гузошта дарозии гипотенузаро меёбем.<br>$c^2 = 3^2 + 4^2 = 9 + 16 = 25$<br>$c^2 = 25$<br>Аз ин ҷо $c = 5$ см<br>**Ҷавоб: 5 см**<br>Гуфтан аст, ки секунҷаҳои тарафҳояш 3, 4 ва 5 сеукнҷаи мисрӣ мебошад.<br>**Мисоли 2.** Агар с – гипотенуза, *a* ва *b* катетҳо бошанд, катети номаълумро меёбем: с=13см, а=12см<br>Дода шудааст:<br>с = 13 см<br>а = 12 см<br>Ёфта шавад: в – катет<br>Ба мисли мисоли якум аз теоремаи Пифагор медонем, $c^2 = a^2 + в^2$ мебошад, пас қиматҳои маълумро дар баробари гузошта меёбем:<br>$13^2 = 12^2 + в^2$<br>$169 - 144 = в^2$<br>$в^2 = 25$ | $c^2 = a^2 + в^2$<br>$5^2 = 4^2 + в^2$<br>$25 - 16 = в^2$<br>$в^2 = 9;\quad в = 3$<br>**Ҷавоб: 3 см**<br>**Мисоли 1.** Катетҳои секунҷа а = 3см ва в=4см дода шудаанд. Гипотенузаи ин секунҷа с - ро ёбед:<br>Дода шудааст:<br>а = 3 см<br>в = 4 см<br>Ёфта шавад: с – гипотенуза<br><br><br>**Ҳал:** Аз теоремаи Пифагор<br>$c^2 = a^2 + в^2$<br>$c^2 = 3^2 + 4^2 = 9 + 16 = 25$<br>$c^2 = 25;\quad c = 5$ см<br>**Ҷавоб: 5 см**<br>Секунҷаҳои дорои тарафҳои 3, 4 ва 5 сеукнҷаҳои мисрӣ номида мешаванд.<br>**Мисоли 2.** Агар с – гипотенуза, *a* ва *b* катетҳо бошанд, катети номаълумро меёбем: с=13см, а=12см<br>Дода шудааст:<br>с = 13 см<br>а = 12см<br>Ёфта шавад: в – катет | **7 дақиқа** |

**Асосӣ**

**Фаъолияти 4.** *(пешниҳоди мавзӯи нав тавассути усул, методҳои гуногун дар шакли фаъолиятҳои таълим)*

$$в = 5$$

**Ҷавоб: 5 см**

Ин ҷо бояд қайд кард, ки дар ҳар ду масъала дарозиҳои тарафҳои секунҷаҳо ададҳои бутун мебошанд, чунин ададҳои махсусе, ки теоремаи Пифагорро қаноат мекунанд, сегонаи Пифагор номида мешаванд.

**Мисоли 3.** Трапетсияи баробарпаҳлуи ABCD дода шудааст. Асоси болоии он ба 4 см, тарафи паҳлуӣ ба 10 см ва асоси поёнӣ ба 20 см баробар аст. Масоҳати трапетсияро меёбем.




**Ҳал.** Аз нуқтаҳои B ва D ба тарафи AC хатҳои рости перпендикуляр фуроварда, онҳоро мувофиқан BE ва DK ишорат мекунем. Росткунҷаи BCKE-ро дида мебароем. Дар росткунҷаи мо тарафи BC=4см аст ва EK низ ба 4см баробар мешавад. Мувофиқи шарти масъала трапетсияи мо баробарпаҳлу аст, пас секунҷаҳои тарафи рост ва чапи он ба ҳам баробар мебошад. Онҳо дорои катетҳои баробар ва гипотенузаҳои баробар мебошанд. Аз рӯи аломати монандии секунҷаҳои росткунҷа онҳо монанд мебошанд. Порчаҳои KD ва AE байни ҳам низ баробар мешаванд. Дарозии тарафи AD ба 20см ва дарозии порчаи EK ба 4 баробар аст, пас

дарозии ин ду порча ба 16см ва ҳар яки он ба 8 см баробар мешавад.

Секунҷаи ABE – ро мебинем. Ин секунҷа росткунҷа буда,

$$с^2 = а^2 + в^2$$

$$13^2 = 12^2 + в^2$$
$$169 - 144 = в^2$$
$$в^2 = 25$$
$$в = 5$$

**Ҷавоб: 5 см**

Чунин ададҳои махсусе, ки теоремаи Пифагорро қаноат мекунанд, сегонаи Пифагор номида мешаванд.

$$3^2 + 4^2 = 5^2$$
$$13^2 = 12^2 + 5^2$$

**Мисоли 3.** Трапетсияи баробарпаҳлӯ ABCD дода шудааст. Асоси болоии он ба 4 см, тарафи паҳлуи ба 10 см ва асоси поёнӣ ба 20 см баробар аст. Масоҳати трапетсияро ёбед.




Дода шудааст:

ABCD – трапетсияи баробарпаҳлу

BC = 4 см

AB = 10 см

AD = 20 см

S - ?

**Ҳал.**

BE⊥AC ва DK⊥AC

BC = 4 см, ⇒ EK = 4см

ABCD – трапетсияи баробарпаҳлу

△ABE = △ DCK

BE = CK, AE = DK, AB = DC

**10 дақиқа**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Асосӣ | | гипотенузааш ба 10 см ва яке аз катетҳояш ба 8 см баробар аст.<br>Дарозии порчаи BE-ро аз рӯи теоремаи Пифагор меёбем. BE дар квадрат ҷамъи AE дар квадрат, ки он 8 дар квадрат мебошад ба AB дар квадрат, яъне 10 дар квадрат баробар мешавад. Ҳисоб мекунем, 10 дар квадрат ин 100, 8 дар квадрат ин 64. 100 тарҳи 64 ба 36 баробар аст. Яъне BE дар квадрат ба 36 ва худи BE ба 6 баробар мешавад. Ҳамин тариқ мо баландии трапетсияро ёфтем. Масоҳати онро бо осонӣ ҳисоб карда метавонем.<br>Масоҳати трапетсия ба нимсуммаи асосҳо зарби баландӣ баробар аст.<br>$S = \frac{AD + BC}{2} \cdot BE;$<br>$S = \frac{20 + 4}{2} \cdot 6$<br>$S = 12 \cdot 6 = 72$ см$^2$<br>**Ҷавоб:** 72 см$^2$ | △ABE ~ △ DCK, KD = AE,<br>KD + AE = 20 см – 4 см = 16 см,<br>KD = AE = 8 см<br>ABE – секунҷаи росткунҷа<br>$BE^2 + AE^2 = AB^2$<br>$BE^2 + 8^2 = 10^2$<br>$BE^2 = 100 - 64$<br>$BE^2 = 36$<br>$BE = 6$ см<br>$S = \frac{AD + BC}{2} \cdot BE$<br>$S = \frac{20 + 4}{2} \cdot 6$<br>$S = 12 \cdot 6 = 72$ см<br>**Ҷавоб:** 72 см$^2$ | |
| Ниҳоӣ | Ҷамъбасти дарс | Хонандагони азиз, боварӣ дорам, ки шумо дарси имрӯзаи моро бо диққат гӯш карда, онро аз худ кардед.<br>Барои боз ҳам мустаҳкам кардани донишҳоятон ба шумо аз дигар сарчашмаҳои китоби дарсӣ, адабиётҳои иловагӣ ва шабакаҳои интернети маълумотҳои иловагиро ҷамъовари намуда, ҳал кардани мисол ва масъалаҳои китоби дарсиатонро дар заминаи донишҳои худ тавсия медиҳам. | Агар дар рафти ҳалли корҳои мустақилона ва ҷавобе ёфтан ба савлоатон ба мушкилиҳо дучор шудед, метавонед қайдҳои худро аз дафтари кориатон такроран омӯзед ва ба саволатон мустақилона ҷавоб ёбед. | 2 дақиқа |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Эълони баҳо ва супориши хонагӣ | Шоргирдони азиз, касоне, ба вазифаи хонаги ҷавоб доданду дар дарси имрӯза низ фаъол буданд баҳоҳои ..... гирифтанд. Ба хонандагон пайи ҳам эълони баҳо (бал) гузаронида мешавад.<br>Мавзӯи имрӯзаро дар хона такрор карда як бори дигар хонед ва дар истифодаи онҳо мисоли зеринро ҳал кунед.<br>**Мисоли.** Трапетсияи баробарпаҳлӯи ABCD дода шудааст. Асоси болоии он ба 8 см, тарафи паҳлуӣ ба 20 см ва асоси поёнӣ ба 40 см баробар аст. Масоҳати трапетсияро меёбем.<br>Нақшаи масъаларо мустақилона тасвир кунед. | Намунаи нақшаи интизршаванда:<br><br><br>**Эзоҳ.** Вобаста ба истеъдоду малака ва маҳорати хонандагон дигар ҳолати тасвири он низ дуруст аст, агар ифодакунандаи шарти масъала бошад. | 3 дақиқа |

Мо ба ҷавонони бонангу номуси худ ва ба эҳсоси гарми ватандӯстии онҳо бовари бузург дорем, бо онҳо ифтихор мекунем, зеро онҳо воқеан соҳибону бунёдгарони ояндаи Ватан ва идомадиҳандагони кору фаъолияти созандаи мо ҳастанд.

***

Мо ифтихор дорем, ки ҷавонони мо ҳамқадами замони муосир мебошанд, талаботи асри навинро хуб дарк мекунанд, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дохили кишвар ва хориҷ аз он илму дониш меомӯзанд, забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои навтаринро аз худ менамоянд, ба корҳои илмиву таҳқиқотӣ машғуланд ва саъю талош доранд, ки ба ин васила дар раванди ободонии Ватан ва пешрафти давлат саҳми назаррас гузоранд.

***

Мо бо мақсади баланд бардоштани шавқу завқи ҷавонон ба омӯхтани илму дониш, пеш аз ҳама, илмҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ, кашфиёту навоварӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии онҳо ва ҳавасманд гардонидани ҷавонони болаёқату соҳибмаърифат, ки метавонанд дар оянда барои пешрафти давлат ва ҷомеа саҳми босазо гузоранд, стипендия ва ҷоизаҳои гуногун таъсис додем.

***

Вақте мо ҷавононро умеди фардои кишвар, неруи созанда ва захираи стратегии давлату миллат меномем, ин суханон танҳо шиор набуда, балки маҳз ба ҷавонон вобаставу пайваста будани ояндаи давлату миллатро ҳамчун як воқеият баён менамоянд, зеро давлат ва миллате, ки дар бораи насли ҷавони худ андеша мекунад, дар асл ояндаи худро таъмин ва устувор месозад. Маҳз ба ҳамин хотир, дар яке аз суханрониҳоям гуфта будам, ки «Рӯ овардан ба ҷавонон – рӯ овардан ба оянда» мебошад.

**Эмомалӣ Раҳмон**

# МАДЕҲАСАРОИ ВАТАН



Саидаи ФАЗЛ –
Аълочии фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Аксаран мардумоне, ки бо қаламу сухан кор доранд, ҳамеша кӯшиш мекунанд, ба марказҳои калонтари адабиву фарҳангӣ рӯ биоранд. Аммо ба ҳеҷ ваҷҳ устод Ҳақназар Ғоибро ба ин гурӯҳ наметавон шомил кард. Устод чун посдори анъанаҳои мардум, содиқ ба зодгоҳи худ дар Офтобликӯо монд ва чун рӯшангари маҳфилҳо, чун мизбони асил зодгоҳашро тарк накард. Ҳар нафаре, ки аз аҳли адабу фарҳанг ба Кӯлоб раҳсипор гардад, медонад, ки хонаи Ҳақназар Ғоиб меҳмонхонаи адибону фарҳангиён буду ҳаст.**

Кам иттифоқ меафтад, бо як шеър узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон шудани кас. Вале ба устод Ҳақназар Ғоиб муяссар шуд. Соли 1976 ӯ тавонист, устод Мирзо Турсунзодаро бо як шеъри худ мафтун намояд. Он шеър ё пайк, ки ӯро ба ин шараф ноил гардонд, ин аст:

*Бузургон дар ҷаҳон бисёр камчинанд,*
*Падарҳо камшумору тифлакони шӯх бисёранд.*
*Падарҳоро азизу муътабар дорем,*
*Ки онҳо хонаи моро чу болоранд,*
*Ки онҳо тахсутуни хонаи моянд...*
*Замини мо, агар гаҳвораи фарзанди инсон аст,*
*Пур аз бӯйи фараҳомези тифлон аст,*
*Пур аз ҷон аст,*
*Бузургони замин гаҳвораҷунбонанд...*



Ташбеҳҳои мувофиқ ва таносуби сухан, амсоли падаронро ба болор ва тахсутуни хона шабоҳат додан, ёдрас кардан аз мақоми падарон дар оила аст. Ё заминро ба гаҳвораи фарзанди инсон, ки саршори фараҳу оромӣ ва ҷон, яъне, зиндагӣ аст, монанд карда, бузургонро ба гаҳвораҷунбонон ташбеҳ додани шоир бар он маъност, ки тақдирсози миллат маҳз онҳоянд.

Воқеан, устод Турсунзода гавҳаршинос буд, чанд нафареро, ки шинохту ба узвияти ИНТ шомил гардонд ва дастгиру роҳкушояшон шуд, номбардори миллат ва шеъри тоҷик гаштанд. Ин шинохтро дигарон ҳам эътироф кардаанд. Аз ҷумла, Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самад дар бораи дастгириҳои устод гуфтааст: «Осори ӯ ҳазорсолаҳо барои миллати тоҷик, барои адабиёт ва барои дӯстдорони шеър хидмат мекунад... Ҳақназар сабки навишти хос дорад ва агар сад нафар бо имзои ӯ нависад ҳам, шеъри ӯ фарққунанда аст».

Ҳар шоир аз ҷониби ҳамкасбу ҳамқалами худ баҳои сазовор гирифта наметавонад. Аммо ба ҳунари шоирии устод Ҳақназар Ғоиб ҳамқаламон, адабиётшиносон, ҳаводорони шеъраш ба таври хос баҳо медиҳанд. Ҷое шоир ва мунаққиди хуби имрӯз Аскар Ҳаким ӯро шоири модарзод номидааст. Ба таъкиди ӯ, «Ҳақназар бо як диди хос ба дунё омада, ...ҳақиқатан ҳам, шоири асил аст ва сурудаҳояш дар забони мардум ва ҳофизони мумтоз ва аз ҳама муҳиммаш, дар забони онҳоеанд, ки шеърро хуб мешиносанд».

Ҳақназар Ғоиб ба мавзуъҳои худшиносӣ, ватандорӣ, гиромидошти арзишҳои миллӣ, ахлоқ, муҳаббат ба халқу ватан, ба зан, ба ҷавонӣ, ба китоб, дар умум, ба инсон зиёд рӯ меорад. Дар ашъори шоир масъалаи худшиносӣ мақоми хосае дорад. Устод аз тоҷик будан, аз ориёӣ будан, аз ватандори кишвари ориёӣ будан, аз он ки фарзонафарзанде пайдо шуда, тоҷикро соҳибдавлат ва миёни ҷаҳониён маъруф гардонд, аз Истиқлол ва неъматҳои он, аз забону модари хеш, аз иқдомҳои Пешвои миллат рушди дар масъалаи худшиносӣ ҳамеша ифтихор дорад. Ӯ дар чеҳраи тоҷик гузаштагони хирадманду фарзона ва таъриху забони миллати худро мебинад:

*Дар чеҳраи тоҷик ориён бишносем,*
*Таъриху бузургии забон бишносем.*

*Бо зикри забон забони ҷон зинда шавад,*
*То худ ба забони гарми ҷон бишносем.*

Истиқлол – неъмати бузурги даврон ба тоҷик имкон дод, ки тоҷбарсар шавад. Ин ҳодисаи накуи таърихӣ шоирро ба ваҷд овардааст:

*Тоҷики ман тоҷи зар бар сар шудӣ,*
*Аз дигар лоиқ ба тахти зар шудӣ.*
*Ёфтӣ тоҷат зи истиқлоли хеш,*
*Миллати арзандаи кишвар шудӣ,*
*Ин Ватан волотарин меҳроби туст,*
*Ҷойи хуршеди тую маҳтоби туст.*

Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори шоир фаровон ба назар мерасад. Дар ин шеър ҳамқофия шудани «зар»-у «сар», «меҳроб»-у «маҳтоб» ба шеър оҳангу ҷаззобияте эҳдо намудаанд. Чунин қофиясозӣ дар шеъри дигари ӯ ҳам, ки ба васфи Парчам бахшида шудааст, хуб корбаст шудааст:

*Парчами нангу номи мо,*
*Пораи ҷисму ҷони мо.*
*Нуру зиёи чашму дил,*
*Парчами Коваёни мо.*
*Бол кушо, бол кушо, бол кушо*

*Ранги ба ранг,*
*Сабзу сафеду лоларанг,*
*Тоҷу ситораҳот қашанг.*
*Тоҷи сар астӣ, эй Ватан,*
*Ҷони ман астӣ, эй Ватан*

Санъати муколама ҳам дар эҷодиёти шоир мавқеи хоса дорад. Хусусан, дар ашъори ватанпарварона ва марбут ба худшиносӣ аз ин санъат зиёд истифода шудааст.

Ин восита дар риояи таносуби сухан ҷойи дигар хуб ба кор рафтааст:

*Эй хок! Ту хонаиву дастархонӣ,*
*Эй хона! Ту сарпаноҳи фарзандонӣ.*
*Эй кӯҳ! Ту пуштибони мардони бузург,*
*Эй мард! Ту пуштибони кӯҳистонӣ.*

Шоир ба мавҷудоти ғайризинда муроҷиат карда, ёдрас месозад, ки рисолати ин мавҷудот дар табиат ва зиндагӣ муҳим аст. Хоку хонаю кӯҳро мухотаб қарор додани шоир моҳияти рамзӣ дошта, хусусияту зарфияти ин мавҷудотро ифода мекунад. Хок ишора ба сарзамини тоҷикон, хона ватани аҷдодӣ, кӯҳ – матонату устувории фарзандони меҳнатдӯсту барӯманду кишварро таҷассум месозанд.

Дар мисраи ҷамъбастӣ, ба мард ишора кардан, маънои родмардони ватанро дорад. Ба ин васила, шоир ормони шоирии худро рӯйи коғаз оварда, осоишу оромиши рӯзгорро ба инсонҳо таманно мекунад.

Дар достонҳои шоир низ ҳасрати қаҳрамони ғиноӣ аз ҳаводиси мураккаби зиндагӣ ва рухдодҳои нангини диёр, аз ашки шашқатори кӯдакону модарони дилфигор, аз он ки тоҷик то кадом андоза ба рӯзгори фоҷиаборе дучор шуд, тавассути рамзҳо воқеан, ҳунармандона баён мегирад. Силсилаи достонҳои ӯ – «Эҳёнома», «Ҳасрати Фирдавсӣ», «Ҳасрати Эйнштейн», «Ашки Офтоб», «Сурӯши Хатлон» ва ғ. дар эҷодиёти шоир ҷойгоҳи арзишмандеро доро мебошанд. Мегӯянд, ки унвон бори маъниро мебардорад. Ин гуфта ба эҷодиёти устод комилан мувофиқ меояд. Ба ҳамин монанд, китобҳои шоир номҳои рамзӣ доранд, ба мисли «Тӯшаи роҳ», «Рамзи ҳаёт», «Нигоҳи гарм», «Зинароҳ», «Атри гиёҳ», «Тоҷи Офтоб», «Чашми саҳар», «Барги сабзи ишқ», «Дардномае ба миллат», «Сурӯши Хатлон», «Ашки Офтоб», «Таронаҳои маҳтобӣ», «Аз қафои шишаи борон», «Хаймаи нур», «Зинда бо гудозишҳо», «Сарнавишт», «Ашки Офтоб», «Нафас то бар нафас овози вақт аст», «Қиссаи аспи хатлӣ», «Навҳаи Фирдавсӣ бар марги Рустам», «Муқаддаснома», «Дар бистари нарми гул», «Муждаҳои ориёӣ».

Устод Ҳақназар Ғоиб дар тарҷума ҳам муваффақ аст. Ӯ ашъори шоирони гуногунро ба забони тоҷикӣ баргардонда, робитаи адабиро миёни адибони халқу миллатҳо устувор нигоҳ доштааст. Ин самти фаъолияти устод аз назари Муҳаммад Ғоиб – Шоири халқии Тоҷикистон дур намондааст. «Ҳатто бисёри онҳо барои ман дастрас набуданд ва ҳатто намедонистам, ки чунин ганҷинаҳо дорем», - мегӯяд ӯ.

Солҳое муқаддам аз ин, ба ифтихори 50-солагии фаъолияти эҷодии шоир, бо дастгирии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати шаҳри Кӯлоб ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар кишвар ҳудуди се моҳ озмуни «Ҳақназархонӣ» дар сатҳи баланд сурат гирифт.

Ҳақназар Ғоиб шоири мардумӣ, шоири асил, вассофи ишқ, тарғибгари сулҳу дӯстӣ, озодӣ ва нигаҳдори арзишҳои миллӣ мебошад. Эҷодиёти ӯ аз нигоҳи адабиётшиносони маъруф борҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, ӯро чун симои намоёни адабиёти имрӯза нишон додаанд.

# МУАММОИ «ҒАЛАБАИ БУЗУРГ МУБОРАК!»



1. Иштирокчии ҶБВ, Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ. 2. Асаре, ки ба мавзуи ҷанг бахшида шудааст. 3. Подош, натиҷаи заҳматҳо дар ҷанг. 4. Миллати саркардаи ҷанг. 5. «Суруши ***», достони адабиёти муосири тоҷик. 6. Дарёе, ки соли 1943 яке аз калонтарин ҳодисаҳо дар он ба вуқуъ пайвастааст. 7. Адиби тоҷик, иштирокдори ҶБВ. 8. Маҳкам шудан, устувор гардидан. 9. Қаҳрамони достони М. Турсунзода – «Писари Ватан». 10. Тоҷикписар, қаҳрамони ҶБВ. 11. Шаҳр дар Россия. 12. Дарё дар Россия, ки исмаш дар достони «Суруши Сталинград»-и М. Қаноат ҳаст. 13. Биное, ки дар он байрақи ғалаба овехта шудааст. 14. Давлати саркардаи ҷанг. 15. Мафҳуми якдигарфаҳмӣ. 16. Газета дар солҳои ҷанг. 17. Шакли кӯтоҳшудаи исми яроқи ҷангӣ. 18. Шаҳри қаҳрамон. 19. Муаллифи очерки «Чингизи асри 20». 20. Арбоби ҳаракати коргарии Испания ва байналхалқӣ, ки писараш – Рубен дар мудофиаи Сталинград ҳалок гардид ва соҳиби унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ шуд. 21. Амали математикӣ. 22. Генералиссимус. 23. Нахустин Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ аз Осиёи Миёна. 24. Навъи мошини ҷангӣ. 25. Шаҳри қаҳрамон. 26. Зодгоҳи ҳар кас. 27. Фатҳу кушоиш. 28. Ҷумҳурии собиқ ИДМ. 29. Дарё, шоҳиди ҷонбозиҳо дар ҷанг. 30. «Тори ***, асари Ҷ. Икромӣ. 31. Фасле, ки ҷанг шуруъ шуда буд. 32. «Нанг ва «***». 33. Исми адиби тоҷик, ки солҳои ҷанг дар газетаи ҳарбӣ фаъолият кардааст. 34. Фосила, дурӣ, мобайни ду ҷой. 35. Муаллифи достони «Нону имон». 36. Сурх, сафед, сиёҳ. 37. Яке аз ҳамақидаҳои Гитлер. 38. Ҷирми осмонӣ. 39. Исми саркардаи ҶБВ. 40. Як навъ ароба. 41. Муродифи вожаи «мактуб». 42. Ҳар чизи ба муҳлати муайян додашуда. 43. Истилоҳи соҳаи ҳарбӣ, тиру ***. 44. Мошини ҷангӣ. 45. Ҳаммаънои «раҳмат». 46. Вайрон кардани хати ҷанг. 47. Асилӣ, наҷобат, асилзодагӣ. 48. Ид, ҷашн. 49. Ба асорат гирифташуда. 50. Донаи шоҳмот. 51. Ҳуҷҷат, воситаи муайян кардани ҳудуди шаҳру давлатҳо. 52. Хурдтарин қисми элементи химиявӣ, ки массаи бағоят хурд дорад. 53. Давлат, кишвар. 54. Маршали Иттиҳоди Шӯравӣ, сарфармондеҳи як қисмси артиши ИҶШС дар ҶБВ. 55. Моддаи химиявӣ. 56. Пойтахти давлат дар Осиёи Миёна. 57. Маркази Ҷумҳурии Арманистон. 58. Оташро ҳамин тавр гӯянд.

*Мураттиб Ҳотами ҲОМИД*